ISSN 2226-9355

# ПАЁМИ ДОНИШКАДАИ ЗАБОНҲО

*(силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих ва фалсафӣ)*

# ВЕСТНИК института языков

*(серия филологических, педагогических, исторических и философских наук)*

**1 (25)**

**ДУШАНБЕ - 2017**

**Шӯрои таҳририя**

**Сармуҳаррир:**
Раҷабзода М.
**Ҷонишини сармуҳаррир:**
Маҳмадҷонов О.О.

**Котиби масъул**
Носиров М.

**Ҳайати таҳририя**

Доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи АИ ҶТ, директори институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакӣ
Доктори илмҳои педагогӣ, узви вобастаи АТТ
Доктори илмҳои филологӣ, профессор
Доктори илмҳои фалсафа, профессор, муовини директори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. М. Баҳоваддинови АИ ҶТ
Доктори илмҳои фалсафа, профессор, директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ
Доктори илмҳои филологӣ, профессор
Доктори илмҳои филологӣ, профессор
Доктори илмҳои филологӣ, дотсент
Доктори илмҳои филологӣ, дотсент
Доктори илмҳои филологӣ, дотсент
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

**Редакционной совет**

**Главный редактор:**
Раджабзода М.
**Заместитель главного редактора:**
Махмаджанов О.О.

**Ответственный секретарь**
Носиров М.

**Редакционная коллегия**

С. Раҳматуллозода
С. Ш. Шербоев
А. Худойдодов
М. Т. Маҳмадҷонова
Х. Зиёӣ
П. Ҷ. Ҷамшедов
Ш. Исмоилов
Ш. Исрофилниё
Ф. М. Турсунов
Р. Қ. Восиева
С. Шосаидзода

Шаҳодатномаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сабти номи ташкилотҳои табъу нашр №0139/МҶ аз 22.12.2014

Свидетельство о регистрации организаций, имеющих право печати в Министерстве культуры РТ №0139/МЧ от 22.12.2014

Индекси обунашавӣ дар феҳрасти «Почтаи тоҷик» - 77718
Маҷаллаи илмӣ-назариявии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода «Паёми Донишкадаи забонҳо» аз соли 2011 нашр мешавад.

Подписной индекс в каталоге «Почтаи точик» - 77718
Научно-теоретический журнал Таджикского государственного института языков им. С. Улугзода «Вестник института языков» издаётся с 2011г.

**©Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**
**©Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода**

## МУНДАРИҶА


| | |
|---|---|
| **ЗАБОНШИНОСӢ-ЯЗЫКОЗНАНИЕ** | |
| **Маҳмадҷонов О.О, Маҳмадҷонова М.Т.** Гендер: ҷанбаҳои лингвистӣ ва иҷтимоӣ | **4** |
| **Соҳибназарова Ҳ.** Санъати сухан дар раванди тарҷума | **12** |
| **Мирзоева Г.Х.** О несвободных словосочетаниях и грамматичесском член предложений в русском языке | **17** |
| **Ҷумъаева М.Т.** Монологизм, билингвизм ва мултилингвизм дар хизмати давлатӣ | **23** |
| **ЗАБОНШИНОСИИ МУҚОИСАВӢ-СОПОСТАВИТЕЛЬНОЕ ЯЗЫКОЗНАНИЕ** | |
| **Турсунов Ф. М.** Значение и роль опосредованного перевода | **27** |
| **Бобоалиева З.П., Рачабалиева М.М.** Муқоисаи иборасозӣ бо феъли доштан (avoir, haben) дар забонҳои фаронсавӣ ва олмонӣ | **32** |
| **Мирзоджалолова Г.М., Бердов Д.Б.** Грамматические категории падежей в немецком языке в аспекте сопоставления с русским | **36** |
| **Саидқадамова Ш.** The structure of the semantic analysis of conjunction in modern English and Wakhan languages | **41** |
| **Ҳамроев О.А. Саидова Д.** Хабар ва намудҳои он дар забони англисӣ | **49** |
| **Ахмедова А.А.** Сиғаи феълӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ | **53** |
| **АДАБИЁТ-ЛИТЕРАТУРА** | |
| **Худойдодов А.О.** Мирзо Турсунзаде и литературный процесс | **59** |
| **Восиева Р.К.** Роман об Александре в средневековой персидско-таджикскской прозе | **67** |
| **Давлатбеков Л.** Назаре ба хусусиятҳои қасидаи шоирони Бадахшон | **73** |
| **Шарипов Ш. Р.** Хусусиятҳои хоси ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ | **79** |
| **Гулихандони М.** Таъвил ҳамчун вижагии муҳими қиссапардозиҳои Мавлоно дар «Маснавии маънавӣ» | **90** |
| **Салимова З.** Мақоми қасида дар байни дигар жанрҳои шеърии асрҳои XIII-XIV | **96** |
| **ТАЪРИХ –ИСТОРИЯ** | |
| **Икромов Ғ.Х.** Ваҳдати миллӣ – сабақи таърих | **101** |
| **Начмуддинов Ш.** Нақши конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар инкишофи қонунгузорӣ дар бораи замин | **106** |
| **Миракзода Ф.Ю.** Бозори туризми муосир ва дурнамои рушди он | **111** |
| **ФАЛСАФА-ФИЛОСОФИЯ** | |
| **Мухторова Ф.С.** Пайдоиши гендершиносӣ ҳамчун илм | **120** |
| **Бобоев К.Б.** Политическая социализация как средство обеспечения устойчивости политической системы | **126** |
| **Кобилов М.З.** Цивилизация таджиков и проблемы национальной безопасности | **135** |
| **ПЕДАГОГИКА** | |
| **Рачабзода М.** Арзёбии педагогии пажӯҳишҳои академик Шарифзода Файзулло | **140** |
| **Заробекова М.Н.** Формирование читательской компетенции и компетентности учащихся | **147** |
| **МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМ -МЕТОДИКА ПРЕПОДАВАНИЯ** | |
| **Ашурова Б.** Технологияи таълим ва истифодаи метоҳои муосир дар дарс | **156** |
| **Игамбердиева С.Н. Рахимова М. Э.** Обучение русскому языку в условиях блингвизма | **161** |
| **Ҷонов С. Т**аълими инноватсионии забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ | **166** |

# ГЕНДЕР: ҶАНБАҲОИ ЛИНГВИСТӢ ВА ИҶТИМОӢ

***Маҳмадҷонов Олимҷон Обидҷонович*** *- доктори илмҳои филологӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6, телефон: 918 85 00 46: e-mail: Olimjonmuhammadjon@gmail.com*

***Маҳмадҷонова Муҳиба Талъатҷонова*** *- доктори илми фалсафа, профессор, муовини директори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, телефон: 918 85 00 46, e-mail: Olimjonmuhammadjon@gmail.com*

Дар мақола ҷанбаҳои сотсиолингвистии мавзӯи гендер мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Муаллифон қайд менамоянд, ки муҳаққиқони тоҷик дар самти омӯзиши масоили гендерӣ гомҳои нахустин гузошта истодаанд ва зарур аст, ки ин қадамҳо бо дарки дурусти мавзӯъ ифодаҳои дақиқу мувофиқ ва мавриди қабули ҳамагон сурат гирад.

***Калидвожаҳо:*** *гендер, муносибати гендерӣ, сотсиолингвистика, забоншиносии феминистӣ, антропотопонимҳо, топонимия ва микротопонимия, фаъолиятҳои феминистӣ.*

# ГЕНДЕР: ЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ И СОЦИАЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ

***Махмаджанов Олимджон Обиджонович*** *- доктор филологических наук, профессор, проректор по науке и инновации Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, телефон: (918) 85 00 46, e-mail: Olimjonmuhammadjon@gmail.com*

***Махмаджанова Мухиба Талъатжоновна*** *- доктор философских наук, профессор, заместитель директора института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академиии наук Республики Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 33, телефон: 918 85 00 46, e-mail: Olimjonmuhammadjon@gmail.com*

В статье рассматриваются социолингвистические аспекты гендерной проблемы. Авторы отмечают, что таджикские исследователи делают первые шаги в направлении изучения гендерных проблем и необходимо, чтобы данные исследования проводились со знанием тематики, с использованием емких и точных определений и были принята всеми исследователями.

***Ключевые слова:*** *гендер, гендерные отношения, социолингвистика, феминистическое языкознание, антропотопонимы, топонимия и микротопонимия, феминистическая деятельность.*

# GENDER: LINGUISTIC AND SOCIAL ASPECTS

***Mahmadjonov Olimjon Obidjonovich*** *- doctor of philology, professor, vice-rector on science and innovations of the Tajik State Institute of languages named after Sotim*

*Ulughzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (918) 85 46 00 e-mail: Olimjonmuhammadjon@gmail.com*

***Mahmadjonova Muhiba Talatjonovna** - doctor of philosophy, professor, vice-director of the Institute of philosophy, political science and law named after A. Bahovaddinov of Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Rudaki Avenue, tel: 918 85 00 46, e-mail: Olimjonmuhammadjon@gmail.com*

The article examines the sociolinguistic aspects of gender issues. The authors note that Tajik researchers make the first steps in the direction of the study of gender and it is necessary that these steps have been taken with knowledge of the subject, using a succinct and accurate definitions and adopted by all researchers.

***Keywords**: gender, gender relations, sociolinguistics, feminist linguistics, anthroposophie, toponymy and linguistic, feminist activity.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва гомҳои нахустини худ барои бунёди ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёду озод ба мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ гардид. Ин мушкилот, пеш аз ҳама, дар интихоби роҳу равиши дурусту муайянкунандаи дурнамои сиёсати давлат, мамлакат барои ояндаи наздиктарини эъмори ҷомеаи мутамаддине буд, ки ба сиёсати онрӯзаи ҷомеаи тоҷик, ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи башарӣ халале ворид насозад. Дар ин давраи тақдирсоз моро лозим омад, ки дар баробари пеш гирифтани роҳу равиши мусолиматомез бо неруҳое, ки ҷомеаи онрӯзаи тоҷикро ба ҷунбиш ва ҳаракат оварда буданд, истодагарӣ карда тавонем ва якпорчагии кишвари тозаистиқлолро ҳифз карда тавонем. Мутаассифона, чархи таърих ба нафъи мардуми мо давр нахӯрд ва дар ҷомеаи онрӯзаи мо чунин ҳолат сурат нагирифт ва кишвари моро ба нокомиҳо рӯ ба рӯ намуд, ки то имрӯз хисороти он мавҷро мо ҷуброн карда истодаем.

Имсол мо 26-умин маротиба соҳибистиқлолии кишварамонро ҷашн мегирем ва ин 26 сол барои таърих муддати на он қадар тӯлонӣ аст, вале барои мо, фардони ҷомеа, соҳибватанон замонест, ки имкон дорем, ки ба гузаштаи начандон дури кишвари худ назар андозем ва бурду бохт ва комёбию нокомии онро аз диди имрӯз ва дар баробари равандҳои сиёсию иқтисодӣ, фарҳангиву идеологии ҷомеаи башарӣ баррасӣ намоем.

Албатта, ин чиз мусаллам аст, ки бо вуҷуди ҳодисаву воқеаҳои нохуши солҳои сипаригашта дар ҷомеаи мо ақли солим боло гирифт ва дар ҳамин давраи мушкилтарини истиқлолиятхоҳии ҷомеаи тоҷик фарде ба роҳбарии кишвар интихоб гардид, ки бо диди нав, нигоҳи тоза, назари нек ба ояндаи кишвар назар андӯхт ва аз қадамҳои нахустин талош ба он варзид, ки мардуми кишварро ҷамъ оварад ва пеш аз ҳама, якпорчагии мардуми кишвар ва марзи мамлакатро устувор намояд. Дар ҳамин давраи тақдирсози кишвар, ки бо пошхӯрии сохти давлатдории абарқудрати шӯравӣ ва идеологияи он рост омад, ба ҷомеаи мо ҳамчун узви ин сохтори пошхӯрдаи шӯравӣ мавҷи равандҳои нав, ҷунбишҳои тоза ворид гардиданд.

Ҳамзамон бо ин ҳаракатҳо ҷанбаҳои нави мафҳумҳое роҳ ёфтанд, ки дар мафкураи мардумони мо ва идеологияи замони шӯравӣ бо рангу фаҳмишҳои мухталиф ҷой доштанд. Мо дар ин бобат мафҳуму равандҳоеро дар назар дорем, ки бо равандҳои ҷомеаҳои пешрафта ва мутамаддини ҷаҳонӣ аз қутби дигар ба зиндагӣ ва кору фаъолияти ҳаррӯзаи мардуми мо дохил гаштаанд.

Дар замони ҳокимияти шӯроҳо мафҳумҳои «миллатгаро», «миллатдӯст», «мансабхоҳ», «худшиносии миллӣ» то андозае хусусияти манфӣ пайдо намуда буданд ва имрӯз ин истилоҳҳо боз бо ранги нав ва ҷилои тоза рӯи кор омаданд. Бояд имрӯзҳо ҷанбаҳои мусбати ин мафҳумҳо аз ҷониби пажӯҳишгарон ҳамаҷониба зери таҳқиқ гирифта шаванд ва барои ҷавонон – наслҳои ояндаи ҷомеаи тозаистиқлоли мо шаклҳои дурусту фаҳмо ва усулу равишҳое пешниҳод карда шаванд, ки ба фарҳангу маънавиёти ҷомеаи мо созгор ва қобили қабул бошанд. Инчунин ба ҷавонон талқин ва роҳнамоӣ карда шавад, ки шахс, фарди соҳибмиллат бояд миллати худ, ватани худ, сарзамини худро дӯст дорад ва ба рамзҳои давлати худ, муқаддасоти фарҳангии худ арҷ гузорад, онҳоро омӯзад ва ба дигарон омӯзонад. Дар баробари ин, ба фарҳанги дигари миллатҳо, расму русум, анъаноти дигар мардумон эҳтиром гузорад. Аз он фарҳангҳо ҷанбаҳои пешрафта, ҷолиб ва қобили қабулашро иқтибос намояд ва дар чаҳорчӯбаи расму русум, суннат ва фарҳанги хеш онро такмил дода, ба ҷомеа пешкаш намояд.

Имрӯз раванди глобализатсия ва ё ҷаҳонишавӣ ба воситаи технологияи нави пурқудрати муосир - компютер ва Интернет - шабакаи ҷаҳонӣ ба тамоми бахшҳои фаъолияту зиндагии роҳ ёфтааст. Албатта, ҳар як падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ бо ду қутб ба ҷомеа роҳ меёбад: яке мусбат - манфиатбахши ҷомеа ва дигаре манфӣ - таконбахши ҷомеа. Моро лозим аст, ки дар чорроҳаи сарнавиштсози миллат роҳи дурусту солимро интихоб карда тавонем ва аз амвоҷи равандҳои ҷаҳони глобализатсия бидуни хисорае раҳоӣ ёбем.

Аз ин рӯ, моро лозим аст, ки ҳамқадами замони худ бошем ва аз тамоми таҳаввулот ва тағйироте, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ рух медиҳад, бохабар бошем, андешаи озодонаи худро дошта бошем ва аз он ҳаракатҳо барои худ ва ҷомеаи худ чизи судманде гирифта тавонем ва ё ин равандҳоро ба нафъи ҷомеаи худ ва ба хизмати ҷомеаи худ равона карда тавонем.

Яке аз равандҳо ва ҷунбишҳое, ки дар солҳои охир ба ҷомеаи соҳибистиқлоли мо ворид гардид, ин ҳаракати гендерӣ ва дар баробари он мафҳуми «гендер» ва «гендершиносӣ» мебошад. Ин мафҳум ва ин раванд ба ҷомеаи бегона ва ё нав набуд. Ин ҳаракат дар ҷомеаи мо мавҷуд буд, вале бо номи дигар ва тарзу равиши дигар ва доираи истифодааш низ то андозае танг буд, яъне дар чаҳорчӯбаи илми забон омӯхта мешуд.

Дуруст аст, ки забон ҳодисаи ҷамъиятӣ аст ва ҳар як падидаи наве, ки дар ҷомеа рух медиҳад, ҳатман дар забон таҷассум меёбад ва тавассути забон барои ҷомеа пешниҳод мегардад. Муносибати гендерӣ низ падидаи иҷтимоиест, ки дар ҷомеаи инсонӣ зуҳур кардааст ва ҳамчун илм дар ҷомеаи инсонӣ омӯхта мешавад, ки яке аз бахшҳои ин раванди тозаэҷоди илм дар ҷомеашиносӣ бо унвони лингвистикаи иҷтимоӣ (сотсиолингвистика) ёд мешавад.

Гендер ё муносибат ва ё тафриқаи гендерӣ масъалаест, ки аз замонҳои қадим дар ҷомеаи башарӣ вуҷуд дорад ва дар ҳаёти ҷамъият ва афкори мардум бозтоби худро ёфтааст. Ҳамзамон бояд зикр намуд, ки муҳаққиқон ба ин масъала ҳамчун ба яке аз ҷанбаҳои сотсиолингвистика – забоншиносии иҷтимоӣ тайи чанд соли охир рӯ овардаанд. Ин таваҷҷуҳ бо фаъолиятҳои феминистии ҷаҳон робита дошта, дар радифи ҳаракати баробарии иҷтимоӣ ҷустани занон дар баробари мардон рушду инкишоф ёфтааст.

Албатта, метавон бо андешаву пешниҳодҳои бархе аз пажӯҳишгарон ҳамфикр буд, аммо бояд бо дарназардошти гуногунақидагии муҳаққиқони бахшҳои мухталифи ҷомеашиносӣ сари ин масъала андеша намуд. Ҷанбаи дигар он аст, ки олимону мутахассисони бахшҳои мухталифи ҷомеа (забон, фалсафа, тиб ва ғ.)

дар бобати омӯзиши масоили гендерӣ гомҳои нахустин гузошта истодаанд ва зарур аст, ки ин қадамҳо бо дарки дурусти мавзӯъ, ифодаҳои дақиқу мувофиқ ва мавриди қабули ҳамагон сурат гирад.

Мо дар ин ақидаем, ки истилоҳи «гендер» ифодагари дарки тафриқаҳои иҷтимоии байни марду зан мебошад. Он дар асл вожаи инглисии gender – ҷинс буда, қаблан ба ифодаи ҷинсҳои грамматикӣ (мардона, занона, миёна) омадааст ва баъдан бо таҳқиқи муносибати ду ҷинс дар бахшҳои гуногуни иҷтимоӣ, чун истилоҳи илмӣ – иҷтимоӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Азбаски ин мафҳум дар тарҷумаи «ҷинс», «ҷинсият» имрӯз мазмуну мундариҷаи ҷамъиятии худро маҳдуд месозад, беҳтар он аст, ки аз истилоҳи байналмилалии гендер истифода ба амал меояд.

Дуруст аст, ки таърихан дар забони тоҷикӣ ҷинсият ҳамчун категорияи грамматикӣ мавҷуд буд ва баъдтар дар давраҳои манбаъдаи рушду инкишофи забонҳои эронӣ ва минҷумла, забони тоҷикӣ ин хусусиятро аз даст дод. Имрӯз мо дар забонҳои мустаъмали ба забони тоҷикӣ хеш – забонҳои мардуми Бадахшон ифодашавии ин категорияи грамматикиро ба хубӣ дида метавонем. Ҳарчанд ки ин категорияи грамматикӣ дар аксарияти забонҳои эронӣ – ҳам шарқиву ҳам ғарбӣ аз байн рафтааст ва мо хушбахтона, ҳифз шудани ин хусусияти муҳими грамматикиро дар забонҳои имрӯзаи помирӣ мушоҳида карда метавонем, ки аз ҷониби муҳаққиқон ҳамаҷониба таҳқиқ шудааст [2, 61 – 69; 24 - 44]. Дар забони муосири тоҷикӣ ифодашавии ин хусусияти грамматикӣ мунтаҳо дар исмҳои хос, махсусан, антропонимия ва топонимияи он зоҳир мегардад.

Омӯзиши топонимҳо дар радифи гендершиносӣ яке аз қисмҳои камтадқиқшуда ва нисбатан чавони илми забоншиносии кунунии тоҷик ба шумор меравад. Бо вуҷуди ин, муҳаққиқони тоҷик дар солҳои охир кӯшидаанд, ки ба ин масъала аз ҷанбаҳои гуногуни он даст зананд ва тадқиқотҳои номшиносии минтақаҳои алоҳидаи Тоҷикистон ва хамчунин кишварҳои ҳамҷавори мо – Афғонистону Эрон исботи гуфтаҳои болоянд. Олимон ба таври мушаххас номҳои ҷуғрофии як минтақаро омӯхта ва ё ба таври умумию ҷузъӣ дар баробари таҳқиқи шеваю лаҳҷа, таъриху этнография, баррасии хусусиятҳои лексикии осори таърихӣ ба ин масъала дахл намудаанд.

Бояд зикр намуд, ки имрӯз дар баробари таҳаввулоти куллии сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии фарогири ҷомеа нигоҳи олимон, муҳаққиқон ба ҷанбаҳои гуногуни забоншиносии тоҷик, аз ҷумла номшиносӣ аз диди нав, мувофиқи шароити нав ба мушоҳида мерасад. Дар баробари ин таваҷҷӯҳи забоншиносонро масъалаҳои наве, ки аз ҷониби ҷомеаи имрӯза ба миён омадаанд, аз қабили баррасии гендер дар забон ҷалб намудаанд.

Инсон барои танзими фаъолияти ҳамоҳангсозию робитавиаш объектҳои марбути таъсирашро нишонӣ мегузорад ва дар ин раванд мисли дигар ҷанбаҳои забон дар худ нақши ҳаёти иҷтимоии мардумро равшан менамояд. Дар он алалхусус, нақши фарҳанг, шуури иҷтимоии халқ, анъанаҳову расму оинҳо, хулоса хусусиятҳои этносотсиалии мардум ба назар мерасанд.

Табиист, ки дар номгузории маҳалҳои бо фаъолияти марду зан вобаста хусусиятҳои иҷтимоии ҷинсияти забоншиносӣ дар робита бо ҷанбаҳои этносотсиалии мардуми маҳал бараъло инъикос ёфтааст. Баррасии номвожаҳои ҷуғрофие, ки дар онҳо бозтоби ҷанбаҳои забоншиносии ҷинсият мушоҳида мешавад, мазмуни пажӯҳишҳои гендер дар топонимикаро ташкил медиҳад.

Масъалаи мазкур ба таври фишурда ва ё умумӣ дар қисмҳои нави забоншиносии тоҷик, аз қабили антропонимика ва топонимикаи статистикӣ (антропотопостатистика) ва лингвистикаи иҷтимоӣ (социолингвистика) аз

ҷониби муҳаққиқони ҷавон мавриди таҳлилу омӯзиш қарор ёфта истодааст. Ҳамчунин бояд таъкид кард, ки дар таҳқиқоти маъруф оид ба топонимикаи тоҷик танҳо ба зоҳири масъала – ифодаи ҷинсияти лингвистии номҳо таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст, вале аз баррасии иллатҳои иҷтимоии гендер дар номгузорӣ то андозае сарфи назар шудааст.

Топонимика низ ҳамчун инъикосгари падидаҳои иҷтимоӣ дар масири таърих қарор дорад ва дар худ ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти мардумро инъикос намудааст. Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтем, ки ба таври фишурда муносибати номшиносӣ ва бозтоби масъалаҳои гендериро дар мисоли антропонимикаи қисмати шимолии водии Ҳисор ва дар қиёс бо номвожаҳои ҷуғрофии баъзе аз маҳалҳои сукунатии Тоҷикистон баррасӣ намоем.

Чун номвожаҳои ҷуғрофӣ таҷассумгари ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ, дигаргуниҳои сохти ҷомеа буда, бо ҳаёти рӯзмарраи инсон зич алоқаманданд, пас дар онҳо нақши ҳаёти марду занро ҳамчун узви ин ҷомеа низ пайдо кардан мумкин аст. Бо ин мақсад мо дар мисоли беш аз 5000 топоними аз минтақаҳои водии Ҳисор гирдовардаамон муайян намудем, ки аз онҳо дар ҳудуди 400 адад номвожаҳои ҷуғрофие мебошанд, ки мансуби исмҳои мардонаю занона ва ифодагари ҳодисаю воқеаҳо, шуғли мардум, фаъолияти рӯзмарра ва ҳаёти онҳо мебошанд ва бо истилоҳи антропотопонимҳо ёд мешаванд. Ин гурӯҳи топонимҳоро аз рӯи ифодаашон ба ду бахш ҷудо намудем:

А. Антропотопонимҳое, ки исми мардон ва мавзеъҳои кору фаъолияти мардонро ифода мекунанд.

Б. Антропотопонимҳое, ки ба исми занон ва объектҳои кору фаъолияти занон марбутанд.

**1. Антропотопонимҳое, ки мансуби исми мардонанд.**

Антропотопонимҳое, ки ба исми мардон ва объектҳои кору фаъолияти онҳо алоқаманданд. Ин гуна номвожаҳои чуғрофӣ дар инзоми маводи гирдовардаи мо хеле зиёд ба мушоҳида мерасанд ва онҳоро бо назардошти доираи густаришашон ва нақши исми шахс дар ташаккули онҳо ба таври зайл таҳсимбандӣ намудан мумкин аст:

1. Антропотопонимҳои сода, яъне номвожаҳои ҷуғрофие, ки дар асоси исмҳои хоси мардона ба вуҷуд омадаанд: Каримдод (дараи хурд), Хол (деҳа), Чингиз (дара), Исҳоқӣ (замин), Шоавдуллоӣ (замин), Муллопар (даҳана), Шовалӣ (хамбӣ //пастхамӣ), Шодӣ (дашт), Неъматбой (деҳа) ва ғ.

2. Антропотопонимҳои иборавӣ. Ин навъи антропотопонимҳо дар заминаи қолабҳои ибораороии забони муосири тоҷик сурат гирифтаанд ва бо назардошти хусусиятҳои мушаххаси онҳо ба чунин навъҳо ҷудо мешаванд:

а) антропонимҳо: Хуҷайи Ғазза (зиёратгоҳ), Хуҷайи Ғъдон (мазорҷой), Ҳазрати Мавлавӣ (қабристон), Ҳоҷаи Оби Гарм (осоишгоҳ), Хоҷайи Амбиё (шаҳрак);

б) антропотопоним ва истилоҳи ҷуғрофии «замин»: Замини Сайиди Қодир, Замини Давлати Шариф, Замини Кали Сафар, Замини Азимбойино, Замини Ҳоҷиҳо;

в) антропоним ва истилоҳи «дара»: Дарийи Лъфтило //Лутфулло, Дарийи Азиз, Дарийи Маҳмудсолеҳ, Дарийи Хоҷидев, Дарийи Қоқи Одина;

г) антропоним ва истилоҳи «нов» (яғн.-дара, дараи хурд): Нови Хуҷаамин, Нови Қозӣ, Нови Шомирзо, Нови Маҳмурод;

ғ) антропоним ва истилоҳи «дашт»: Дашти Сиддиқ, Дашти Хуҷии Суфӣ, Дашти Қозӣ, Дашти Хуҷаи Мирзо, Дашти Муллонур;

д) антропоним ва истилоҳи «чашма»: Чашми Муллонур, Чашми Ашур, Чашми Тоҳирӣ, Чашми Миралӣ, Чашми Хоҷийо ва ғ.

Дар доираи антропогидронимияи ин мавзеъ дар баробари калимаи тоҷикии «чашма» муодили яғнобӣ (суғдӣ) – и он «хок» ва ё туркӣ «булоқ» низ мавҷуд аст, ки якҷоя бо исми одамон ташаккул ёфтаанд. Ин номвожаҳои ҷуғрофӣ миёни мардум камистеъмол бошанд ҳам, дар истифода мебошанд. Ба монанди Хоки Алӣ (чашма), Булоқи Лолақул (чашма, дара) ва ғайра.

Ҳамчунин як қатор истилоҳҳои ҷуғрофӣ, аз қабили боғ, мазор, гузар, қутан, айлоқ ва ғайра бо антропонимҳои мардона омада антропотопонимҳое сохтаанд, ки онҳо ба шуғли мардон ва фаъолияту зиндагии ҳаррӯзаи онҳо мутааллиқ мебошанд.

Бояд зикр намуд, ки чунин антропотопонимҳо дар низоми топонимҳои ин маҳал ба соҳибияти шахс ба замин, маҳал, ҷой, манзил далолат мекунанд ва танҳо бо исмҳои мардона ифода гардидаанд. Ин навъи топонимҳо дар минтақа маъмуланд ва муносибати мардон ва шуғлу фаъолияти онҳоро ба объектҳои ҷуғрофӣ нишон медиҳанд. Дар зуҳуроти антропотопонимҳо нақши занон низ кам нест, вале дар минтақаи мавриди таҳқиқ мо мисоли зиёдеро дар ин доираи номвожаҳо пайдо карда натавонистем, ки бо исми онҳо алоқаманд бошад.

**2. Антропотопонимҳое, ки мансуби исми занон мебошанд.**

Антропотопонимҳое, ки ба исми занон ва объектҳои кору фаъолияти онҳо марбутанд, аз шумораи умумии антропотопонимҳои водии Ҳисор танҳо 15-тоашро ташкил медиҳанд. Албатта ин шаҳодати он аст, ки ҳодисаю воқеаҳои ба ҳаёту фаъолияти занон вобаста тақозо намудааст, ки як идда мавзеъҳои ин водӣ бо исми занон, аз қабили Дани //Даҳани Ширбону (номи дара), Боғи Моҳтърма (номи боғ), Санги Арӯс (зиёратгоҳ), Кӯҳи Момокампирак (номи дара), Нови Кампири Қоқ (дараи хурд), Ҷарии Бибипаридагӣ (кампирпаридагӣ)номгузорӣ шаванд.

Баррасӣ ва муқоисаи топонимия ва микротопонимияи водии Ҳисор бо минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ аз ҷумла, ҳудуди водии Кӯлоб нишон медиҳад, ки вазъияту ҳолати инъикоси номҳои мардона ва занона дар доираи антропотопонимияи ин маҳалҳо бисёр фарқкунанда ва омӯзанда аст. Аз шумораи зиёди топонимҳои гирдомадаи ин минтақаи Кӯлоби бостонӣ танҳо панҷ мисолеро зикр кардан мумкин аст, ки бо исми занон ба вуҷуд омадаанд.

Нақши коста ва ночизи номҳои занонаро дар ташаккули антропотопонимияи минтақаи Кӯлоб баррасӣ карда, сабаби онро муҳаққиқон чунин натиҷагирӣ ва арзёбӣ менамоянд: «Шояд як омилаш он бошад, ки дар минтақа аксаран мардон ба фаъолияти хоҷагидорӣ машғуланд ва ё дар гузашта ва баъзан ҳоло низ кам гирифтани номи занон дар баъзе мавридҳо, умуман, аз нигоҳи дину шариат камтар ба назаррасии фаъолияти занон дар бахшҳои мухталифи хоҷагии халқ нисбат ба мардон мусоидат намудааст. Яъне баъзе анъанаҳои пешина ва баъзан ҳозира низ як сабаби камтар истифодашавии номҳои занона дар ташаккулёбии топонимияи маҳал шудаанд» [4, 194].

Чи тавре ки мутахассисони забоншиносии феминистӣ таъкид мекунанд, кам будани антропонимҳои занона дар доираи топонимия ва микротопонимияи маҳал нишонаи нақши костаи онҳо дар ҷомеаи мазкур ба шумор меравад. Яъне, худи занон ва ҳаёту фаъолияти онҳо дар ҷомеа чандон сазовори ситоиш нест, ки бо исми онҳо ҷое ном бурда шавад ва ё номгузорӣ карда шавад. Дар ин маврид донишмандони ҷомеашиноси аврупоӣ Р. Лакофф ва Ю. Кристева чунин андешаро пеш меоранд, ки ҳодисаи хеле ками номгузориҳо бо исми занон

нишонаи нақши тобеона, мутеонаи зан дар ҷомеа буда, ин ҷиҳати масъалаи мазкур таҳқиқу омӯзиши ҳамаҷониба ва махсусро интизор аст [5;6,54].

Мо дар заминаи баррасии маводи топонимии маҳалҳои мухталифи кишвар метавонем илова намоем, ки хусусияти асосии ин тавр сурат гирифтани номгузории мавзеъҳо дар Осиёи Марказӣ нишонаи нақши хеле ночизи занон дар масири таърих буда, бо урфу одат, расму русум ва анъана, фарҳанг ва дину оини мардуми ин минтақа робитаи ногусастанӣ дорад.

Воқеан, ин гуна нақши антропотопонимҳоро на танҳо дар заминаи маводи топонимии минтақаҳо, балки дар номвожаҳои ҷуғрофии асарҳои бадеӣ низ ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Аз шумораи умумии номвожаҳои ҷуғрофии асарҳои устод Садриддин Айнӣ (ниг. Шодиев, 1994, 203 - 230), ки дар маҷмӯъ 950 адад мебошанд, теъдоди 90-тоаш дар заминаи номҳои мансуби мардон ва танҳо 9-тоаш дар асоси номи занон ба вуҷуд омадаанд. Номвожаҳои ҷуғрофии марбути исми занонаи осори устод Айнӣ асосан инҳоянд: Гузари Арӯсон, Мазори Чилдухтарон, Гузари Модари Хон, Мадрасаи Модари Хон, Мадрасаи Бибихоним ва ғ.

Агар топонимияи дигар манотиқи Тоҷикистонро низ ба қиёс гирем, метавонем бубинем, ки инъикоси номҳои занон дар топонимия ва микротопонимияи маҳалҳо он қадар зиёд нест. Аз 300 номвожаи ҷуғрофии водии Зарафшон (ш. Панҷакент ва атрофии он) 48-тоаш антропоними мардона ва танҳо 3-тоаш номи занона дорад.

Қобили таваҷҷуҳ он аст, ки дар манотиқи дигари ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар Бадахшон, ки доираи фаъолияти зан дар ҳаёти иҷтимоиву фарҳангии он ҷо хеле фарох ва озодтар ба назар мерасад, номгузории маҳалҳо бо исми занон бештар ба чашм мерасад. Ба андешаи мо, омили асосии пайдоиши ин падидаи иҷтимоӣ ва барои забоншиносӣ хеле муҳим аз эътиқоду суннатҳои қадимаи мардуми Бадахшон сарчашма мегирад.

Таносуби топонимия ва микротопонимияи водии Ҳисор нишон медиҳад, ки шумораи номвожаҳои марбут ба номҳои занон ҳам дар маҳаллҳо ва ҳам дар осори таърихӣ хеле ночиз буда, дар ҳудуди 0.04-0.1 дарсади шумораи умумии топонимҳои минтақа ба шумор мераванд ва мувофиқан антропонимҳои мардона 8 - 10 дарсадро дар ин водӣ ташкил медиҳанд. Ба таври дигар гӯем, аз ҳар 1000 топоним 8 - 10-тоаш антропотопоними мардона ва танҳо 0,4-тоаш антропотопоними занона мебошад.

Омӯзиши топонимҳои мансуби номҳои мардона далели онанд, ки дар ҳаёти ҷомеаи тоҷикон таърихан нақши мард ҳамчун соҳибмулк, доранда, фарди фаъоли ҷомеа маъмул будааст. Воқеан, фаъолияти мардҳо дар тамоми бахшҳои зиндагӣ ва аз ҷумла, дар забон назаррас ва барҷаста таҷассум гардидааст, ки ин ба суннатҳои бостонӣ ва мазҳабии мардуми мо, фарҳангу тарзи ҳаёти тоҷикон сахт алоқаманд аст.

Номвожаҳои ҷуғрофии дорои антропоними занона ба таври умумӣ баёнгари ҳодисаю воқеаҳои таърихии марбути занон буда ва ё хусусиятҳои услубӣ – ташбеҳӣ доранд, ки зуҳуроти онҳо баъзан характери тасодуфӣ низ пайдо намудааст.

Як қисми номвожаҳои ҷуғрофии марбути занон ягон ҳодисаи сарнавиштсоз ва ё мудҳишеро, ки ба тақдири зан вобастагӣ дорад ва он дар эҳсосоту хотираи мардум нақш бастааст, инъикос менамоянд. Чанде дигар аз ин номҳо ифодагари покию иффати занон ва ё орзуву омоли онҳо ҷиҳати ёфтани фарзанд буда, характери ахлоқӣ – тарбиявӣ мегиранд. Як идда топонимҳои ин гурӯҳ ҳодисаҳои

табииеро ифода кардаанд, ки дар тафаккури мардум бо образи занон алоқаманд мебошанд.

Дар номгузории аксари маҳаллу минтақаҳои Тоҷикистон номи занро таърихан танҳо дар робита бо воқеоти хеле пуртаъсиру аксуламали бузургдошта ба забон меовардаанд. Чунин анъана ба психологияву фарҳанг ва суннатхои қадимии халқҳои Осиёи Миёна робитаи ногусастанӣ дорад.

Ҳамин тавр, агар аз як ҷониб омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷонибаи ин падидаи иҷтимоию забоншиносӣ барои равшанӣ андохтан ба ҷанбаҳои тозаэҷод ва омӯхтанашудаи сотсиолингвистика - лингвистикаи гендерӣ мусоидат намояд, аз ҷониби дигар, барои маълум кардани заминаҳои психолингвистии проблема дар ҷомеа кӯмаки амалӣ мерасонад. Аз ин ҷиҳат зикр намудани андешаҳои муҳаққиқи варзидаи забоншиносии иҷтимоии асри гузаштаи аврупоӣ Гералд Эпштейн бамаврид аст, ки гуфтааст: «Ягон ҷанбаи ҳаёти иҷтимоии ҷомеа аз тафаккури мутаззод (фарқкунанда), ки тамоми воқеиятро ба категорияҳои «занона» ва «мардона» ҷудо менамоянд, орӣ нест» [6, 15].

**Адабиёт:**


1. Кравченко, А. И. Социология [Текст]. – М.- 2001.
2. Карамшоев, Д. Категория родов в памирских языках [Текст]. – Душанбе, 1978.
3. Вейнингер, О. Пол и характер [Текст]. – М.: 1968.
4. Додихудоев, Р. Х., Герценберг Л. Г. Таърихи забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1988.
5. Lakoff, Robin. Language and women’s Place // Language in Society, 1973.- N 2.- P. 45-79.
6. Kristeva J. Polilogue. P., 1977. P. 20-21.

## САНЪАТИ СУХАН ДАР РАВАНДИ ТАРҶУМА

***Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна*** *- н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи назария ва амалияи тарҷумаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел. (+992 37) 2325000; 2325003.*

Мақолаи мазкур ба махсусияти санъати истиора ва мақоми он дар осори бадеии адабиёти тоҷик ва англис бахшида шудааст. Муаллиф оид ба воситаҳои ин санъат дар мисоли ду адабиёт бо далелҳои мисолҳои мушаххас асосҳои назариявии онҳоро баён кардааст.

***Калидвожаҳо:*** *истиора, матни бадеӣ, асар, махсусият, тарҷума, эҳсосот, аслӣ, гайриаслӣ.*

## ИССКУСТВО РЕЧИ В ПРОЦЕССЕ ПЕРЕВОДА

***Сохибназарова Хавасмох Тиллоевна*** *- к.ф.н., заведующий кафедрой теории и практики перевода Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, тел.: (+992)93-700-04-37.*

Данная статья посвящена особенностям метафора и их значимости в таджикской и английской художественной литературе. Автором проведено исследование данных художественных средств на примере двух литератур, где теоретические основы, которых аргументированы конкретными примерами.

***Ключевые слова:*** *метафора, художественный текст, произведение, особенность, перевод, эмоция, естественный.*

## THE ART OF SPEECH IN PROSSES OF TRANSLATION

***Sohibnazariva Havasmoh Tilloevna*** *– candidate of philology, head of Theory and Practice of Translation chair of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (+992) 93-700-04-37*

The article deals with the features of a metaphor and its place in Tajik and English works of art. The author conducted a research the art of literature in it. The theoretical views of the author also are supported by concrete examples.

***Keywords:*** *metaphor, literary work, work, feature, translation, emotion, natural, unnatural.*

Офаридан ва дарк кардани як забони шоирона дар замони муосир ва рӯ овардан ба санъатҳои бадеии волои он муассир мебошад. Ҳиссиётҳои адиб, асосан бо сабки забон ифода меёбанд ва он ба шунаванда метавонад таъсири амиқу дақиқ расонида, боиси шевою равон ва ҷаззоб гардидани нутқи инсон гардад.

Дар ҳама давру замон адибон ҳиссиёт ва ҳаяҷони худро ба таври гуногун баён карда, ҳолатҳои рӯҳии худро дар асарҳояшон барои офаридани симои муайяну мушаххас ба таври гуногун ифода менамоянд ва онро санъати бадеӣ меноманд, ки истиора низ аз ҷумлаи онҳост.

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар осори шоирону нависандагон истиора ба таври васеъ истифода бурда шудааст.

Аз ҷумла, дар китоби «Санъати сухан»-и Т. Зеҳнӣ истиора чунин маънидод шудааст: «Як намуди маҷоз буда, ба ҷои як калима истифода шудани калимаи дигар мебошад» [3, 83].

Омӯзиши истиора диққати бисёре аз забоншиносон, аз ҷумла, Арутюнова Н.Д., Бессорабова Н.Д., Ефимов А.И., Чудинов А.П., Харченко В.К. ва дигаронро ба худ ҷалб намудааст.

Истиора на танҳо дар нутқи шифоҳӣ, балки дар нутқи хаттӣ низ ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Истиораро асосан дар адабиёти бадеӣ дар порчаҳои назмӣ ва насрӣ истифода мебаранд.

Дар «Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ» истиора ба маънои «кор фармудани калима дар ғайри маънии аслии худаш барои зебо ва пуртаъсир шудани сухан» [5, 562] омадааст.

Истиораҳои шинаму зебо метавонанд шунавандаро мафтун намуда, барои минбаъд офаридани тасвирҳои рангину зебо кӯмак расонанд.

Истиора яке аз воситаҳои муҳимтарини ифода барои фарқи ҳиссиёту ҳаяҷон, ҳисси зебоипарастӣ, шеваҳои ахлоқиву маънавии инсонро дар зиндагӣ тасвир намудан истифода мешавад.

Аз нуқтаи назари забоншиносӣ, истиора ҳамчун василаи дарки як доираи мафҳуми баёншуда аз лиҳози доираи мафҳуми дигар мушаххас шудааст, яъне «дар истиора дар асоси монандии ду ҳодиса калимае ба худ маънои маҷозӣ мегирад» [3, 83], ки инро дар ҳар ду забон мушоҳида кардан мумкин аст.

Санъати истиора аз нигоҳи жанру услуб ба санъати ташбеҳ шабоҳат дорад, вале дар байни ин ду санъати бадеӣ тафовут дида мешавад, чунки «дар истиора ташбеҳшаванда зикр намеёбад, балки танҳо ташбеҳкунанда номбар мешавад» [3, 83]: моҳи ман, сарви ман, хуршедсифат, дастони тиллоӣ ва амсоли инҳо. Масалан:

Меҳмонон розӣ шуданд ва як ***ҷавонзани нозукниҳоли тотор*** бо ***шавҳари монанди кундаи ҷувоз нобурида***, вале чолоки худ бархоста, ба хондану рақсидан даромад (Р. Ҷалил).

Дар ҷумлаи мазкур ибораи ***ҷавонзани нозукниҳоли тотор*** истиора аст, чунки «ҷавонзани нозукниҳол» ба ҷои «ҷавонзани нафис» омадааст ва ибораи дигар ***шавҳари монанди кундаи ҷувоз нобурида***, ташбеҳ мебошад, чунки «шавҳар» ба «кундаи ҷувози нобурида» монанд (ташбеҳ) карда шудааст.

Мисоли дигар:

Сабо, ба лутф бигӯ он ***гизоли раъноро***,
Ки сар ба кӯҳу биёбон ту додаӣ моро…

Дар байти мазкур ибораи ***гизоли раъно*** истиора буда, киноя аз ёри зебост.

Дар забони англисӣ низ айнан ҳамин чизро мушоҳида кардан мумкин аст: *an eye of heaven – офтоб*, *leg of a chair – пояи курсӣ, head of a nail – сари нохун* ва амсоли инҳо.

Ё худ:

I would follow her through the sultry fields at noon, and hear the low tones of her ***sweet voice*** in the moonlight evening walk.

Дар ин ҷумла ибораи ***sweet voice*** ҳамчун истиора истифода шуда, маънои *«овози ширин»*-ро медиҳад, ки ба ҷои *«овози хуш»* омадааст.

Истиораҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба ду гурӯҳ: аслӣ ва ғайриаслӣ ҷудо мешаванд:

Дар истиораҳои аслӣ нигоҳи эҷодии адиб назар ба истиораҳои рӯзмарра дақиқтар набошад ҳам, дар маъно муассиранд:

Бар сари он ***сарви сарандоз*** як сарандози шоҳии сафед буд, ки ***мӯйи сиёҳи дарози диловези*** ӯро сар то по мепӯшид ва маълум буд, ки ӯ ин гуна сарандозро барои ҳамранг кардани тамоми баданаш бо маҳтоб ва пинҳон доштани худ аз рақиби нохалафи эҳтимолӣ ба сар гирифта буд (С. Айнӣ).

Дар ҷумлаи мазкур ду истиора мушоҳида карда мешавад. Истиораи якум ***сарви сарандоз,*** истиораи сода буда, киноя аз ёри баландқомат аст. Дар қисмати дуюми ҷумла ***мӯйи сиёҳи дарози диловез*** аз мӯйи сиёҳи дарози зебо шаҳодат медиҳад.

Мисоли дигар:

«Бо шунидани ин ***суханҳои меҳрангез*** ишқи ман ба он духтари волоназар яке бар сад афзуда, ҳаяҷони қалби маро ба ҷодае расонда буд…(С. Айнӣ).

Дар ҷумлаи мазкур ***суханҳои меҳрангез*** истиора буда, киноя аз суханҳои латифу ҷаззоб аст, ки муаллиф онро барои ҷолиб гардидани нутқ истифода кардааст.

Дар забони англисӣ мисоли зеринро дида мебароем:

And winds are rude in ***Biscay's sleepless bay*** (G. Byron).

Дар ҷумлаи мазкур сифати *Biscay's sleepless bay* чун истиора ифода шудааст, ки дорои ду мафҳум - «*бехоб, бедорхобӣ, ҳушёр*» ва «*ноором, нороҳат, беқарор*» мебошад. Ин мисолҳоро метавон дар шакли «*оби пурталотуми халиҷ*» тарҷума кард. Ба василаи дигар, ин мафҳум чун «*оби беқарори халиҷ*» тарҷума шудааст, ки ин бешубҳа истиора аст.

Мисоли дигар: Perhaps they thought I was ***a wild man*** myself…(D.Defoe).

Дар ин ҷумла истиора ба вазифаи сифати *a wild man* ифода шудааст, ки дорои мафҳумҳои - «*ваҳшӣ, ёбоӣ, сӯр*» аст. Яъне ибораи мазкурро «*марди ваҳшӣ*» тарҷума кардан мумкин аст.

Истиораҳои ғайриаслӣ истиораҳое мебошанд, ки адиб тавассути онҳо паҳлӯҳои воқеии нав ва гуногунро ворид менамояд. Гарчанде ин намуди санъат аз адиб вобастагии комил дошта бошад ҳам, он қадар маъмул нест, чунки он мафҳуме, ки адиб меофарад, ба воқеият он қадар наздикӣ надорад. Масалан:

Чунки ин як ***кишти шӯхи беор*** аст ва бисьёр нигоҳубинро талаб намекунад (С. Айнӣ).

Як шаб ҳаво соф буд, ***сармои тунди тирамоҳӣ*** ба бадани кас монанди бигизи дар оташ тафсида сӯзиш кунонида мехалид (С. Айнӣ).

Дар ҷумлаҳои боло *кишти шӯхи беор, сармои тунди тирамоҳӣ* истиора мебошанд. Дар ҷумлаи якум ***кишти шӯхи беор*** истиораи мураккаб маҳсуб ёфта, аз якчанд калима иборат аст ва дар ҷумлаи дуюм ибораи ***сармои тунди тирамоҳӣ*** вазифаи истиораро иҷро намудааст:

Дар забони англисӣ низ ба чунин ҷумлаҳо вохӯрдан мумкин аст:

One beautiful night, when they had taken a longer walk than was customary with them: for the day had been unusually warm, and there was ***a brilliant moon***, and ***a light wind*** had sprung up, which was unusually refreshing (CH. Dickens).

Дар ҷумлаи мазкур ***brilliant moon*** ва ***a light wind*** ҳамчун истиора истифода бурда шудааст. Аслан ин намуди истиораҳо ғайриаслианд, чунки ба воқеият он қадар наздикӣ надоранд, яъне моҳ *алмосӣ* ва шамол *равшан* намешавад. Тарҷумаи ин гуна санъати бадеӣ дар ҷумлаҳои мавриди назар ба худи тарҷумон вобастагӣ дорад. Дар айни ҳол дар ин ҷумлаҳо онҳоро метавон бо мафҳумҳои «*моҳи мунир» (тобон)* ва «*шамоли форам»* тарҷума кард.

Таҳлили ин ҷумлаҳо нишон медиҳад, ки ҳангоми тарҷумаи истиора дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ як қатор хусусиятҳои умумӣ ва фарққунанда мавҷуд будааст, ки ба инобат гирифтани чунин вижагиҳо ҳатмист.

Аз таҳлили мисолҳои мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки на дар ҳама ҳолат истиораҳоро ба таври аслӣ ба дигар забонҳо тарҷума кардан мумкин аст. Хусусиятҳои грамматикии интиқоли санъатҳои бадеӣ ба таври махсус сурат мегирад ва барои амалӣ намудани тарҷумаи бадеӣ на танҳо матни тарҷумашударо ба меъёрҳои матни асл мутобиқ кардан зарур аст, балки услуби гӯяндаро, ки дар мадди аввал бо воситаҳои гуногун амалӣ мегардад, интиқол додан мумкин аст.

Мавриди зикр аст, ки муодил доштани истиораҳо дар ҷумла он қадар муҳим набошад ҳам, онҳо бояд дуруст интиқол ёбанд. Дар сурати дуруст тарҷума шудани санъатҳои бадеӣ ҷаззобияти онҳо дар асари тарҷумашуда мушоҳида карда мешавад. Онҳо дар матнҳои расмӣ-коргузорӣ кам истифода бурда шуда, дар мантҳои бадеӣ (манзум ва мансур) ба таври фаровон истифода мешаванд. Муаллифони мақолаҳои илмӣ-оммавӣ истиораҳоро бо мақсади дастрас шудани масъалаҳои мазкур ба хонанда истифода мебаранд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ истиораҳо ба таври васеъ истифода шуда, бо вижагиҳои худ дар адабиёти тоҷику англис ҷойи муайяни худро доранд.

Хусусиятҳои асосии истиора дар чорчӯбаи матнҳои бадеӣ аз дигар матнҳо ба куллӣ фарқ мекунанд. Дар мисоли истиораҳо муаллиф метавонад тамоми ҳиссиёти эстетикӣ ва эҳсосоти худро пурра ва мукаммал офарад ва ин барои ҷалби диққати хонанда таъсири мусбат мерасонад.

Ҳамчунин, истиора ба ҷаҳони бадеии муаллиф ба ғайр аз маъно ба воситаи образҳои ҳиссӣ таъсире мебахшад, ки онро ба хонанда наздик месозад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки роҷеъ ба истиораҳои забони англисӣ муҳаққиқ ва мутарҷими британиёӣ П. Нюмарк ақидаҳои ҷолиби худро иброз намудааст. Мавсуф дар рисолаи хеш «Давраи омӯзиши фунунии тарҷума» аз хусуси моҳияти истиора дар забон (асосан дар назм) сухан ронда, навъи онҳоро бо мисолҳои гуногун шарҳу эзоҳ медиҳад. Аз ҷумла, муаллиф ин навъи воситаи тасвири бадеиро ба «истиораҳои мурда, клешаӣ (қолабӣ), меъёрӣ, иқтибосӣ, ҷадид ва ибтикорӣ (вижагиҳои фардии нависанда ва нигоҳи ӯ ба зиндагӣ)» [8] ҷудо месозад. Ҳар яки он хусусияти хоси худро доро мебошанд ва баррасию пажӯҳиши ин масъала тадқиқоти алоҳидаро талаб менамояд.

**Адабиёт:**

1. Арнолд, И.В. Стилистика современный английский язык: Учебник для вузов/ И.В. Арнолд [Текст].-М.: Наука, 2002.-384 с.
2. Аширбекова, В.И. Проблемы и аспекты перевода стилистических приемов [Текст].- М.,2012. 145 с.
3. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан /Т. Зеҳнӣ [Матн]. -Душанбе: Адиб, 2007. - 400 с.
4. Ковексес, З. Истиора: Муаррифии амалӣ [Матн // Матбуоти Донишгоҳи Оксфорд -2002.- С. 4-19.
5. Назарзода, С., Сангинов А. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ /С. Назарзода, А. Сангинов [Матн]. -Душанбе, 2008.-949 с.
6. Стин, Г. Дарки истиора дар адабиёт. Як рӯйдоди таҷрибавӣ / Г. Стин - Лонгман [Матн]. - Душанбе, 1994. - С. 10-18.
7. Шенкелберг, М. Истиора ва маҷози мурсал дар мафҳуми эҳсосотии дар фарҳангҳои мухталиф/ М. Шенкелберг [Матн].- Берлин,2004.
8. Newmark, P. The translation of metaphor/ P. Newmark.-N.Y.1998.-106 p.

# О НЕСВОБОДНЫХ СЛОВОСОЧЕТАНИЯХ И ГРАММАТИЧЕСКОМ ЧЛЕНЕНИИ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В РУССКОМ ЯЗЫКЕ

***Мирзоева Гулджахон Халиловна*** *- старший преподаватель кафедры общего языкознания и сопоставительной типологии языков факультета русской филологии Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, г.Душанбе, 104 мкр, ул. Тунис 1\5, кв. № 3, тел: 901882255, e-mail: mipsoeva.guljahon @mail.ru*

В данной статье речь идёт о несвободных словосочетаниях и грамматическом членении предложений, также рассматривается вопрос о субстантивно-атрибутивных сочетаниях, сочетаниях с комплетивными отношениями в предложениях и союзно – соотносительно связанных сочетаниях; роль подчинительных союзов в словосочетаниях. По мнению автора, современный урок русского языка в условиях билингвизма требует серьёзного подхода и комплексного изучения всех грамматических особенностей.

***Ключевые слова:*** *билингвизм, атрибутивность, конструктивный подход, комплетивные отношения, субстантив.*

# ДАР БОРАИ ИБОРАҲОИ ОЗОД ВА БА ҚИСМҲОИ ГРАММАТИКӢ ТАҚСИМ ШУДАНИ ҚИСМҲОИ КАЛИМАҲО ДАР ЗАБОНИ РУСӢ

***Мирзоева Гулҷаҳон Халиловна*** *– муаллими калони кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии забонҳои факултети филологияи руси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, ш. Душанбе, 104 мкр, кӯчаи Тунис 1\5, х. № 3, тел: 901882255, e-mail: mipsoeva.guljahon @mail.ru*

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи ибораҳои рехта ё худ воҳидҳои алоҳидаи фразеологӣ ва ба қисмҳои грамматикӣ тақсим шудани ҷумлаҳо сухан меравад. Муаллиф асосан масъалаҳои исмию сифатии ибораҳо, ҷумлаҳои пайвандакдор ва ибораҳое, ки тартиби сохтори фразеологӣ доранд ва мазмуни ҷумлаҳоро пурра мекунанд, мавриди баррасӣ қарор додааст.

Ба ақидаи муаллиф таълими забони русӣ дар шароити бисёрзабонӣ муносибати ҷиддӣ ва омӯзиши комплексии тамоми хусусиятҳои грамматикиро тақозо менамояд.

***Калидвожаҳо:*** *бисёрзабонӣ (билингвизм), муайянкунандагӣ (атрибутивность), таъсири сохторию тартибӣ (конструктивный поход), муносибатҳои грамматикӣ оид ба пурра намудани мазмун (комплетивные отношения), ба исм мубаддал гаштани сифат (субстантивация).*

# THE CONSTRAINED OF WOND COMBINATIONS AND GRAMMAR BENISION OF SENTENCES IN RUSSIAN LANGUAGE

***Mirzoeva Guljahon Khalilovna*** *- senior lecturer of chair of General Linguistics and Comparative Typology of Languages of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, Dushanbe, 104 distr., 5/3 Tunis str.,phone: 901882255, e-mail: mipsoeva.guljahon@mail.ru*

The article considers non-free phrases and grammar division of the sentence. Here is the question of the substantive-attribute combinations. The role of subordinating conjungtions in combinatios.Modern Russian language lesson bilingualism (multilingualism) requires seriously approach and a comrihendsive studi of all the grammatical features.

***Kaevords:*** *Bilingualism, comprehensiv, attribute, substantive.*

Вопросы грамматического членения, другими словами, функционального членения предложений всегда остаются в центре внимания не только с точки зрения теоретического осмысления организации предложения, но и в плане практики синтаксического разбора. Синтаксический разбор занимает определённое место в практике преподавания русского языка, поэтому вполне естественно, что принципы выделения членов предложения приобретают большую актуальность.

На современном этапе в сфере преподавания русского языка предпринимаются преждевременные попытки отказаться от синтаксического членения в пользу выделения минимальных структурных схем в виду адекватности грамматического членения предложения логическому членению суждения, тем не менее, переоценить значение этого вида анализа предложения довольно трудно: для познания структурного и семантического строения предложения синтаксический анализ - важный вид работы для всех преподавателей филологической структуры лингвистических вузов и средних школ.

Практика синтаксического разбора предложения нередко осложняется наличием в его составе целого ряда конструкций словосочетательного и предложенческого характера, выступающих в качестве единого функционального элемента, то есть члена предложения. Подобные сочетания в лингвистической литературе обозначаются и характеризуются неоднозначно: либо как семантически связанные, либо как синтаксически неделимые, либо как функционально несвободные. В условиях билингвизма отсутствие терминологической стабильности – следствие прежде всего многогранности языковой природы этих сочетаний: их связанность цельность проявляются не только на уровне смысловой спаянности, но и на уровне функционально-грамматической неделимости. Мы считаем, что прямым следствием такой «разноликости» неделимых сочетаний представляется также отсутствие единой более или менее общепринятой их классификации.

В рамках небольшой статьи мы не можем проследить становление тех или иных классификационных схем. Все существующие критерии страдают либо односторонностью (учитывают одну сторону характеризуемого явления), либо неоднородностью (смешиваются разные семантические, структурные признаки) либо неразграничением разных языковых уровней функционирования этих сочетаний- уровни словосочетания и предложения.

В целом связанными (неделимыми, несвободными, нечленимыми) мы можем условно назвать все конструктивные элементы, которые так или иначе выступают в качестве одного цельного члена предложения независимо от количества составных частей.

Работая с студентами, закончившими национальные школы мы можем сделать вывод, как они усвоили особенности грамматических значений слов и словосочетаний на родном языке. В ТГИЯ имени С. Улугзода учатся студенты,

выпускники не только таджикских школ, но и узбекских, туркменских и киргизских. Мы должны найти конструктивный подход, для того чтобы донести до них суть, особенность и значение словосочетаний грамматически обособленных конструкций при помощи предоставления специальных примеров:

1. Верёвка была длиною почти во всю комнату. ( А. С. Пушкин).
2. Много вёрст в походах пройдено по земле и по воде…(В. М Исаковский).
3. Утончённый вкус не удовольствовался бы этими тяжёлыми неграциозными стульями красного цвета, шаткими этажерками.
4. Обычно в конце сентября на Кубани устанавливается хорошая погода (Бабаевский С).
5. Звуки были торжественные и отсчитывали время с точностью метронома (К. Г. Паустовский).

Отметим, что связанность и цельность выделенных и подобных элементов проявляются в разных синтаксических уровнях: на уровне предложения или на уровне словосочетания.

1.На словосочетательном (номинативном) уровне выделяются, прежде всего типы несвободных сочетаний:

а) субстантивно – атрибувные сочетания:

Человек огромной энергии, машина повышенной манёвренности, ткань цвета кофе с молоком, футболист с травмированной ногой, дорога от Москвы до Ленинграда и прочие подобного типа словосочетаний.

б). глагольно – обстоятельственные словосочетания:

Петь тихим голосом, идти быстрыми шагами, смотреть холодным взглядом, ходить взад и вперёд, действовать варварскими способами.

При классификации этих сочетаний учитываются межкомпонентные смысловые отношения. Первая группа характеризуется определительными отношениями между именем существительным (деталь) и последующим сочетанием (небольших размеров). Последнее как раз выступает в качестве связанного элемента по отношению к имени. Такие же отношения характерны и для конструкций второй группы, в которых содержание глагольного элемента (смотреть) раскрывается единством частей обстоятельственного элемента (холодным взглядом). В предложении соответственно атрибутивный элемент выступает как несогласованное определение, а обстоятельственный - как обстоятельство.

В) сочетания с комплетивными отношениями: (это отношения обязательного смыслового восполнения).

Среди них выделяются:

а) Количественно-именные сочетания; много книг, несколько зданий, стая птиц, толпа людей, десять дней, оба берега, немного песка…

Сказатели «Искандар-наме» в композиции произведения одновременно с изображением событий уделяют значительное внимание введению в действие новых персонажей, предусматривая их роль и дальнейшее поле действия в

раскрытии идей романа. Поэтому в «Искандар-наме» почти всегда обеспечивается соответствие персонажей местам их действий. Персонажи вводятся не случайно: через изображения их действий, поступков раскрывается тот или иной аспект жизни или черты характера человека. Система персонажей «Искандар-наме» раскрывает содержания произведения. Действия и события в «Искандар-наме» композиционно связаны между собой, которые прежде всего, обеспечены взаимоотношениями персонажей. В этом плане мастерство сказателя заключается в том, что все персонажи произведения действуют в рамках композиции и служат для выражения определенной мысли.

Анализ содержания «Искандар-наме» выявляет, что роман состоит из древних сказок, преданий, историй царей Аджама, пророков из рода Исраила. В романе значительное место отведено различным пророчествам, прорицаниям, вещим снам – элементам, достаточно ясно воссоздающим колорит эпохи. Связанный со своей эпохой, роман «Искандар-наме» отражал религиозные верования современников, их обостренный интерес ко всему чудесному и сверхестественному: к неведомым и сказочным в их представлении дальним странам с диковинными народами и фантастическими животными и растениями.

Несмотря на разнородность и эпизодичность, составные части романа в своей совокупности все же связаны внутренним единством и целостностью общего, главного идейного замысла произведения. Основная тема композиционно организует весь его сюжет, а также и детали его художественного обрамления. На главном герое – Искандаре сосредоточено все внимание, ему подчинены все другие персонажи, отображённые более или менее ярко и четко разделенные на положительные и отрицательные образы. Характер Искандара вырисовывается во взаимоотношениях с этими многочисленными персонажами. Конкретная историческая действительность служит фоном, на котором строится повествование о жизни героя от рождения до смерти, его боевых действиях, борьбе за достижение своих целей в различных жизненных обстоятельствах.

Из анализа сюжета романа «Искандар-наме» выясняется, что произвыдение рассчитан на массового читателя среднего культурного уровня, что в значительный степени определило не только его смысловое, идеологическое содержание, но и весь состав поэтических средств и его художественную форму. Построенный на быстрой смене событий, увлекательных путешествиях по неведомым странам, смелых подвигах героя, необыкновенных ситуациях, фантастических происшествиях и одновременно в популярное, доходчивое изложение романа о знаменитом полководце, несомненно, могло привлечь внимание и интерес широких кругов читателей.

Из результатов анализа образа главного героя исследуемого романа вытекает вывод, что «Искандар-наме» был написан в религиозном стиле и духе. Несмотря на то что разница между эпохой правления Александра и распространением ислама значительно, составитель романа считает Искандара одним из проповедников и защитников этой религии, т. е. он является сторонникам монотеизма везде.

Разнородность персонажей романа определяет и его языковые средства. Язык его достаточно прост и даже примитивен, хотя местами и не лишен некоторой риторичности, и представляет собой нечто среднее между языком исторической прозы и разговорной формой, свойственной народному сказителю, вышедшему из народа. Предназначенный для широкой аудитории, роман отражает на себе характерные признаки фольклорного произведения.

Таким образом, ранний роман об Александре «Искандар-наме» является сказочным вариантом, в котором реальная историческая правда отображена с некоторыми искажениями. Произвыдение, следуя традициям повествовательных повестей в персидско-таджикской литературе, создает портрет образцового героя Искандара, совершенного человека. Составитель романа, по - видимому, и сам из народа, поэтому хотел изобразить Искандара народным героем, рыцарем, гуманным правителем и борцом за свободу, в противовес герою – завоевателю и порабощение народов.

Всестороннее исследование, изучение и издание подобных образцов произведений народной прозы имеет весьма большое значение для развития национальной и всемирной литературы в целом.

**Литература:**

1. Брагинский, И. С. Проблемы востоковедения [Текст].-М.: Наука,1974.-496 с.

2. Искандар-наме. Персидский вариант Псевдо-Каллисфена. / Сост.: Ирадж Афшар [Текст].- Тегеран, 1343. -795 с. (на перс.яз.).

3. Искандар-наме. Среднеазиатский вариант Боки Мухаммада ибн Мавляна Юсуфа / Сост.: Хусайн Исмаили. Т.1 [Текст].- Тегеран: Муин, 1392.-740 с.(на перс.яз.).

4. Куллиёти ҳафтҷилдаи Искандарномаи кабир (Семитомный свод «Искандарнаме-и кабир) [Матн]. – Тегеран, 1318.- 662 с. (на перс.яз).

5. Мелетинский, Е. М. Средневековый роман: Происхождение и классификация формы [Текст].- М.: Наука, 1983. - 304 с.

6. Пиотровский, М. Б. Предание о химйаритском царе Ас`аде ал-Камиле [Текст].-.- М.: Наука, 1977.-220 с.

7. Салимов, Ю. Персидско-таджикская повествовательная проза [Текст].-Душанбе: Дониш, 1971. -156 с. (на тадж.яз.).

## НАЗАРЕ БА БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ҚАСИДАИ ШОИРОНИ БАДАХШОН

***Давлатбеков Л. -*** *номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, 734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6, тел.: (+992) 93 192 48 84.*

Адабиёти тоҷик дар ҳаёти мардуми кӯҳистони Бадахшон таърихи дерина дорад. Ин адабиёт дар маҳфилҳои ҳамин минтақа қабул ва бунёд шудааст. Нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX марҳилаи нисбатан пурмаҳсули адабиёти Бадахшони тоҷик маҳсуб меёбад. Тавассути таҳлили намунаҳои назми ин давра, муаллифи мақола идомаи анъанаҳои адабиёти классикиро аз нигоҳи эстетикӣ ва эътиқоди намояндагони назми мазкур нишон додааст.

***Калидвожаҳо:*** *адабиёт, намуд, жанр, сабк, сабки бадеӣ, адабиёти классикӣ, адабиёти тоҷики Бадахшон, анъанаи бадеӣ, композитсия.*

## ТРАДИЦИЯ СОЧИНЕНИЯ КАСЫДИ В ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ БАДАХШАНА

***Давлатбеков Л.-*** *кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и истории таджикской литературы Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, 734019, город Душанбе, улица Муҳаммадиева 17/6, тел.:(+992) 93 192 48 84/*

Таджикская литература имеет давню историю в жизни мультиязычного населения Горного Бадахшана. Эта литература и принималась и создавалась в литературных кружках данного региона. Период второй половины XIX века и первой половины XX века считается самым плодотворным периодом Бадахшанской таджикской литературы. Постредством анализа примеров поэзии данного периода автор статьи показывает продолжение классических литературных традиций с эстетичесой точки зрения и верования авторов этой поэзии.

***Ключевые слова:*** *литература, вид, жанр, стиль, художественный стиль, классическая литература, таджикская литература Бадахшана, художетвенная традиция, композиция.*

## QASIDA WRITING TRADITION IN THE TAJIK LITERATURE OF BADAKHSHAN

***Davlatbekov L. -*** *candidate of philology, associate professor of chair of Theory and History of Tajik Literature of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: .: (+992) 93 192 48 84*

The Tajik literature has deep roots and history in the life of the Multilanguage habitants of Mountainous Region of Badakhshan. This literature well received by the literary societies of this region as well as created by themselves. The second half of XIX

and first half of XX centuries are recognized as the most fruitful time of the Tajik Badkhashan literature. Through the analysis of poetical examples of this period the author of the Article shows continuation of the Tajik Literature traditions in the poems of this period from the esthetical points of view and beliefs of their сkeators.

***Keywords:*** *literature, form, genre, style, art style, classical literature, Tajik literature of Badakhshan, art tradition, composition.*

Қасида аз қадимтарин жанри лирикаи китобии адабиёти форсии тоҷикӣ маҳсуб шуда, дар робита бо вазъи сиёсиву таърихии даврони мухталиф гоҳо рушду нумӯ ва гоҳо ба таназзул мувоҷеҳ гардидааст. Ин жанри муҳташами лирикӣ дар эҷоди суханварони нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX-и Бадахшон вижагии шаклӣ ва мазмуну мавзӯи хосро дорост, ки назири он дар таснифи суханварони манотиқи дигари форсизабонон камтар мушоҳида мешавад.

Қобили қайд аст, ки дар эҷоди жанри мазкур аз тарафи шоирони ин минтақа майли пайравӣ намуданро ба равияи пешгирифтаи қасидасароии ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ мушоҳида мекунем. Мусаллам аст, ки қасоиди Носири Хусрав аз дидгоҳи шеършиносӣ ва таркибу устухонбандӣ аз ду навъ: қасидаҳои комил ва маҳдуд иборатанд ва аз ҷиҳати ҳунари шоирӣ бо камоли устодӣ эҷод шудаанд.

Суннати адабии қасидасароӣ дар фаъолиятҳои эҷодии шоирони нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX Бадахшон – Мубораки Вахонӣ, Ҷаъфар, Мулло Лочин, Шоҳфутур, Адими Шуғнонӣ ва ғайраҳо идома меёбад, ки аксари ин қасоид аз ҷиҳати мазмуну мундарича мадҳӣ, вале дар онҳо ниёз ба тааллуқоти моддӣ, ҳирсу тамаъ ва талаби подош, инъому атоҳо аз мамдӯҳ ба назар намерасад. Муҳтавои марказии ин қасоидро ба монанди як гурӯҳи ғазалиёти ин шоирон муноҷот ба Ҳақтаоллоҳ, тавсифи хонадони Пайғамбари ислом ва аимаи атҳор ташкил мекунад, вале ҳунари шоирӣ дар ин гуна қасида камтар буруз намудааст ва аз ҷиҳати таркиби худ маҳдуд ва қонунияти қофиябандӣ низ дар баъзе ҳолатҳо он қадар риоя намешавад:

Гунаҳкорам, гунаҳкорам, Худовандо, ту медонӣ,
Гуноҳи беадад дорам, Худовандо, ту медонӣ.
Зи аввал дар адам будам, ба дунё кард мавҷудам,
Шудам маҳмур, осудам, Худовандо, ту медонӣ.
Дар ин дунёи пурмеҳнат шудам дар хоб, дар ғафлат,
Накардам як замон тоат, Худовандо, ту медонӣ.
Назар кардам ба гӯристон, надидам рӯйи ҳамҷинсон,
Ба хобанд ҷумлагӣ яксон, Худовандо, ту медонӣ [6, 34].

Ин навъи қасидаҳо аз ҷиҳати теъдоди абёти хеш аз понздаҳ то бисту ду ва гоҳо аз он каму зиёд ҳам шуда метавонанд, ки ба ин гурӯҳ қасидаҳои Шоҳфутур мансубанд, вале қасоиди Мулло Лочин гоҳо аз даҳ мисраъ низ камтаранд.

Дар қасоиди шоирони ин минтақа гоҳо умумияти зуҳури андешаву ҷавлони фикр ва якрангии қолаби гуфтор, инчунин шабоҳати истифодаи таркиботу иборот мушоҳида мешавад. Масалан, қасидаи даҳбайтаи Мулло Лочин, ки дар вазни мисраи дуюми байти саввум аломати сактаъ дорад, аз қасидаи дар боло овардаи Шоҳфутур кам тафовут дорад:

Аз бадтарини халқи ҷаҳонем, ё Худо,
Бадфеълу бадқиёфату гумроҳу русиё(ҳ).
Аз раҳматат умедаму аз феъли худ хароб,
Ё подшоҳи роҳаму раҳман ва раҳнамо.
Умрам бирафт, ҳеҷ надидам з-ин ҷаҳон,
Ғайр аз надомату афсӯсу моҷаро.
Ҳамчун сароб буд бирафтем ташналаб,
Афсӯсу сад дареғ надидем муддао… [2, 3].

Дар ин навъи қасидаҳо шоирони зикршуда аз гузаштаи бефоидаи рӯзгору дар ғафлату нодонӣ гузаронидани умр, нашинохтани Худованд, умеди лутф аз Худо, пайваста асири нафси аммора будан, тавсифи имомони давр изҳори андеша намудаанд.

Зикри имомони давр дар шеъри форсии тоҷикӣ суннати деринаи адабист ва он аз замони фаъолияти адабии Носири Хусрав оғоз мешавад. Муаллифони китоби «Ҳакими суханвар» хусусияти қасоиди ҳакимро арзёбӣ намуда, қайд намудаанд: «аҳёнан якчанд қасидаро дар девони шоир мувоҷеҳ мегардем, ки дар мадҳи Мустансири Биллоҳ халифаи фотимии Миср ё аҳли байти пайғамбари ислом гуфта шудаанд» [1, 70].

Дуруст аст, ки дар баъзе қасидаҳо ҳаким Носири Хусрав номи имоми даврашро айнан наоварда бошад ҳам, аз андешарониҳояш роҷеъ ба масъалаи бузургдошти ҳикмат, илму тоат, таъодул байни олами фониву олами боқӣ, офараниши замону макон ва амсоли инҳо, ки меҳвари асосии нуқтаи назари фалсафию мазҳабияшро ташкил менамоянд, иршодкунандаи муъминонро дар ҳамаи давру замон имом медонад. Дар қасидае, ки бо матлаи

Ба чашми ниҳон бин ниҳони ҷаҳонро,
Ки чашми аёнбин набинад чаҳонро [4, 43]

оғоз мешавад, Имомро хозине медонад, ки ин хазина Қуръон аст ва он пур аз маъонист ва Паямбар шубонии умматро бад-Ӯ супоридааст:

Макону замон ҳар ду аз баҳри сунъ аст,
Аз ин нест ҳадде замину замонро.
Агар гӯйи «ин дар Қуръон нест» гӯям,
Ҳамоно накӯ менадонӣ Қуръонро.
Қуръонро яке хозине ҳаст, к-Эзид,
Ҳавола бад-ӯ кард мар инсу ҷонро.
Паямбар шубонӣ бад-ӯ дод аз уммат,
Ба амри Худой ин рамай бекаронро [4, 43].

Дар мавриди шоирии ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ донишманди тоҷик Худоӣ Шарифов андешаронӣ намуда, қайд мекунад, ки Хусрав худашро дар шеъраш шоир мешиносад ва аз ҳунараш ифтихор ҳам дорад, вале мақсади шоирии ӯ аз ҳамзамононаш фарқ дорад. Агар шоирони дигар аз шеърашон фахр мекарда бошанд, ӯ ифтихор ба дин дорад. Ба таъбири дигар, барои ӯ шеър ҳамчун воситаи изҳори матолиби мазҳабӣ ба кор рафтааст, асли мақсад ва мояи ифтихор дин аст [7, 296].

Албатта, шеърияти шоирони ин минтақа дар баробари шеъри Носири Хусрав қобили қиёс нест, вале муддаои онҳо низ аз шеър ҳамон мақсади ҳаким Носири Хусрав мебошад. Дар як қасидаи Мулло Лочин омадааст:

Сад ҷони ман фидои сагони имоми вақт,
Гар афтадаш қабул, ҳамин аст муддао.
Чун гарди пои хоки сагонаш ба чашми ман,
Кӯҳлалҷавоҳир аст ба монанди тӯтиё.
Лочин асири нафси палид аст назди ту,
Шояд ба лутфи хеш бубахшӣ ба рӯсиё(х) [2, 3]

Бояд гуфт, ки мавзӯи аксари қасидаҳои шоирони охири асри XIX ва нимаи аввали асри XX-и Бадахшон тавсифи имоми вақт – Мавлоно Султон Муҳаммадшоҳ - Оғохони III мебошад ва аз лиҳози равиши баёни андеша бо ҳам шабоҳат доранд. Ин гуна умумият ҳатто бо ашъори шоирони мазҳабии форсизабони Покистони шимолӣ, ки дар мавзӯи мавриди назари мо эҷод гардидааст, ба чашм мерасад. Яке аз чунин шоирон Насириддини Насири Ҳунзоӣ буда, дар мавзӯи мазкур ашъори зиёде таълиф намудааст, фақат ҳунари шоирӣ дар қасидаи ӯ баландтар ва таркибу ибороти суханаш қавитар аст:

Шоҳ Султон мазҳари нури Худост,
Дар ҳақиқат Мустафою Муртазост.
Дар сахову дар каромоту улум,
Мисли шоҳи ман дар ин олам куҷост?
Файзбахшу одамият дар ниҳон,
Соликони дини Ҳақро раҳнамост.
Зикру фикраш роҳати ҷону дилам,
Меҳри покаш чашми ҷонамро зиёст.
Матлаи анвори раҳмат ӯ бувад,
Он ки нурашро дар ин олам бақост.
Ганҷи махфӣ гар бидонӣ, ӯ бувад,
Рост гӯям, нури зоти кибриёст.
Волаи ишқаш на танҳо ман шудам,
Ҳамчу ҷони ман басе ҷонҳо фидост.
Аз қудуми ҳодии исмоилиён,
Ҳар касе махмури ҷоми марҳабост.
Гарчи роҳи ишқ бошад пурхатар,
Ғам надорам, чун Алӣ мушкилкушост.
Ҳазрати Султон Муҳаммад шуд имом,
Рӯйи ту ойинаи Эзаднамост.
Шамъи ҷони ошиқони босафо,
Боғи улфатро гулу зиннатфазост.
Ҷон фидо кун, ай Насири бенаво,
Ҷони ҷони ту амири ду сарост [3, 9].

Агар аз мавқеи муқоиса ин қасидаи Насириддини Ҳунзоиро бо порае аз қасидаи Мулло Лочин ва шоирони дигари Бадахшон қиёс намоем, зоҳиран аз лиҳози баёни матлаб шабеҳи ҳамдигаранд, зеро дар қасидаи Насири Ҳунзоӣ низ имоми давр «мазҳари нури Худо», «дар ҳақиқат Мустафою Муртазост», «файзбахш», «соликони дини Ҳақро раҳнамост», «матлаи анвори раҳмат», «он, ки нурашро дар ин олам бақост», «ганҷи махфӣ», «нури зоти кибриёст», «рӯй… ойинаи Эзаднамост» ва амсоли инҳо номида шудааст, вале тафовут дар ҳунари шоирӣ то андозае вуҷуд дорад, зеро ин қасида аз ҷиҳати истифодаи таркиботу иборот, вожаҳои хос ва умуман ҳунари шоирӣ баландтар аст. Дар қасоиди

шоирони Бадахшон, ки аслан адабиёти музофотиро ташкил медиҳад, бо сабабҳои айнию зеҳнӣ ҷанбаи ҳунарӣ аз мавзӯю мундариҷа мавқеи дуюмдараҷа дорад. Барои намуна чанд байти қасидаи Мулло Лочинро меорем:

Нест дар олам яқин сирри Худо,
Ғайри Султони Муҳаммадшоҳ расо.
Дар азал ӯ буду бошад то абад,
Аввалу охир ҳамин аст моҷаро.
Ғайри ӯ ҳаргиз намедонам касе,
Гар бувад безорам аз вай, ё Худо [2, 4]

Аз байни шоирони ҳавзаи адабии Бадахшон Адими Шуғнонӣ, ки давраи ҷавонияш то солҳои сиюми асри ХХ дар хоки Бадахшони Шӯравӣ ва боқимондаи умри ӯ дар Бадахшони Афғонистон гузаштааст, бо қасоиди худ, ки теъдоди муайянанд, тафовут дорад. Аксари ин қасидаҳо низ дар пайравии қасоиди ҳаким Носири Хусрав эҷод гардидаанд, вале ҳакими суханвар, агар аз вазнҳои сангин истифода бурда бошад, Адим бештар вазнҳои матбӯъро ба кор бурдааст, ки бо мусиқии суннатии мардуми кӯҳистон ҳамоҳангӣ доранд.

Мураттиби китоб ва муаллифи сарсухани «Ашки ҳасрат»-и Адими Шуғнонӣ - доктор Хушназари Помирзод роҷеъ ба шеъри Адим андешарониҳо намуда, менависад: «Шеъри индавраи Адим комилан зери таъсири қасоиди ҳаким Носири Хусрав қарор гирифтааст. Ӯ чун салафи рӯҳонияш бо ҷаҳлу нодонӣ дар ситез буда ва қотеона дар муқобили он истодагӣ кардааст. Уқдаҳои қалбашро дар қолаби шеър рехта, аз даҳру фалаки дун нолидаву дар фарҷом шеърашро ба илтиҷову умедворӣ аз Холиқи лоязол расонидааст. Дар ин намуна:

Шудам ҳайрат зи даҳри сифлапарвар,
На ранг аз меҳру на бӯ аз рифое.
Ҳаменолидам аз чархи фусунсоз,
Зи худ кардам суол ин моҷарое.
Ки ай мискини мазлуми бадаҳвол,
На дузд ҳастӣ, на хуне, на зиное.
Бигӯ охир ба ҷуз ҷурми хиёнат,
Гирифтори парешонӣ чароӣ?
Ҷавобам дод ақли донишомӯз,
Гуноҳат он, ки бо илм ошноӣ.
Сухан бояд зи марзи илми тавҳид,
Бувад аз ибтидо то интиҳое.
Дуруди шаҳсавори қоби қавсин,
Ҳаме бояд пас аз ҳамду саное.
Зи нури ламъаи хуршеди ваҳдат,
Ба мушти хок бахшидӣ зиёе [5, 23].

Дар бисёре аз қасоид Адим айни вазну қофияи Ҳакимро интихоб намудааст. Чунончи, қасидае аз ҳаким Носири Хусрав ба ин матлаъ сурудааст:

Озурда кард каждуми ғурбат ҷигар маро,
Гӯйӣ забун наёфт зи гетӣ магар маро.

Адим ба айни вазну қофия қасидае иншо намуда, ки матлаи он ин аст:

Набвад ба ғайри кулбаи эҳзон гузар маро,
Ҷуз дарду оҳу нола намонда асар маро [5, 23].

Дар қасидаи зери Адим, ки ба назари ин ҷониб аз ҳикмати шинохти Ҳазрати Пайғамбару имоми вақт сухан меравад, дар баъзе абёт тавассути ҳисоби абҷад матлаб баён гардидааст:

Зи нахуст ҳамд гӯям ба сифоти кибриёӣ,
Ки ягонаи ҷаҳонро насазад ба ҷуз саноӣ.
Зи ҷалоли алҷамолаш натавон маҷоли дам зад,
Нарасида ҳеҷ фикрат ба маротиби ниҳоӣ.
Зи тариқаҳои дигар нарасад касе ба манзил,
Магар он, ки рафта бошад ба тариқи мустафоӣ…
Ба зуҳури нураш, ай дил, ту ба чашми маърифат бин,
Ғараз ин ки ёфт ҳастӣ ба вуҷудаш интиҳое.
Ба туфайли туст, шоҳо, ҳама коинот бар по,
Ба ту хатми офариниш, ки ту мӯҳри интиҳоӣ.
Аҳаде ба ақли ҷузвӣ натавон шудан шиновар,
Ки ба жарфбаҳри маънӣ гуҳари гаронбаҳоӣ [5, 31].

Агарчи анвои дигари қасида аз қабили қасидаҳои хазонияю баҳория, хамрия, фахрия, ҳабсия ва амсоли инҳо дар адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX камтар мавқеъ дошта бошанд ҳам, бо вуҷуди ин метавон хулоса намуд, ки дар ин минтақаи тоҷикнишин жанри зикргардида бо назари ақидатию мазҳабии сокинони он идома доштааст.

**Адабиёт:**

1. Маниёзов А., Шарифов Х. Ҳакими суханвар. – Душанбе, 2002. -232 с.
2. Мулло Лочин. Муноҷот ва дигар гуфторҳо.- Покистон, Қарочӣ, 1383 шамсӣ. -135 с.
3. Насириддини Насири Ҳунзоӣ. Ҷавоҳири маърифат. – Қарочи. -40 с.
4. Носири Хусрав. Девони ашъор. Ҷилди I. – Душанбе, 2009.-645 с.
5. Сайид Замониддини Адими Шуғнонӣ. Ашки ҳасрат. – Ровлпандии Покистон, 1380.-358 с.
6. Фотокопияи баёзи Шоҳфутур дар фонди Институти илмҳои гуманитарии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешавад.
7. Шарифов Х. Рози ҷаҳон. – Душанбе: Нодир, 2004.-352 с.

## ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ҒАЗАЛИЁТИ ЗУҲУРИИ ТУРШЕЗӢ

***Шарипов Шариф Раҳмонович*** *- н.и.ф., дотсенти кафедраи забонҳои Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тел.: +992(92) 757 32 28; ssssharif@mail.ru*

Ҳунари шоирии Зуҳурӣ дар ҳудуди шеваи баён ва мураккабии ифодаи матлаби ӯ мусаххар нагашта, балки тарзи тасвирофаринӣ ва маънибандии хос ҷаззобияти шеъри ӯро фаровоҷеӣ ва бастаи рамзу розу шӯру ниёз гардонидааст. Маъно ва андеша дар шеъри Зуҳурӣ бо сабки вежаи баён омезиш ёфта, барҷастагии ҳунари шоирии ӯро таҷассум намудаанд, ки дар маҷмӯъ ба шеъри форсии тоҷикӣ дигаргуниҳои қолабӣ (шаклӣ), маъноӣ ва сабкиро эҳдо кардаанд. Агарчи мероси адабии шоир дар жанрҳои мухталифи адабӣ зуҳур намудааст, ғазали ӯро метавон оинаи таҷаллии ҳунари шоириаш маънидод кард, ки Зуҳурӣ бешак комёрии бузург ва беназирро дар сурудани ин жанри ғиноӣ мушарраф шудааст.

***Калидвожаҳо:*** *жанр, газал, сувари хаёл, шеър, Зуҳурӣ, маънибандӣ, тасвирофаринӣ, мутаноқиз (парадокс), тазод, истиора, маҷоз, маъно, сабки ҳиндӣ, таркибсозӣ, фасоҳат, балогат, вазн, радифу қофия, санъатҳои бадеӣ.*

## ОСОБЕННОСТИ ПОЭЗИИ ЗУХУРИ ТУРШЕЗИ

***Шарипов Шариф Рахмонович*** *- кандидат филологических наук, доцент кафедры языков Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, телефон +992(92) 757 32 28; ssssharif@mail.ru*

В данной статье делается попытка рассмотреть особенности поэзии замечательного персидско-индийского поэта 16-17 веков Зухури Туршези. Талант и стиль Зухури проявляется в том, что его художественные, поэтические ритмы отличаются от творчества других поэтов индийского стиля. Поэтому его произведения воспринимаются по особенному. В поэтических жанрах Зухури присутствует необычный колорит персидско-таджикского языка, поэтому произведения поэта, все его газели можно назвать неповторимыми.

***Ключевые слова:*** *жанр, газел, поэзия, художественные образи, парадокс, Зухури, стил, поэтические ритми, метафора, аллегория, смысл, индийский стиль.*

## PECULIARITIES OF POETRY ZUHURI TURSHEZI

***Sharipov Sharif Rahmonovich*** *– candidate of philology, associate professor of chair of Langueges of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, phone:+992(92) 757 32 28; ssssharif@mail.ru*

In this article, an attempt is made to examine the peculiarities of poetry by a remarkable Persian-Indian poet of 16-17 years old Zuhuri Turshezi. Talent and style of Zuhuri is that his artistic, poetic poetry poetic rhythms differ from other poets of Indian style. Therefore, his works become special. Since in the genres of Zuhuri there are unusual changes in the Persian-Tajik languages, all of his gazelles in general works of the poet can be called incomparable and unrepeatable.

***Keywords:*** *genre, gazelle, poetry, artistic images, paradox, Zuhuri, style, poetic rhythm, metaphor, allegory, meaning, indian style.*

Агарчи маҳдудияти қолабҳои шеърӣ ба бархе аз шуаро даст надодааст, ки матолиби хешро ба андозаи майлу хоҳиши худ дар он гунҷоиш диҳанд, Зуҳурӣ тавонистааст, ки ҳар чӣ хоста ва пиндоштааст дар жанрҳои шеърӣ, ба вежа ғазал ҷойгир намояд ва зиёда аз ин, хамирмояи сухан дар дасти афкори шоир мумеро мондааст, ки ба ҳар майли пиндори ӯ шакл гирифтааст. Чун сабки ҳиндӣ бо печидагӯӣ, таркибсозӣ, талмеҳоти фаровон, иғроқ, пурмутаноқузӣ ва мубҳамандешӣ маъруфият дорад ва бархе аз гӯяндагони шеър бо ин сабк бар амсоли Урфӣ, Малики Қумӣ, Боқири Хӯрда, Зеҳнии Кашмирӣ, Назирии Нишопурӣ, Файзии Даканӣ аз фазилатҳои умдаи он баҳраваранд, ба шоире кам андар кам даст медиҳад, ки дар паҳлуи чеҳраи намоёни ҳунарии шуарои мазкур тозакориеро ба ин равиш муяссар гардад ва соҳиби тарзи хоси маънибандӣ ва тасвирофаринии худ бошад[1,14]. Хусусан, пас аз зуҳури Соиб ва Бедил шинохти ашъори аксари шуарои бо ин сабк сарукоргирифта хира монд. Аммо нақши боризе, ки Зуҳурӣ дар коргоҳи тавлиди маънии бикр ва тасвири бемонанд гузошт, нагузошт, ки чеҳраи шеъри ноби ӯ пинҳон монад ва ҳатто маъруфияти ҷаҳонӣ ва ҷовидонии ашъорашро таъмин кард. Ба андозае, ки тозагии матлаб ва бардоштҳои вежаи шоирона дар «Соқинома»-и Зуҳурӣ таъсир гузошта, ки «Муҳити аъзам»-и Бедил эҷод шавад.

Мухтасоти аввалине, ки дар шеъри Зуҳурӣ ба чашм мерасад, балоғати он-шакл ва сохтори маъноӣ(форма) аст. Ба андешаи аксари муҳаққиқин миёни балоғат ва андеша ваҳдати комиле вуҷуд дошта, ки бидуни ин рабт ҳеҷ гуна матне наметавонад, ки дар пасомади худ ба ҳосили адабӣ расидагӣ намояд [2,24; 3, 78]. Боризтарин вежагии шеъри Зуҳурӣ дар ҷаҳони балоғати гуфтор истифодаи моҳирона ва беназири тазоду таноқуз аст, ки ҳавзаи сохтори маъноии ашъорашро бениҳоят густурда кардааст. Пайгирӣ аз ин вежагӣ мунтақидро ба сӯи даричаи ҷаҳони тозаи шеъру шахсият, ҷаҳони пур аз чашмандозҳои нотакрори шоирӣ, ҳувият ва асолати шеър ва дар ниҳоят ба маърифати дигаргунаи ишқу зиндагӣ, ҳастӣ ва тасвиру маъно раҳнамун ва баъдан комилан ошно месозад[5,57-58]. Чунончи, дар байти зер:

**<u>Рандаи нолатарошӣ</u>** ба каф оварда нафас,
Дард дар даст марезод **<u>дами теша</u>**и мо[8,6].

Дар ибораҳои «рандаи нолатарошӣ» ва «дами теша» аз ҷиҳати мафҳум ду рӯи таркиб якдигарро нақз карда, як навъ иртиботи байни маҳсус ва номаҳсусро, ки ба қавле «ҳусни сабки ҳиндист» ба вуҷуд оварда, таҷаллии нозуки тамсилро дар шеъри шоир бозгӯ намуда, боиси истихроҷи мазмуни бикр ва ниҳояти таҳрезии фикр гардидаанд. Як қатор ибораҳои таноқузӣ, бар амсоли «дами теша», «ба даҳон муҳри хомӯшӣ задан» имрӯз мавриди истифодаи забони оманд. Чунончи, дар шеваи гуфтори мардуми Мастчоҳ «доси кунд» ва ё «тешаи кунд»-ро «дами дос гаштааст» ва ё «дами теша гаштааст» мегӯянд.

Дар байти зерин ибораҳои «шерони ҳавас» ва «рӯбаҳии беша» василаи фатҳи сангарҳои ноошнои маънии адабӣ гардида, на ба манзури таъқиди баён ва печидагии хаёл, балки ҷиҳати ифодаи маънии ҷадид иброз шудаанд:

Ҷигари ишқ даромад ҷигари ақл гурехт,
Фахри **<u>шерони ҳавас</u>** **<u>рӯбаҳии беша</u>**и мо [8,6].

Дар офариниши таркиб ва ибораҳои мутаноқузӣ Зуҳурӣ ҳамто надорад ва ин нукта чун ашъори соири шуарои сабки ҳиндӣ яке аз пояҳои асосии шеъри ӯст.

Чунончи, «нахли ҳавас», «пойи дил», «тӯфони ҳавас», «ғуссафи фақр», «шуълаи ҳусн», «панҷаи марҷон», «базми таманно», «ҷомахонаи ишқ», «дахли сабр», «маснади ифода», «киштии ақл», «киштии сабр», «виқори кӯҳ», «болиши хишт», «обрӯи хоксорӣ» ва садҳои дигарро метавон дар ашъори ноби ӯ мувоҷеҳ шуд:

Бисоти хирагӣ ва бозори ҳаё:

То ҳавас ҳар сӯ наяндозад **бисоти хирагӣ**,
Ишқ дукондори **бозори ҳаё**ро гарм кард.

Ёсамини бӯса:

**Ёсамини бӯса** дар гулбарги лабҳое шукуфт,
Ишқи бепарво ҳаваср дасти чидан дода буд.

Машқи ҷунун:

Сархати **машқи ҷунун** дар назари ақл бинеҳ,
Бар гулу лола зи сунбул рақаме мебошад.

Мастии ҳасрат:

Касе, ки дар ҳаваси лаъли боданӯш афтад,
Зи тоби **мастии ҳасрат** чу ман ба ҷӯш афтад.

Гулӯи орзу:

Панҷаи қассоби мо бод ба хун лолагун,
Бар **гулӯи орзу** хушҳавасӣ по фусурд.

Ҳавсалаи мастӣ ва паймонаи оина:

Дида аз **ҳавсалаи масти**и дидор куҷост,
Бодаи акс ба **паймонаи ойина** кашам

Ширинии талхӣ:

Ҳавас дорам намоёнтар шавад **ширинии талхӣ**,
Ки бо заҳри ту гирди орзуи қанд мегардам.

Бетобии хоҳиш:

Хушо **бетобии хоҳиш**, зи фикри васл мерафтам,
Агар донам, ки чун ҳосил шавад, хурсанд мегардам.

Назар хоридан:

Дар ҳасрати кӯҳли хоки пое,
То кай ба ҳавас **назар бихорам**.

Сайқали ҳайрат:

Нигаҳ ба **сайқали ҳайрат** накардаӣ рушан,
Биё, ба ҷиргаи қурбониён, ҷило ин ҷост [8,242].

Тори оҳ:

Сели сиришки мо магар бар сари шустушӯ равад,
Бахт зи тори оҳи мо бофта ин гилемро [8,242].

Дастёбии Зуҳурӣ дар санъати мутаноқиз то ба ҷоест, ки танҳо аз як вожаи «ҳавас» 37 ибораи мутаноқузӣ сохта, дар ҳар як ибора тобиши маъноии навро ҷойгир намудааст, ки дар густураи адаби форсӣ ин намуна камназир аст. Чунончи;

1.Дашти ҳавас:

Аз тафи **дашти ҳавас** мағзам намеояд ба ҷӯш,
Ҷойи худ во кардаам дар сояи девори ишқ.

2.Кӯи ҳавас:

Тамоми умр хошоки сари **кӯи ҳавас** чидам,
Ки нодон мекунад бар шӯълаи хас хомҷӯширо.

3.Масти ҳавас:

Ба ғунча бин, ки зи бӯса дамаш амон надиҳанд,

Баҳор **масти ҳавас** карда андалебонро.

4.Деги ҳавас:

Ба ҷӯш оварам боз **деги ҳавас**ро,
Пас аз пухтагиҳо дигар хом гардам.

5.Бозори ҳавас:

Ба **бозори ҳавас** хушмоядоронанд савдоӣ,
Агар мӯҳтоҷ бошӣ, медиҳандат сабр вом ин ҷо.

6.Тазарви ҳавас:

Мардон шикори шер ба шамшер мекунанд,
Тифлона чанд доми **тазарви ҳавас** кашам.

7.Коми ҳавас:

Чӣ заҳрҳо зи **коми ҳавас** ба ҷом кунам,
Агар ба бӯса лабе дар шакар нагардонам.

8.Шаҳиди ҳавас:

Ба пойи теғи ту бар сар наметавон бурдан,
**Шаҳиди ин ҳавас**ам хуни ман баҳое нест.

9.Бесутуни ҳавас:

Гардид **Бестуни ҳавас** сарнагун зи ман,
Савганди аҳли ишқ ба Фарҳодии ман аст.

10.Тоби ҳавас:

Ишқи ту шуд табиби Зуҳурӣ, Масеҳ кист,
Дар таб дилам зи **тоби ҳавас** буд, беҳ шудаст.

11.Гармои ҳавас:

Ғайр гӯ: дар дафъи **гармои ҳавас** сандал бимол,
Оташорояш намесӯзад, дили мо оташ аст.

12.Дандони ҳавас:

Дар тахайюл зери **дандони ҳавас**,
Шаккарин лаълаш фишоре баргирифт.
Ё:
Зери **дандони ҳавас** гардид лабҳо лахт-лахт,
Войи лабҳо бӯсаи кунҷи даҳоне барнахӯрд.

13.Гарди ҳавас:

Чеҳра дар **гарди ҳавас** гум гашту ашке роҳ надод,
Мурд дар лаб достону ҳамзабоне барнахӯрд.

14.Ниҳоли ҳавас:

Сидра гашта **ниҳоли ҳавас**ам,
Бехи ҳосил ба самар мӯҳтоҷ аст.

15.Қимори ҳавас:

Бирав ҳарифи дигар ҷӯй дар **қимори ҳавас**,
Ки беқарории ҷони шикеббоз гузашт.

16.Кӯраи ҳавас:

Чанд дар **кӯраи ҳавас** ҷӯшам,
Мешавад хом хомтар, чӣ илоҷ?

17.Сармояи ҳавас:

Меҳр **сармояи ҳавас** дорад,
Ҳасрати пои боми мо нахурад.

18.Хони ҳавас:

Зи ахгар ишқ дар меҳмонии парвона нуқлафшон,
Магасро дар сари **хони ҳавас** лавзина мебояд.

19.Ҷӯши ҳавас:

Дилам ба **чӯши ҳавас**ҳои хом меафтад,
Фишонда дона, ки анқо ба дом меафтад.

20.Нахли ҳавас:

То ба дил решаи меҳри Шоҳи Наврас наравад,
Аз куҳан **нахли ҳавас** ком ба навбар надиҳанд.
Ё:
Зуд бар **нахли ҳавас** не бор мемонад на барг,[1]
Ларзаи ҳасрат чунин гар медиҳад афшони мо.

21.Ҷинси ҳавас:

Маро кӣ гуфт дукони ишқ бикшоям,
Дар он диёр, ки **ҷинси ҳавас** баҳо дорад.

22.Сайди ҳавас:

Манам дар донапошӣ бахяҳои далқ барчидам,
Ки аз **сайди ҳавас**ҳо хирқа доми хирқапӯш омад.

23.Синаи ҳавас:

Умеди васлпарварӣ аз кони васл буд.
Дар **синаи ҳавас** халиши устухон бимонд,

24.Нанги ҳавас:

Ишқи ту барқ асту ҳавас хору хас,
Шукр, ки растем зи **нанги ҳавас**.

25.Чашми ҳавас:

Аз ҳарфи шаҳди бӯса лаболуда нестем,
**Чашми ҳавас** зи кунҷи даҳан баргирифтаем.

26.Ранги ҳавас:

Ишқ дар оинаи ҳусни ту идрок кунам,
Тира гардид дил аз **ранги ҳавас**, пок кунам.

27.Базми ҳавас:

Дар чидани **базми ҳавас** чандон, ки дил зад дасту по,
Бар сар накардам ин ҷафо, гар фикри сомон барканам.

28.Тақдими ҳавас:

Барнатобад ишқи болодаст **тақдими ҳавас**,
Мебарам худро ба базми васл маҷнун мебарам.

29.Магасхони ҳавас:

**Магасхони ҳавас** гашта Зуҳурӣ айшат,
Ком дар талхии ширинии лавзина кашам.

30.Хоби ҳавас ва маҳви лаззат:

Дӯш **хоби ҳавас**амро ба шакар меҳмон дошт,
**Маҳви лаззат** шуда ком аз сухани таъбираш.

31.Теғи ҳавас:

Чуну чаро кунем, ки иксирпешаем,
**Теғи ҳавас** зи куштани симоб шустаем.

32.Боғи ҳавас:

Сад шохи тоза аз буни ҳар барг бирӯяд,
Бар кҳнанахли **боғи ҳавас** чун табар занам.

33.Тори ҳавас:

Бо гирах **тори ҳавас** шуд рез-рез,
Кундмайле тездандонист ин.

34.Дарёи ҳавас:

---

[1] Дар чопи Асғарӣ «Зуд бар нахли ҳавас не барг мемонад на бор»

Ба **дарёи ҳавас** мавҷам рабудӣ,
Агар ҳасрат набудӣ лангари ман.

35.Таби ҳавас:

Дасти **таби ҳавас** шуда кӯтаҳ зи набзи он,
Наштар кашида то мижаҳои дарози ӯ.

36.Чашми ҳавас:

Монда бар дасти ту **чашми ҳавас**и нахчире,
Чӣ шавад гар ҷаҳад аз шасти навозиш тире.
Ё:
Умрест, ки нанвохта боди сари куе,
**Чашми ҳавас**и мунтазиронро ба ғуборе.

37.Хишти ҳавас:

Ба зери бори кӯҳи оҳ дар **хишти ҳавас** мурдам,
Шикоятҳои Маҷнуне хароши ҷони Фарҳоде.

Ин вижагӣ-аз як вожа чандин ибораҳои мутаноқизӣ офаридан дар девони Зуҳурӣ зиёд ба чашм расида, интихобан калимаи «ҳавас» ба риштаи намуна кашида шуда, дар баробари тасвири ҳиёии парадоксӣ бо вожаи мазкур ифодаи маъноии ибораҳои мутаноқизӣ, ки гоҳо ҳаммонади ҷисми инсон зиндаанд (чунони, «таби ҳавас»), бозгӯ шудааст.

Ҳаваси комёфт (ишора ба хоҳиши иҷрошуда):

Зи талху шӯр **ҳаваси комёфт** наздикат,
Ки бӯса бар намакин шакаре зи дур диҳад.

Ҳаваси синасипор:

Ҷигарам доғи туро дида эмин,
**Ҳаваси синасипор**е дорад.

Ҳаваси ҷилва (ишора ба хоҳиши бозтобӣ ва таҷаллӣ):

Сар дар итоби камар мебарад аз тоби камар,
Мебарад чун ҳаваси ҷилва ба сайри чаманаш.

Ҳаваси ғамза(орзуи имову ишорат кардан ба чашму абрӯ, ноз, карашма):

Бар дили реш аз **ҳаваси ғамза**е,
Сӯниши алмос бирондам, дареғ.

Ҳаваси шоҳ (хоҳиши шоҳона):

Гадои дар ба дарам, лек дорам ин иқбол,
Ки хотир аз **ҳаваси шоҳ** барнагардонам.

Ҳаваси турктозӣ(ҳаваси бераҳм, вайронгар):

Маъмур бод дил, чӣ қадар ҷони қиммате,
Омода кард дар **ҳаваси турктоз**и ӯ.

Ҳаваси захм:

**Ҳаваси захм**и ҷигар чун гусилад аз дили ман,
Дидаам аз сафи мижгони ту ханҷар задане.

Ҳаваси марҳам:

Гар Зуҳурӣ **ҳаваси марҳам**и тифлӣ дорам,
Хешро бар дами шамшери итоб андозам.

Ҳаваси пухта (орзуи иҷрошуданӣ), Ҳавас пухтан (ба мурод расидан):

Барнаояд дил аз **ҳавас пухтан**,
Ҷӯш аз оҳи хоми мо нахурад.
ё:
Дар **ҳавас пухтан** тафи хун гашта хуш бесарфа сарф,
Аз нигоҳи гарм хоҳад сохтан, хомам ҳанӯз.

Ё ки:
Ҷисму ҷон раст аз **ҳавас пухтан**,
Нигаҳи гарм карда хуш хомам.
Ҳавасгудозӣ:
Дар байъи сина омад сӯзи **ҳавасгудозӣ**,
Доғ аз баҳал таровад муҳри қаболакорӣ.
Ҳаваси хом (орзуи иҷроношуданӣ, ғайримумкин):
**Ҳаваси хом** ба чӯш омада дар сина дигар,
Доғҳо бар ҷигари сӯхта чидан дорад.
Ё дар шакли ҷамъаш:
Гардида нимпухта **ҳавасҳои хом**, ҳайф,
Хуне дигар намонд, ки чӯше бароварам.
Ё ки:
Оҳ, дар ӯ на тоби Зуҳурӣ фурӯ нишонд,
К-аз чӯши сина пухт **ҳавасҳои хом**и ман.
Ҳаваси орамида (хоҳиши сардшуда, орзуи аз баҳраш баромада):
Тамкинишвае ба шӯр овард,
**Ҳаваси орамида**и моро.
Ҳаваси рӯнамо (хоҳиши ошкоро):
Сад ганҷи гавҳари дилу ҷон вом кардам,
Инҳо таҳийяи **ҳаваси рӯнамо**и кист?
Ҳаваси асар (хоҳиш таъсиргузор):
Оҳам ба видоъ гиря сар дод,
Дар дил **ҳаваси асар** бишустам.
Ҳаваскушӣ (сифат-ҳавас куштан-хоҳиш надоштан, орзуро барбод додан):
Гӯ, ҳавас дар фикри мотам бош, к-аз эъҷози ҳусн,
Зинда шуд **ишқи ҳаваскуш**, вақти арзи муддаъост.
Ҳаваси нола (хоси узви шунавоӣ)-хоҳиши фарёд задан:
То синаи дил дар **ҳаваси нола** бихорам,
Рагҳо ҳама дар синаи ман чанг баровард.
Ҳаваси накҳат (хоси узви шомеа)-рағбат ба хушбӯй:
Бо бехабарон аз **ҳаваси накҳати мӯ**е,
Пинҳон зи сабо бар сари роҳи хабар оянд.
Ҳаваси суҳбат (иштиёқи зиёди мулоқот):
Зоҳидонро **ҳаваси суҳбат**и хилват зада раҳ,
Суҳбати шанбе магар бар рухи одина кашам.
Ҳаваси зулф (хоҳиши дидани рӯи ёр):
Атри райҳони биҳишт аз ту, Зуҳурӣ, хуш бош,
Рав, ки мо бар **ҳаваси зулф**и муанбар задаем.
Ҳаваси ахгар:
Акнун дар оташ аз **ҳаваси ахгар**е нишин.
З-он нӯки ғамза гашта халидан чи тез даст,
Ширинии ҳавас (хоси узви чашоӣ)-ширинии орзу:
Шӯри магас балост зи **ширинии ҳавас**,
Ку ҷилваҳои шамъ, ки парвона пур шудаст.
Дасти чидан доштани ҳавас (ҳаракати (феъл) мафҳуми абстрактӣ):
Ёсамини бӯса дар гулбарги лабҳое шукуфт,
Ишқи бепарво **ҳавасро дасти чидан дода буд**.
Сар буридани ҳавас(ҳаракати (феъл) мафҳуми абстрактӣ)-куштани хоҳиш:
Ба теғи ишқи ту аз бас **ҳавас буридам сар**,

Даруни кушиши дуккон пеши қассобест.

Лабчаш доштани ҳавас (ҳаракати (феъл) мафҳуми абстрактӣ):

Чун хурад май аз табассум, нуқл резад шаккараш,

Ҷон фидояш, **лабчаше дорад ҳавас** бар соғараш.

Нақшҳои ҳаваснисанд:

Ишва бар лавҳаҳои содадилон,

**Нақшҳои ҳаваснисанд** нигошт.

Захми ҳавасхӯрда:

Ҳануз **захми ҳавасхӯрда**и ту расво нест,

Барор теғ, ки фардо гуноҳ аз мо нест.

Мояи зиндагӣ шуморидани ҳавас (орзу, майл, шавқ, иштиёқ, хоҳиш):

Дар сафи мурдадилон рӯзи ҷазо бархезад,

Мояи зиндагии ҳар кӣ набошад ҳавасе.

Корбасти фаровони санъати ҳисомезӣ аз мухтасоти шеъри Зуҳурӣ буда, мазомини андешаҳои улвии шоирро табйин намуда, ҳатто то ҷое ҳис ба хусусияти(сифат) ашё ва ҳаракати(феъл) он ҳамнишин шуда, дар қолаби иборат имтиёзи фарохтари таъвилро эҳдо кардааст. Чунончи,

«ҳаваси фарбеҳ» (ишора ба орзуи зиёд ва майлу иштиёқи калон):

Бо хами бозӯйи ҳасрат **ҳаваси фарбеҳ**и мо,

Ба таманнои миёни ту, ҳамон лоғар ҳаст.

Дар байти фавқ сифати «фарбеҳ», ки хоси узви босира аст, бо «ҳавас», ки эҳсосист ва дар байти зер ҳисси шома бо шунавоӣ омезиш ёфтааст:

Нофа аз чини тура гашт дилам,

**Бӯйи давлат** зи худ **шунуд** имшаб[8,52].

Бӯи гул гирифтан нигоҳ(ҳисомезии босира бо шома):

Ба гулшане, ки гузори ту навбаҳор афтод,

Нигоҳ бӯи гулу ранги лола мегирад[8,261].

Ба бӯйи Аёз болидани ранг(ҳисомезии босира бо шома):

Ба бӯстони вафо дар гул-гули Маҳмуд,

Ҳанӯз **ранг ба бӯи Аёз меболад**[8,317].

Ё:

Гаҳ **бӯйро** ба тарбияти чашм **карда ранг**,

Гаҳ **рангро** ба таҳвияти мағз **бӯ кунанд**[8,319].

Бӯи ошноӣ аз овоз омадан(ҳисомезии шома ва шунавоӣ)

Сухан дар ранги ҳар бегонае мегӯӣ мефаҳмам,

Ки бӯи ошноиҳо аз ин овоз меояд[8,332].

Бӯи шикаст хӯрдан (ҳисомезии шома ва чашоӣ):

Мужда, ки бар димоғи дил **бӯи шикаст мехӯрад**,

Аз хами зулфи анбарин манъи шикан намекунад[8,411].

Бӯи занҷир дамидан (ҳисомезии шома ва босира):

Будат ҳаваси ҷунун Зуҳурӣ,

Ҳин, **медамад аз ту бӯи занҷир**[8,475].

Аз тори оҳ бофтани гилем (ҳисомезии шунавоӣ-«оҳ» ва ломиса-«бофтан»):

Сели сиришки мо магар бар сари шустушӯ равад,

Бахт зи тори оҳи мо бофта ин гилемро[8,144].

Аз мумтозияти дигари шеъри Зуҳурӣ таркибсозии ӯст, ки ба сифати қолабе баргузида шуда, ҷиҳати ғунҷоиши фитрати зотиву назари завқияш, ки ҳама гуна ҳолату ҳодиса ва ашёи табиатро ҷилва ва тобиши хоса додааст, бо мухтасоти шоирона корбаст гаридааст. Таркибсозии Зуҳурӣ аз шигардҳои шеъриии ӯ буда,

тозагии таркиб ва бофтаҳои ғарибро фарогир аст, ки аз ҷамъи ду ва ё зиёда вожаҳо ихтисос ёфта, бо ин васила маонии тозаро табйин сохтааанд. Чунончи, «ситорасӯхта»:

**Ситорасӯхта**гонем, лек дода қазо,
Ба офтоб шараф аз вуболи кавкаби мо[8,18].

«хонумонхароб»:

Ишқ агар ҷойи ганҷ мехоҳад,
Синаи **хонумонхароб**е ҳаст.

Ё:

Ишқ он **хонумонхароб**е ҳаст,
Ки туро оварад ба хонаи мо[8,20].

«рангинбисот»:

Гиря хуш **рангинбисот**е чида дар бозори шавқ,
Мечакад ёқути тар аз панҷаи марҷони мо[8,3].

Дар алоҳидагӣ вожаҳои «ситора», «сӯхта», «хонумон», «хароб», «рангин» ва «бисот» маонии мухталифро ифода намуда, Зуҳурӣ дар ҳамнишинии муваффақонаи онҳо маонии ҷадидро ба истихроҷ додааст, ки аз назари дигар тасаллути комили ӯро дар корбасти алфозу маъно бозгӯ намудааст. Ҷазби маъною лафз ва коргирӣ аз ороятҳои адабӣ, бавежа тозоду мутаноқиз хамирмояи шеъри шоирро ба кимиёи ҳунарии ӯ дар офариниши шеър табдил додаанд[4,6].

Хомҷушӣ:

Тамоми умр хошоки сари кӯи ҳавас чидам,
Ки нодон мекунад бар шӯълаи хас **хомҷушӣ**ро.

Таркиботи шеъри Зуҳурӣ аз имтизоҷи мафоҳими маҳсусу номаҳсус ба ҳам рехта, гоҳо дар ҷамъи мутазодҳо (масалан, «хомҷушӣ») ҳолату ҳаракат ва аломату хусусияти он падидаҳоро ифода намуда, гоҳо аз ду мафҳуми номанҳус як ҳолати тозаи табиатро (масалан, «субҳоғуш», ки хосияти саҳар аст) инъикос кардааст.

Субҳоғушӣ:

**Субҳоғуши**и ҳавас, ки ниҳад,
Сина бар сина шаби ошиқ.

Тамкинишва:

**Тамкинишва**е ба шӯр овард
Ҳаваси орамидаи моро.

Ҳавасписанд:

Ишва бар лавҳаҳои содадилон,
Нақшҳои **ҳавасписанд** нигошт.

Ҳавасхӯрда:

Ҳануз захми **ҳавасхӯрда**и ту расво нест,
Барор теғ, ки фардо гуноҳ аз мо нест.

Куҳнанахли боғи ҳавас:

Сад шохи тоза аз буни ҳар барг бирӯяд,
Бар **куҳнанахли боғи ҳавас** чун табар занам.

Нафасолуда:

Шукр бигӯ, ки ба таъдиб лаб кушояд лаб,
Ҳикояташ **нафасолуда** гашта беадабист.

Ҳавасангез:

Маро чи заҳра, ки унноби лаб газак созам,
Зуҳурӣ, ин **ҳавасангези**и майи инабист.

Оташоро:

Ғайр гӯ: дар дафъи гармои ҳавас сандал бимол,
**Оташоро**яш намесӯзад, дили мо оташ аст.
Булҳаваснавоз:
Дил аз ту ҳам чу ман, эй **булҳаваснавоз**, гузашт,
Зи шукру шиква гузаштему сӯзу соз гузашт.
Хуҷастапаём:
Касе, ки фарқи ҳавас дорад аз **хуҷастапаём**,
Агар на фарқ кунад дар роҳи ту по, чӣ кунад.
Уммеди васлпарвар:
**Уммеди васлпарварӣ** аз кони васл буд.
Дар синаи ҳавас халиши устухон бимонд,
Лабчаш:
Чун хурад май аз табассум, нуқл резад шаккараш,
Ҷон фидояш, **лабчаш**е дорад ҳавас бар соғараш.
Шуълакор:
Дигар нашуд самандар меҳмони **шуълакорон**,
То ахгари сиришкам кардаш наволакорӣ.
Синасипор:
Ҷигарам доғи туро дида эмин,
Ҳаваси **синасипор**е дорад.
Бӯсамаст:
Соқӣ газаки газиданӣ бахш
Як раҳ лаби **бӯсамаст**и моро.
Нигоҳшӯ:
Ҳон Зуҳурӣ, ба гиря кор афтод,
Покбинон **нигоҳшӯ**ёнанд.
Шамоманофа:
Ҳарфи **шамоманофа**е боз магӯ, кадом бӯ,
Бе гули накҳаташ сабо мағзи суман намекунад[8,411].
Тушакаш:
Бар бӯи ту пӯидани ин раҳ аҷаб нест,
Дорам чу сабо тӯшакаше дар сафари худ[8,382].

Дар шеъри Зуҳурӣ гоҳо саропои мисраъ аз таркибот банду баст ёфта, басомад ва имтиёзи таркиботро афзудааст, ки дар байти зер таркиби «ҳоли ҳавасбастаи умедгурез», ки ин матлабро равшан ифода карда, аз вожаҳои тазодӣ: ҳавасбаста(хоҳиши зиёд) ва умедгурез(ноумед) ба ҳам омадааст:

Вой бар **ҳоли ҳавасбастаи умедгурез**,
Ишқ бархоста майдон зафаристон гаштаст.
Ё:
Сад ганҷи гавҳари дилу ҷон вом кардам,
Инҳо **таҳийяи ҳаваси рӯнамо**и кист?

Ва ё:

Ҷоме накашидам, лаби лаъле намакидам,
**Маъшуқаи таҳвист чӣ рангинҳавасе чанд**.

Ё:

**Ҳаваси улфати оҳунигоҳон кушт туро**,
Ҳабаре нест, ки аз хеш раме мебошад.

Рӯҳ омада бар бӯи хуш бӯса ба парвоз,

**Завқест кабӯтардами мушкиннафас**е чанд[8,334].

Ё ин байт пурра:

**Дида аз ҳавсалаи мастии дидор куҷост,**
**Бодаи акс ба паймонаи ойина кашам**.

«Дар гулбарги лабҳо шукуфтани ёсамини бӯса» на танҳо ифодаи олии санъати мутаноқуз, балки дараҷаи олии тасвирофаринӣ буда, лаб ба барги гул ва ғунчаи бӯса ба гули ёсамин ташбеҳ ёфта, ҳамзамон гулбарг бо ёсамин, ки ҳамҷинсанд, таносуби каломро ба вуҷуд овардаанд:

**Ёсамини бӯса дар гулбарги лабҳое шукуфт**,
Ишқи бепарво ҳаваср дасти чидан дода буд.

Хулоса, ҳавзаи сохтори маъноии шеъри Зуҳурии Туршезӣ фарогири ҳудудҳои таркиб ва ибораҳои мутаноқузӣ(тасвири ҳиёии парадоксӣ), корбасти фаровони ороятҳои адабӣ, аз ҷумла ҳисомезӣ, ташхис, талмеҳ, корбурди вобастаҳои ададӣ, тозагии таркиб ва бофтаҳои ғариб, лафзи тоза ва маонии ҷадид, тахайюли баланд ва бемонанд буда, шакли нави ифода ва комбинатсияҳои нотакрори фикрӣ аз мухтасоти ашъори шоир аст. Балоғат ва фасоҳати ашъори шоир дар шаклҳои интихоби нозуконаи вазн, радифу қофияи хушоянд, муҷазии матлаб ва муассирии тасвир инъикос гардида, дар маҷмӯъ вежагии шеъри Зуҳуриро инъикос намудаанд.

Сувари хайёл дар шеъри Зуҳурӣ тобишҳои фаровоқеӣ дошта, гоҳо падидаҳоеро фарогир аст, ки маҳз дар зовияи диди шоир тазоҳур карда, коргоҳи тафаккури ӯро ба таҳрик дароварда, иллати тавлиди мазмуни бикр шудаанд.

Шеъри Зуҳурӣ оинаи тамомнамоест, ки ҳар кас дар он акси матлаби худро дида, аз тобиши рангу бӯи гулистони андешаҳои шоир ғизои маънавӣ мегирад. Чунончи, худи ӯ гуфта:

Баҳри худ низ, Зуҳурӣ, ту гулистоне шав,
Баҳри мо боғу баҳоре шуда андешаи мо.

**Адабиёт:**

1. Зарринкӯб, А. Бо корвони ҳулла/Абдулҳусайни Зарринкӯб [Матн]. – Душанбе: Пайванд, 2004. – 184 с.

2. Зеҳнӣ, Турақул. Санъати сухан/Турақул Зеҳнӣ [Матн].-Душанбе: Ирфон, 1974. -184 с.

3. Мусулмониён, Р.Назарияи адабиёт/ Раҳими Мусулмониён [Матн].-Душанбе: Маориф, 1990.- 264с.

4. Орзу, А. Бутиқои Бедил/ Абдулғафури Орзу [Матн].-Машҳад, 1378. – 214 с.

5. Родуёнӣ, Муҳаммад ибни Умар. Тарҷумон-ул-балоғат/ Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ [Матн].-Душанбе: Ирфон, 1974. – 282 с.

6. Розӣ, Шамс Қайс. Ал-муҷам-фӣ шоири ашъор-ил Аҷам/Шамси Қайси Розӣ [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1996. – 445 с.

7. Сатторзода, А. Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ [Матн]. – Душанбе: Адиб, 2001. – 106 с.

8. Туршезӣ, Зуҳурӣ. Девони ғазалиёт. Бо таҳқиқ ва тасҳеҳи дуктур Асғари Бобосолор/ Зуҳурии Туршезӣ [Матн]. – Теҳрон: Китобхона, музей ва маркази асноди маҷлиси Шӯрои исломӣ, 1390. – 1240 с.

## ТАЪВИЛ ҲАМЧУН ВИЖАГИИ МУҲИМИ ҚИССАПАРДОЗИҲОИ МАВЛОНО ДАР «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»

***Гулихандони Маликнеъмат*** *- аспиранти курси сеюми кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон бо номи Сотим Улугзода, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992) 927234791*

Таъвили калом аз ҷониби худи адиб суннати адабӣ-эҷодист, ки дар адабиёти ирфонӣ аз Саноӣ оғоз шуда, дар осори Мавлоно, бахусус "Маснавии маънавӣ" барҷаста мегардад, то он ҷо ки метавон онро вижагии қиссапардозиҳои Мавлавӣ дар "Маснавӣ" донист.

Муаллиф дар мақола дар асоси муқоисаи қиссаҳои муштараки "Маснавии маънавӣ" бо "Мусибатнома"-и Аттор, "Искандарнома"-и Низомӣ, "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт"-и Авфии Бухороӣ нақши таъвилоти Мавлоноро дар қиссапардозиҳои ӯ нишон додааст.

***Калидвожаҳо:*** *таъвил, рамз, Мавлоно, қиссапардозӣ, "Маснавӣ", Саноӣ, шарҳ, адабиёти тасаввуф.*

## ИНТЕРПРЕТАЦИЯ КАК ОСОБЕННОСТЬ ПОВЕСТВОВАНИЯ МАВЛОНО В «МАСНАВИИ МАЪНАВИ»

***Гулихандони Маликнеъмат*** *- аспирант 3-ого курса кафедры теории и истории таджикской литературы Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.: (+992)927234791*

Интерпретация терминов самим автором является литературно-творческой традицией, которая в суфийской литературе начинается с Хакима Санои и в произведении Мавляви, особенно в «Маснавии маънави», является до такой степени выразительной, что её можно считать одной из важных особенностей повествования.

Автор в статье на основе сравнения некоторых рассказов «Маснави» с их вариантами из «Мусибатнаме» Аттора, «Искандарнаме» Низами, «Джавамеъ-ул-хикаят» Авфи Бухараи роскрывает роль интерпретации в повествованиях Мавляви.

***Ключевые слова:*** *интерпретация, символ, Мавляна, повествования, «Маснави», Санои, комментарий, суффийская литература.*

## INTERPRETATION AS FEATURE OF MAVLAVI'S NARRATION IN «MATHNAVI-E MA'NAVI»

***Gulikhandoni Malikne'mat*** *– post-graduate student of the 3rd year of chair of Theory and History of Literature of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str.,* phone: (+992) *927234791*

Interpretation of terms by the author himselfe is a literary-creative tradition which begins with Hakim Sanoi in suffistical literatures and in product of Mavlavi,

especially in «Mathnavi» becomes expressive to such degree that it is possible to consider as one of important features a narration of Mavlavi in "Mathnavi".

The author in this article on the basis of comparison of some "Masnavi's" stories with their variants from "Musibatnaama" of Attor, "Iskandarnaama" of Nizami, "Javame-ul-hikayat" of Avfi Bukharai shows a role interpretation in narrations of Mavlavi.

***Keywords****: interpretation, a symbol, Mavlana, narrations, "Mathnavi", Sanoi, the comment, suffistical literature.*

Таъвил калимаи арабӣ буда, решааш “авл” аст ва маънии “руҷӯъ”-ро дорад. Дар луғат ба маънии “тафсир, баён”[10,332], “бозгашт кардан аз чизе, бозгардонидан, гардонидани калом ва бар хилофи зоҳир маъно кардани он, таъбиру тафсири ботини калом”[2,371] омадааст. Яъне таъвил иборат аз баёни рамз аст аз як лафз ё воқеа ё хоб ё чизи дигар, ки бо он маъное ғайр аз маънои зоҳирӣ ифода мегардад.

Таъвил ҳамчун истилоҳи адабиётшиносӣ бо мафҳумҳои шарҳу тафсир наздикмаъно буда, аз он ҷиҳат тафовут дорад, ки шарҳ ё тафсир ҳаракати зеҳнист, ки аз як лафз шурӯъ мешавад, аммо дар таъвил имкон аст зеҳн ба лафз такя накунад ва ба таври мустақил ин ҳаракатро анҷом диҳад. Ба ибораи дигар, шарҳу тафсир ба матни зоҳирӣ устуворанд ва таъвил ба маънои маҷозиву рамз ифода карда мешавад.

Рамзбаёнӣ як навъ мувофиқати маънои ниҳоӣ дар вожаҳо ва муҳимтарин василаи саноеи тасвир дар эҷодиёти аҳли тасаввуф, ба хусус ашъори ирфонӣ ба шумор меравад. Ба ақидаи шореҳ Баҳлул ибни Мирзохони Баракӣ “дар ҳама улум илм ба ноаҳл додан ҳаром аст ва аз аҳл боздоштан ҳам ҳаром аст, чунон ки дар ҳадис омадааст “ло таманнул илма мин аҳлиҳи”, пас ин қисм (аҳли тасаввуф-Г.М.) дар каломи худ румузу ишорот ниҳодаанд, ки то на бар аҳл зулм бошад, на бар ноаҳл илм” [4, 29]. Он чи аҳли тасаввуф баён мекунанд, “илми хос” аст ва арзаи он ба ом ҷоиз нест. Ин аст, ки Ҳофиз сабаби фоҷеаи Ҳаллоҷро дар ифшои рози худовандӣ медонад:

Гуфт он ёр, к-аз ӯ гашт сари дор баланд,
Ҷурмаш он буд, ки асрор ҳувайдо мекард.

Аз ин ҷост, ки хонандаи осори ирфонӣ беш аз шарҳу тафсир ба таъвил ниёз дорад.

Таъвили калом аз ҷониби худи адиб суннати адабӣ-эҷодист, ки дар адабиёти ирфонӣ аз Саноӣ оғоз шуда, дар осори Мавлоно, ба хусус “Маснавии маънавӣ” барҷаста мегардад, то он ҷо ки метавон онро вижагии қиссапардозиҳои Мавлавӣ дар “Маснавӣ” донист.

“Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ ҳамчун намунаи олии осори ирфонӣ аз ин вижагӣ бархурдор аст. Чунон ки маълум аст, қиссаҳои «Маснавии маънавӣ» аз байти нахустин ба воситаи рамз ифодаи худро ёфта, маънои зоҳирӣ ва ниҳонӣ доранд. Ба ин нукта худи Мавлоно борҳо ишора карда, диққати хонандаро бештар ба ҷанбаи рамзии осораш ҷалб менамояд:

Ман чу «лаб» гӯям, лаби дарё бувад,
Ман чу «ло» гӯям, мурод илло бувад. (Маснавӣ, д. I, б. 1769)

Маҳз ҳамин ҷиҳат боис гардидааст, то шурӯҳоти зиёде дар шарҳу тавзеҳи «Маснавӣ» дар манотиқи мухталиф бо забонҳои гуногун навишта шаванд. Ошноӣ бо шарҳҳои «Маснавӣ» гувоҳӣ медиҳад, ки воқеан ҳам дунёи тафаккур ва маънавиёти Мавлоно ба он дараҷа фарох ва амиқ будааст, ки ин қадар ақлҳоро

мусаххар сохта, донишмандонро ба шарҳу тавҷеҳ водор намудааст. Ҳарчанд шореҳон дар ин ҷода заҳмати бисёре кашидаанд, ба тавҷеҳи комили ҳама матолиби Мавлавӣ то андозае мушарраф нашудаанд [7. 26].

Бояд тазаккур дод, ки дар осори Мавлоно дар баробари рамзбаёнӣ рамзкушоӣ низ ҷолиби диққат аст. Мавлоно дар бисёр маврид дар парда нуҳуфтани ҳама асрори осорашро раво надида, баъзе мусталеҳоти назми худро дар зимни «Маснавии маънавӣ» шарҳу тафсир ва таъвил кардааст. Бо таваҷҷуҳ ба иштиёқи муридон дар пай бурдан ба маънову мақсуди Мавлоно дар “Маснавӣ” гоҳе байте аз абёт мавриди суол қарор мегирифт ва ӯ ба шарҳу тафсири он мепардохт. Ба ҳамин лиҳоз метавон гуфт, ки нахустин шореҳи “Маснавӣ” худи Мавлоно будааст [6.42].

Албатта, ин шева навоварии Мавлоно набуда, чи хеле ки дар боло зикр намудем, суннати адабӣ-эҷодист, ки дар адабиёти ирфонӣ аз Саноӣ оғоз мешавад. Аммо дар осори Мавлоно таъвил мавқеи хосро ишғол мекунад. Инро метавон аз муқоисаи “Ҳадиқа” бо “Маснавӣ” ба мушоҳида гирифт. Таъвил дар “Маснавӣ” нисбат ба “Ҳадиқа” аз ҷиҳати вуфур бартарият дорад ва ҳам андешаҳои Мавлоно, ки аз таъвил бармеоянд, беназиранд.

Дар як таснифоти умумӣ таъвилоти Мавлоноро метавон ба ду бахш ҷудо намуд: таъвили оёти қуръонӣ, аҳодиси набавӣ, ақволи бузургони тариқат ва таъвили қиссаву ҳикоёту амсол. Мо кӯшиш намудем, ки танҳо бахши дувуми таъвилоти Мавлавиро мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Мавлоно дар “Маснавӣ” қиссаву ҳикоётро ҳамчун тамсилаи андешаҳои ирфонии худ айнан мисли як муаллими ҷуғрофия дар замони мо, ки барои фаҳмонидани мавқеи материкҳо дар сатҳи Замин аз глобус истифода мебарад, истифода мекунад. Яъне, пеш аз он ки ақидаи худро баён кунад, ба воситаи қиссаву ҳикоёту тамсилот, ки ҳомили мақсади ӯянд, заминаҳои қабули онро дар хонанда омода месозад ва ба воситаи тасвирҳои маҳсус ба баррасии масоили номаҳсус мепардозад. Бо ҳамин мақсад ҳамчун батни аввали каломи худ бештар аз ҳикоёти муъмулу машҳур истифода мекунад.

Албатта, Мавлоно мисли ривоятгарони дигар нест, ки танҳо ба зоҳири қисса таваҷҷуҳ кунад, ӯ дар ҷузъ-ҷузъи қиссаҳо маънову мафҳуми тозае меҷӯяд, ки ғолибан аз чашми аҳли зоҳир пӯшидаву пинҳон мемонад. Аз ин рӯ, абёти “Маснавӣ” пур аз дарёфтҳои маънавию ботинист, ки ба навъе дар қаламрави таъвил дармеоянд. Ин қиссаҳо, ки шомили қиссаҳои қуръонӣ, қиссаҳои пайғамбарон, қиссаҳои авлиё, киссаҳои тамсилӣ ва дигар қиссаву ривоётанд, ҳама дар доираи дарку дарёфти орифонаи Мавлоно қарор гирифта, маънои тозаи ирфониву ахлоқӣ пайдо мекунанд.

Намунаи таъвилоти Мавлавиро дар қиссаи “Мирӣ кардани румиёну чиниён дар илми нақкошӣ ва суратгарӣ”, ки дар дафтари аввали “Маснавӣ” омадааст, метавон дарёфт. Мавлавиштноси эронӣ Фурӯзонфар маъхази ин ҳикояро “Эҳё-ул-улум” медонад [8,137]. Бо баъзе тафовут онро Анварӣ дар муқтаот [1,759] ва Низомӣ дар “Искандарнома” [5,340] овардааст. Мазмуни мухтасари ҳикоя чунин аст: Миёни ҳунармандони чиниву румӣ баҳсе бархост, ҳар як даъво мекарданд, ки дар суратгарӣ ҳунармандтаранд. Пас шоҳ барои имтиҳон ду ҳуҷраро, ки дар муқобили ҳамдигар қарор доштанд, ба ихтиёри онҳо вогузошт, то дар як ҳуҷра румиён ва дар ҳуҷраи дигар чиниён ҳунари худро нишон диҳанд. Чиниён ба рангубор оғоз карданд ва румиён ба сайқал задан. Чун чиниён аз кор фориғ шуданд, шаҳ ба тамошо омад ва нақшҳое дид, ки то бад-он дараҷа зебо, ки ақлу фаҳмро мерабуданд. Вақте пардаро аз миёни ҳуҷраҳо бардоштанд, акси

тасвирҳои чиниён бар деворҳои софишудаи румиён афтод. Ҳар чи шоҳ дар ҳуҷраи чиниён дид, дар оинаи румиён зеботар намуд.

Дар ривояти Анвариву Низомӣ баръакси ривояти Мавлоно чиниён оинагаранд ва румиён наққош. Дар ҳарду ривоят нақш аз ойина бартарият дорад, зеро нақш асл буда, худ ба худ вуҷуд дорад, аммо нақши ойина ба сурат вобастааст. Анварӣ мегӯяд:

Боре ар он нимаи пурнақш натвонӣ шудан,
Ҷаҳди он кун то магар он нимаи дигар шавӣ. [1,759].

Ва Низомӣ мегӯяд:

Чу омад ҳиҷобе миёни ду кох,
Яке тангдил шуд, дигар дилфарох.
Рақамҳои румӣ нашуд з-обу ранг,
Дар ойинаи чинӣ афтод занг. [5,340].

Аммо Мавлоно ойинаро аз нақш волотар медонад, зеро муроди ӯ аз ойина дили поки сӯфист:

Румиён он сӯфиёнанд, эй падар,
Бе зи такрору китобу беҳунар.
Лек сайқал кардаанд он синаҳо,
Пок аз озу ҳирсу бухлу кинаҳо. (Маснавӣ, д. I, б. 3497-3498)

Ин ойина қодир аст “сурати бемунтаҳои” ғайбро инъикос кунад:

Он сафои ойина васфи дил аст,
Сурати бемунтаҳоро қобил аст.
Сурати бесурати беҳадди ғайб,
З-ойина(й) дил тофт бар Мӯсо зи ҷайб. (Маснавӣ, д. I, б. 3499-3500)

Ва мурод аз нақши чинӣ ақл аст ва ҳар нақш то абад поянда нест:

Ақл ин ҷо сокит омад ё музил(л),
З-он ки дил бо ӯст ё худ ӯст дил.
Акси ҳар нақше натобад то абад,
Ҷуз зи дил ҳам боадад ҳам беадад. (Маснавӣ, д. I, б. 3503-3504)

Аз таҳлили ин ҳикоят метавон чунин хулоса кард, ки ҳамин таъвилоти Мавлоно ҳикояти “Маснавӣ”-ро боарзиштар гардонидаанд.

Малоно дар қиссаи “Ҳадя бурдани аъробӣ сабӯи оби борон аз миёни бодия сӯйи БаҒдод ба амирулмуъминин бар пиндошти он ки он ҷо ҳам қаҳти об аст”, ки дар дафтари аввали “Маснавӣ” омадааст, низ моҳирона рамзкушоӣ мекунад. Маъхази ин қисса “Рӯҳ-ул-арвоҳ” буда, бо андаке тафовут дар “Мусибатнома”-и Аттор [3,387] ва “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт”-и Авфӣ низ омадааст [8, 103].

Мазмуни мухтасари ривояти Мавлоно чунин аст: Зани аъробие ба шавҳараш аз фақру нодорӣ шикоят мекунад ва шавҳар ӯро ба сабру таҳаммул фаро мехонад ва ҳар ду сари ин масъала баҳс мекунанд.

Ин қисмат дар ривоятҳои дигар дида намешавад ва симои зан низ вуҷуд надорад. Дар поёни моҷарои марду зан Мавлавӣ ин ду шахсиятро ба ақлу нафс таъвил мекунад:

Ин зану марде, ки нафс асту хирад,
Нек боистаст баҳри неку бад.
В-ин ду боиста дар ин хокӣ саро,
Рӯзу шаб дар ҷангу андар моҷаро.
Зан ҳамехоҳад ҳавиҷи хонгоҳ,
Яъне оби рӯву нону хону ҷоҳ.
Нафс ҳамчун зан пайи чорагарӣ,
Гоҳ хокӣ, гоҳ ҷӯяд сарварӣ.

Ақл худ з-ин фикрҳо огоҳ нест,
Дар димоғаш ҷуз ғами Аллоҳ нест. (М.д.I/2630-2635)

Билохира, мард бо исрори зан барои дарёфти неъмат ба шаҳри Бағдод ба дарбори халифа меравад ва як сабӯ оби боронро ба унвони беҳтарин армуғон ба ӯ тақдим медорад, чунки гумон дошт дар Бағдод ҳам қаҳти об аст. Халифа аз ҳоли аъробӣ бохабар шуда, дар иваз сабӯяшро пур аз зар мекунад ва ӯро бо роҳи обии Даҷла гусел мекунад. Чун аъробӣ Даҷларо мебинад, дар ҳайрат меафтад аз он ки халифа бо вуҷуди ин дарё оби ӯро пазируфт:

Чун ба кишти барнишасту Даҷла дид,
Саҷда мекард аз ҳаёву мехамид.
К-эй аҷаб лутф он шаҳи ваҳҳобро,
В-он аҷабтар к-ӯ ситад он обро.
Чун пазируфт аз ман он дарёи ҷуд
Ончунон нақди даҳалро зуд-зуд? (Маснавӣ, д. I, б. 2870-2872).

Аз маънии зоҳирии ҳикоят метавон хулоса кард, ки мақсади муаллиф ситоиши карам ҳамчун хислати ҳамидаи инсонист. Ва дар ин сатҳ бо ҳикоёти мазкур дар “Рӯҳ-ул-арвоҳ”, “Мусибатнома” ва “Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт” ҳамвазн аст.

Баъдан Мавлоно маънии рамзии онро ошкор намуда, дар мавриде сабӯро ба ҷисми инсон ва оби боронро ба ҳавоси инсонӣ таъвил мекунад:

Чист он кӯза? Тани маҳсури мо,
В-андар он оби ҳавоси шӯри мо. (Маснавӣ, д. I, б. 2720)

Мавриди дигар мегӯяд, ки сабӯи оби борон рамзи донишҳои инсонӣ буда, мурод аз халифа илми Худост:

Он сабӯи об донишҳои мост,
В-ин халифа Даҷлаи илми Худост.(Маснавӣ, д. I, б. 2860)

Дар робита бо ин таъвилот маънии рамзии аъробӣ, ки дар бахши аввали ҳикоят “ақлу хирад” буд, ба солик иваз мешавад. Яъне солик, ки мехоҳад ба Бағдоди ҳақиқат бирасад, илми худро дар ин роҳ васила қарор медиҳад. Чун ба Ҳақ расид, аз илми худовандӣ ба ҳайрат меуфтад ва дармеёбад, ки аслан илми ӯ дорои ҳеҷ арзише набуда, балки карами Ҳақ онро мавриди қабул қарор додааст:

Мо сабӯҳо пур ба Даҷла мебарем,
Гар на хар донем худро, мо харем.
Бори аъробӣ бад-он маъзур буд,
К-ӯ зи Даҷла ғофилу бас дур буд.
Гар зи Даҷла бохабар будӣ чу мо,
Ӯ набурдӣ он сабӯро ҷо ба ҷо.( Маснавӣ, д. I, б.2861-2863 )

Чунон ки аз таҳлили ҳикоя ба назар мерасад, Мавлоно метавонад аз як лафз дар мавқеоти мухталиф таъвилоти гуногун ба даст орад. Маҳз ҳамин таъвилот ҳикояи Мавлавиро аз қаринаҳои он боарзиштар месозад.

Чунон ки мушоҳида гардид, Мавлоно дар зимни “Маснавӣ” баъзе аз мусталеҳоти худро тафсиру таъвил кардааст. Илова бар он ки абёти “Маснавӣ” муфассири худ аст, дигар осори ӯ, ба хусус “Фиҳи мо фиҳи” тақоруни бисёре бо маонии “Маснавӣ” дорад ва метавон пораи абётро бо он шарҳ дод.Чунон ки яке аз муридон аз ӯ мепурсад, ки маънии ин байт чист, ки мегӯед:

Эй бародар, ту ҳамон андешаӣ,
Мобақӣ ту устухону решаӣ. (Маснавӣ, д. II, б. 277)

Мавлоно дар посухи ӯ мегӯяд: “Ту ба ин маънӣ назар кун, ки ҳамон андеша ишорат ба он андешаи махсус аст ва онро бо андеша иборат кардем ҷиҳати

тавассуъ, аммо филҳақиқат он андеша нест, ки мардум фаҳм кардаанд. Маро ғараз ин маънӣ буд аз лафзи андеша” [6,42].

Дар фаҳму дарки андешаҳои Мавлавӣ ба инобат гирифтани таъвилоти ӯ муфид хоҳад буд. Алғараз, калиди матолибро аз осори суханвар ҷустан яке аз беҳтарин усулҳои шарҳу басти осори адабист. Ин усул таҳти истилоҳи «тафсири дохилӣ» шинохта шуда, қаблан дар суханшиносии асримиёнагии мо ва имрӯз дар соҳаи адабиётшиносӣ ва эстетикаи кишварҳои Аврупо чун усули боварибахши тадқиқ ҷорӣ гаштааст [7,27]. Татбиқи ин усул, махсусан, дар мавриди шарҳи осори аҳли тасаввуф пурмоя хоҳад буд.

**Адабиёт:**


1. Анварӣ, Авҳадуддин. Девон. Ҷилди 2. (бо эҳтимоми Муҳаммадтақӣ Мударриси Разавӣ). /Авҳаддудин Анварӣ [Матн].-Теҳрон:Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1340.
2. Амид, Ҳасан. Фарҳанги форсии Амид./ Ҳасан Амид [Матн].- –Теҳрон: Роҳи рушд, 1389.
3. Аттор, Фаридуддин. Мусибатнома (бо эҳтимоми доктор Нӯронӣ Висол)/Фаридуддини Аттор [Матн].-Теҳрон: Заввор, 1338.
4. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад. Маснавии Маънавӣ (бар асоси матни Р. Николсон ва муқобила бо нусхаҳои дигар) / Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ [Матн].- Теҳрон: Нашри замон, 2001.
5. Ганҷавӣ, Низомӣ. Куллиёт. Ҷилди 4. Шарафнома./Низомии Ганҷавӣ [Матн].-Душанбе: Ирфон, 1984.
6. Замонӣ, Карим. Шарҳи ҷомеи “Маснавӣ”. Ҷилди 1./ Карими Замонӣ [Матн].-Теҳрон: Иттилоот, 1395.
7. Насриддинов, А. Маърифат ва шарҳи адабиёт./ А. Насриддинов [Матн].-Душанбе:Ирфон, 1991.
8. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Аҳодис ва қисаси “Маснавӣ” (Тарҷумаи комил ва танзими муҷаддади Ҳусайн Довудӣ)./ Бадеуззамон Фурӯзонфар [Матн].-Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, 1381. - 756 с.
9. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Шарҳи “Маснавӣ”-и шариф. Ҷилди 1./ Бадеуззамон Фурӯзонфар [Матн].-Теҳрон: Завор, 1379.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. [Матн].-Душанбе, 2008.
11. Худоӣ, Ш.. Назарияи наср (дар адаби форсии асрҳои IV-IX ҳиҷрӣ) /Худоӣ Шариф [Матн].-Душанбе:Пайванд, 2004.
12. Шиммел, А. Шукӯҳи Шамс./Аннамари Шиммел [Матн].-Теҳрон: Интишороти илмиву фарҳангӣ, 1372.

## МАҚОМИ ҚАСИДА ДАР БАЙНИ ЖАНРҲОИ ШЕЪРИИ АСРҲОИ XIII-XIV

***Салимова Зухро Саидмуродовна*** *- аспиранти соли 3-юми ихтисоси адабиёти мамолики хориҷии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.:933080861*

Муаллифи мақола дар заминаи осори таҳқиқотии таърихи адабиёти форсу тоҷик мақом ва равнақу ривоҷи жанри қасидаро дар баробари дигар жанрҳои адабӣ мавриди омӯзиш қарор додааст.

Ба андешаи муаллиф ва шаҳодати маъхазҳо бар асари таназзули адабиёти дарборӣ ва ба ин васила аз ривоҷ бозмондани мадҳу мадеҳасароӣ ниёз ба қасида, ки қолаби асосии шеъри мадҳии то аҳди муғул (асрҳои XIII-XIV) буд, хеле коста гардид.

***Калидвожаҳо:*** *таърих, адабиёт, мугулон, Чингизхон, Мовароуннаҳр, Хуросон, анвои шеър, адабӣ, қасида, мадҳия, ирфон, мавъиза.*

## СТАТУС КАСЫДЫ В РЯДУ ЖАНРОВ ПОЭЗИИ XIII-XIV ВЕКОВ

***Салимова Зухро Саидмуродовна*** *- аспирантка 3-ого года обучения по специальности 100105 - зарубежная литература Таджикского государственного института языков имени Сотим Улугзода, 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.: 933080861*

Автор статьи расматривает роль, статус и процветание касыды в системе иних поэтических жанров на основе исследования произведений персидско-таджикской литературы. После упадка придворной литературы, ослабевшего восхваления и дифирамбов возникла потребность в касиде, которая была основной формой в дифирамбической поэзии до монгольской эпохи (XIII-XIV веков).

***Ключевые слова:*** *история, литература, монголы, Чингизхан, Маверауннахр, Хорасан, виды поэзии, литературный, восхваления, мистицизм, наставления и другие.*

## THE STATUS OF ODE BETWEEN GENRES OF POETRY IN XIII-XIV CENTURIES

***Salimova Zuhro Saidmurodovna*** *– post-graduate student of the 3rd year of 100105 – Literature of the Foreign Countries of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: 933080861*

The autor of this article on the effects of Persian and Tajik official scutinized and investigated boom ode adainst other literary genres. After the “palace literature” fell this means praise decreased and need to ode very reduced. The ode was basic format until the Mongolian era. For this cause, ode was destroyed in the Mongol period.

***Keywords:*** *history of literattures, the mongols, Chengiskhan, Transoxania, Khorasan, a variety of literary poetry, ode, praise, mystieism preaching, crafts and etcetera.*

Ҳуҷуми харобкоронаи Чингизхон ба мамлакатҳои фатҳшуда, аз ҷумла ба Осиёи Миёна, Эрон, Озарбойҷон, Афғонистон ва шимоли Ҳиндустон на танҳо зарари бузурги иқтисодӣ овард, балки ба ҳаёти маънавии ин сарзаминҳо ва фарҳангу адаби онҳо низ таъсири манфӣ расонид. Зеро бар асари ин ҳуҷуми даҳшатбор, дар баробари аз байн рафтани хонадонҳои ҳомии фарҳангу адаби эронӣ, ҳамчунин марказҳои адабии бо ҳимояти онҳо бавуҷудомадаро барҳам дод ва яке аз омилҳои инкишофи адабиётро дар Эрон, ки "ҳамвора дар борҳои салтанату аморат ва ё хонадонҳои раёсат ва сарват будааст, дар ин аҳд бо ҳамлаи муғул аз хонадонҳои аморат ва салтанату раёсати эронӣ ҷуз маъдуде боқӣ намонд, ки онҳо ҳам батадриҷ аз миён рафтанд ва ҳукумати коҳире, ки дар Эрон аз муғаллибони муғулу тотор ба вуҷуд омад, харидори донишу адаб набуд, то мушаввиқи удабо ва уламо бошад" [2, 300]. Аммо бояд қайд кард, ки ҳамлаҳои муғулон ҷараёни инкишофи адабиётро куллан боздошта натавонист ва рӯ ба таназзул ниҳодани ин соҳа дер давом накард.

Аз нимаи аввали асри XIII сар карда, дар қисми ҷанубу ғарбии Эрон, Осиёи Хурд, Ҳиндустон ва Хуросон марказҳои адабие таъсис ёфтанд, ки дар ривоҷи минбаъдаи адабиёти ин давра нақши босазое бозиданд. Дар натиҷа аҳли адаб, ки пас аз ҳамлаи муғул ба гирду атроф фирор намудаву пароканда шуда буданд, дар марказҳои навтаъсиси адабӣ ҷамъ омаданд ва ба идомаи фаъолияти эҷодии худ машғул гардиданд. Аз ҷумла, шоирон Муҳаммад Авфӣ ва Бадри Чочӣ ба Ҳиндустон муҳоҷират карданд, ҳамчунин, Амир Хусрав ва Ҳасани Деҳлавӣ низ дар Ҳиндустон ба камоли ҳунар расиданд. Ибни Ямин ва Музаффари Ҳиравӣ дар Хуросон дар дарбори Сарбадорон, Ҷалолиддини Румӣ дар Осиёи Хурд, Низории Кӯҳистонӣ, Фахриддини Ироқӣ, Камоли Хуҷандӣ, Авҳадии Мароғӣ дар Озарбойҷони Эрон, Саъдии Шерозӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Убайди Зоконӣ дар Форс ва Салмони Совачӣ, Носири Бухороӣ дар Бағдод ба фаъолияти эҷодӣ пардохтанд.

Сабабҳои таърихии чунин ривоҷи адабиёт ва куллан аз байн нарафтани он пас аз ҳамлаи муғулон бояд. қабл аз ҳама, дар он бошад, ки "ҳуҷуми ғоратгаронаи чингизиён ҳарчанд ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании Осиёи Миёна ва Мовароуннаҳр зарбаи сахт зада бошад ҳам, аммо қувваҳои эҷодӣ ва рӯҳи эҷодкоронаи халқи маҳаллиро нобуд карда натавонист. Дар талотуми задухӯрдҳои ҳарбӣ ва ҳарҷу марҷи умумӣ иродаи матин ва захираи эҷодии беҳамто ва бепоёни худро аз даст надод" [2, 72]. Пас аз андак муддате аҳли адаб аз ҳамлаи муғул ҷон ба саломат бурда, аз офаридаҳои осори адабии худ хабар доданд.

Бояд қайд кард, ки адабиёти давраи муғул суннатҳои асосии адабиёти асрҳои гузаштаро идома медод, вале сабки ироқӣ, ки "дар авохири қарни шашум ривоҷи комил ёфта буд ва ба воситаи барчида шудани силсилаҳои эронӣ дар Хуросон матрук монд" [3, 157], ривоҷи тоза дар шеър пайдо кард. Ҳамчунин, аз сабаби таъсири забони арабӣ дар забони шеъри ин аҳд низ идомаи суннатҳои гузашта мушоҳида мешуд ва ҳанӯз забони арабӣ таъсири амиқи худро ба шеъри ин даврҳо аз даст надода буд.

Яке аз тағйироти назарраси дигаре, ки дар забони шеъри замони муғул ворид гардид, ин таъсири зиёди алфозу таъбироти туркии муғулӣ ба адабиёти

давр аст, зеро “дар қарни ҳафтум ва ҳаштум бар асари ғалабаи муғулу тотор ва ба дасти онон ва ҳукумати мутамаддии он қавм ва сукунати мумтаддашон дар ин кишвар ва инҳизоли куллии эрониёни мусалмон дар қисми бузурге аз даврони ҳукумати онон ва ба кор доштани Ёсои чингизӣ ё Ёсои Бузург (он асоси тартиботи Империяи муғул ва маҷмӯи қонунҳои муғулҳои қадим буд – С.З.) ва идораи мамлакат бо истилоҳоти хоси муғулӣ ва назоири ин илал ва асбоб забони туркӣ ва алалхусус туркии муғулӣ хеле бештар аз он чи дар қарни шашум дида мешавад, дар Эрон мутадовил шуд” [2, 208]. Дар ҳақиқат, баъзе аз ин алфозу ибораҳои туркии муғулӣ, чун “элчӣ”, “урду”, “юриш”, “қаровул”, “қишлоқ”, “куч”, “ярлиг”, “тамға”, “хон”, “хонум”, “оғо”, “савғот”, “навкар”, “қӯшун” ва ғайра имрӯз ҳам дар забони форсии тоҷикӣ роиҷ ва мавриди истифода мебошанд.

Мавриди зикр аст, ки хусусияти асосии адабиёти асрҳои XIII-XIV таназзули адабиёти дарборӣ ва суст гардидани таъсиру нуфузи дарборҳо ва ҳукуматҳо дар ривоҷи ҷараёни адабӣ мебошад. Ба ибораи дигар, адабиёти дарборӣ дар ин давра аҳамияти худро чун дастгоҳи таблиғотии давлатдорон аз даст дод, зеро агар “дар асри Сосониён ситоишгарон бо овози хушу ҳамроҳ бо навои чанг шеърҳои худро мехонданд ва солҳо баъд ин суннат ба Рӯдакӣ расид, ки чанг бар мегирифту менавохт ва дар пардаи ушшоқ суруди “Бӯйи ҷуйи Мулиён”-ро ба овозе чун ҳазордастон мехонд ва ба Фаррухӣ расид, ки қасидаи “Ба корвони ҳулал”-ро бо овози ҳазину хуш месароид ва он як Амир Насри Сомониро ба ваҷҳ меовард ва ин як Булмузаффари Чағониро” [6, 3], вале ҳокимони муғул завқи дарку фаҳми забону шеъри форсиро надоштанд ва зарурате барои ташкили дастгоҳи таблиғотиву таъсиси ҳукумати марказиятнок низ барои онҳо вуҷуд надошт.

Бинобар сабаби он ки дар қаламрави сарзаминҳои дар Осиёи Миёна ва Эрон тасхирнамудаи муғулҳо ҳукумати марказие чун Сомониён, Ғазнавиён ва Салҷуқиён вуҷуд надошт ва сабку услуб ва забони шеъру адаби форсӣ барои онҳо бегона буд, барои тарғиби сиёсат ва ҳукумати худ на ба шоирон, балки ба муаррихони давр бештар таваҷҷуҳ мекарданд.

Қобили зикр аст, ки осори манзуми шоиронеро, ки бо дарборҳои мулуки Карт, Атобакони Форс, Салҷуқиёни Рум ё ҳокимони Бағдод ва монанди онҳо алоқаву муносибат доштанд, адабиёти маҳз дарборӣ хондан дуруст нест, зеро “аксари ин адибон (Саъдии Шерозӣ, Шамсиддин Қайси Розӣ ва дигарон) бевосита бо дарбор вобастагӣ надоштанд, ҳусну таваҷҷуҳи онҳо ба ин дарборҳои маҳаллӣ аз он сабаб буд, ки ҳокимони ин сулолаҳо бо сиёсати оқилона ва сулҳҷӯёна молҳои худро аз ғорати қӯшунҳои муғул эмин гардониданд, анъанаҳои маҳаллиро ҳам дар ҳаёти сиёсӣ ва ҳам дар ҳаёти маданӣ маҳфуз доштанд” [1, 274]. Таназзули адабиёти дарбор дар ин давра агар аз ҷонибе фоида дошта ва фоидаи он “раҳо кардани шоир аз қуюди хушки адабиёти дарборӣ ва саргарм сохтани ӯ бо умури завқӣ ва ибтикори ихтироъ” [2, 218] бошад, аз ҷониби дигар, “бардоштани қайдҳои душвори адабӣ барои шохис шудан дар улуми шеъру адаб миёни шоирони мутааддиде, ки довталаби вуруд ба дарборҳо мешуданд” [2, 218], аз ҷумлаи зарарҳои ин гуна таназзул дар шеъру шоирии минбаъдаи форсӣ маҳсуб мегардад.

Бар асари таназзули адабиёти дарборӣ ва ба ин васила аз ривоҷ мондани мадҳу мадеҳасароӣ ниёз ба қасида, ки қолаби асосии шеъри мадҳии то аҳди муғул буд, хеле коста шуд ва метавон гуфт, ки аз ин сабаб “қасида дар давраи муғул охирин лаҳзаҳои равнақи худро тай мекард” [5, 199] ва мақоми

аввалиндараҷаи худро дар миёни қисмҳои дигари шеърӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ аз даст дод. Ба таъбири дигар, дар ин давра “бар асари заъфи шеъри дарборӣ табъан аз ривоҷи қасидасароӣ, ки дар давраҳои пешин навъи тирози аввалиндараҷа аз анвои шеъри форсӣ буд, коста шуд ва ҳатто қасидасароёни бузурге ҳам, ки дар ин давра пайдо шуда ва бо қасоиди мадҳӣ иртизоқ намудаанд, дар ин навъ аз шеър тобеи равиши қудамо буда ва мусалламан ҳиммати онҳо масруф ва мунҳасир буд, бар истиқболи қасоиди маъруфи Саноӣ ва Анварӣ ва Ҳоқонӣ ва Заҳир ва назоири онон ва ба ҳамин сабаб ҳам сабки шуарои қасидагӯйи қарни ҳаштум мутамоил будааст ба шеваи қасидасароёни бузурги қарни шашум ва оғози қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ...” [2, 319], яъне ҳамон сабки ироқӣ, ки дар шеъри қабл аз онҳо роиҷ буд.

Бо вуҷуди он ки зарбаи асосии истилои муғул қабл аз ҳама ба навъи асосии он - қасидаи мадҳия расид, вале бо ин ҳама қасида комилан аз ривоҷ намонд ва бо хусусияту равишҳои дигаре роҳи таҳаввули худро тай намуд. Вуҷуди шоироне, монанди Ҳумоми Табрезӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Авҳадии Мароғӣ, Бадри Чочӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Ибни Ямин, Убайди Зоконӣ, Имоди Фақеҳ, Носири Бухороӣ, Салмони Совачӣ, Ибни Нусуҳ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Саъдии Шерозӣ, Сайфи Фарғонӣ, Фахриддини Ироқӣ, Имоми Ҳиравӣ ва дигарон аз вуҷуди қасидасароӣ дар ин давра гувоҳӣ медиҳад. Теъдоде аз ин шоирон, чун Ибни Ямин, Салмони Совачӣ, Саъдии Шерозӣ, Сайфи Фарғонӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Носири Бухороӣ агар қасидаҳое дар мадҳи элхонони муғул ё ҳокимони маҳаллии эронӣ гуфта бошанд, теъдоди дигари онҳо, аз қабили Имоми Ҳиравӣ, Маҷди Ҳамгар, Бадри Чочӣ, Ҳумои Табрезӣ, Ибни Нусуҳ аз ҷумлаи парвардагони хонадони вазирони маҳаллии эронӣ чун Рашидаддин ва Шамсиддини Соҳибдевон буда, қасидаҳои мадҳии худро асосан дар ситоиши ин вазирон ва ҷонишинони онҳо сароидаанд.

Моҳият ва мазмуни қасидаҳои мадҳӣ дар ин давра тағйири ҷиддӣ пазируфтааст. Аввалан, он мадҳи самимиву содиқонае, ки дар қасидаҳои Рӯдакӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Муиззӣ ва дигар мадеҳасароёни замони Сомониён, Ғазнавиён ва Салҷуқиён ба мушоҳида мерасад, дар қасидаҳои шоирони ин давра эҳсос намегардад. Баъдан, табиист, ки шоирон элхонони муғул, яъне харобкунандагон ва барҳамзадагони сарзаминҳои ободи Эронро ситоиш карда наметавонистанд ва шоире, ки ба ин кор даст зада бошад, кам ба назар мерасад. Сониян, қасидаҳои мадҳии ин давра аз лиҳози ҳунари шоирӣ ва пирояи бадеият ба манзалати мадҳи шоирони асрҳои X-XII расида наметавонад, чунки асосан таклид ба равиши гузаштагон буда, шеваи асосии кори мадеҳасароёни ин давра аз “сохтани қасидаҳои маснуъ, қасамномаҳо, илтизомоти мухталиф, ки гоҳ дар ҳар байт аз як қасида адади онҳо ба се ва чаҳор мерасад, интихоби радифҳои мушкил ва ба иборати соддатар печидан дар завохири калом” [2, 319] ва ба ин васила эътибор надодан ба маънои сухан иборат мебошад. Албатта, аз ин қазоват шоироне, монанди Саъдӣ, Ҳофиз, Фахриддини Ироқӣ, Ибни Ямин, Салмони Совачӣ, Носири Бухороӣ ва боз якчанд тани дигар, ки ба ҷои пайравӣ аз дигарон дар осорашон ҳаллоқияти маъно ва мазмунҳои тоза ба мушоҳида мерасад, истисно мебошанд.

Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки дар қасидаҳои шоирони дарборҳои маҳаллии Атобакони Форс, мулуки Карт ва дигарон низ моҳияти мадҳ ва мазмуну мундариҷаи он тағйир ёфта, асосан аз ситоиши хислатҳои некиву ҷавонмардӣ, илмдӯстиву адабпарварӣ ва дигар хислатҳои ҳамидаи мамдуҳон

иборат буд [1, 320] ва умуман мавзӯи мадҳ дар қасидаҳои ин давра чандон мақоми назаррас надошт.

Баъзе муҳаққиқон навъҳои қасидаро аз лиҳози мавзӯъ дар ин давра асосан ба се қисм - қасидаҳои фалсафӣ, мадҳӣ ва марсия тақсим кардаанд [3, 29], вале таснифи Бадри Ҷоҷармӣ дар асараш “Мунис-ул-аҳрор” саҳеҳтар менамояд, зеро ӯ ашъори ин давраро аз ҷиҳати мавзӯъ ба тавҳид, наъти Муҳаммади Мустафо (с), ҳикмату мавъиза, васфиёт, маснуот, тақсимот, суолу ҷавоб, таҷнисоту муқаррарот, мусамматот, малзумот, қасамиёт, ашъори муқаффо, мараддаф ва маросӣ ҷудо менамояд [2, 320], ки дар миёни онҳо ба мавзӯи мадҳ эҳтимоме зоҳир нашудааст. Аз ин хотир, метавон гуфт, ки дар қасидаҳои замони муғул мавзӯъҳои тавҳиду наът, фалсафа, ахлоқу мавъиза, ирфон, маснуот, васфиёт ва ғайраҳо мавқеи аввалиндараҷа дошта, мавзӯи мадҳ мақоми дувумро интихоб кардааст.

Мутолиаи қасидаҳои шоирони аҳди муғул дар маҷмӯъ ба хулосае меорад, ки мушкилписандӣ ва маснуъгароӣ дар ин қолаби шеърӣ хоси аглаби шоирони ин давра нест, зеро дар байни ашъори Салмони Совачӣ, Бадри Чочӣ ва дигарон, ки ба сабки маснуъ таваҷҷуҳи бештар доштанд, қасидаҳои латифу равон ва осонфаҳму соддабаён низ ба назар мерасад.

Хулосаи дигаре, ки бароварда мешавад, ин дар аҳди муғул, чуноне ки қаблан ишора намудем, қасида ва мавзӯи асосии он – мадҳ мақоми аввалдараҷаи худро аз даст дод, аммо раванди таҳаввули он таваққуф накард ва шоирони тавоное, чун Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Авҳадии Мароғӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Сайфи Фарғонӣ, Ибни Ямин, Саъдии Шерозӣ, Носири Бухороӣ ва дигарон, ки зикрашон дар боло рафт, дар ин қолаби шеърӣ намунаҳои зиёде аз худ ба мерос гузоштаанд.

**Адабиёт:**


1. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV. Китоби якум [Матн]. - Душанбе: Дониш, 1976.-346с.
2. Адабиёти тоҷик дар асрҳои XII-XIV [Матн] /Муҳарири масъул Р. Ҳодизода.-Душанбе: Дониш, 1976.-345с.
3. Забеҳуллоҳ Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони форсӣ. Ҷилди дуввум [Матн].-Теҳрон, 1378ҳ.
4. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 2. [Матн].-Душанбе: Маориф, 1987.- 464 с.
5. Саид Нафисӣ. Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ то поёни қарни даҳуми ҳиҷрӣ [Матн].-Теҳрон, 1343ҳ.
6. Сервис Шамисо. Анвои адабӣ.-Теҳрон, 1370ҳ.
7. Туғрал Нақибхон. Гиёҳи меҳр. [Матн] / Мураттиб ва муаллифони сарсухан А. Пӯлодов ва А. Раҳмонов.-Душанбе, 1984. - 87 с.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ [Матн]. Дар ду ҷилд.- М., 1969.- 345 с.

## ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - САБАҚИ ТАЪРИХ

***Икромов Ғайбулло Холович*** *- номзади илми таърих, дотсенти кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, 734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6, тел.: (992 37) 232 50 03.*

Дар мақола сухан дар бораи моҳияти таърихии ваҳдати миллӣ ва нақши он дар таҳкими истиқлолияти давлатӣ меравад. Ба ақидаи муаллиф вақт ҳамчун довари бузург собит намуд, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ масоили ваҳдат ва ваҳдатбунёдкунӣ ҳамчун падидаи таърихӣ, сиёсӣ рисолати миллатҳоро муайян менамояд.

***Калидвожаҳо:*** *истиқлолият, ваҳдати миллӣ, созиши миллӣ, рушди устувор, раванди муттасил, таҳаввули бунёдӣ, рисолати миллат.*

## НАЦИОНАЛЬНОЕ СОГЛАСИЕ – ПОУЧИТЕЛЬНАЯ ИСТОРИЯ

***Икромов Гайбулло Холович -*** *кандидат исторических наук, доцент кафедры истории и межкультурной коммуникации Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, 734019, город Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6, тел.: (992 37) 232 50 03*

В статье речь идёт об историческом значении национального единства и его роли в упрочении государственной независимости. Время показало, что в процессе глобализации проблема национального единства, как историко-политического явления определяет будущее нации.

***Ключевые слова:*** *независимость, национальное единство, национальное согласие, устойчивое развитие, регулярный процесс, созидательное преобразование, миссия нации.*

## NATIONAL UNITY – EDUCATION OF HISTORY

***Ikromov Ghaybullo Kholovich*** *- candidate of history, associate professor of the Department of History and Intercultural Communication of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda, 734019, Dushanbe, Mukhammadiev street, 17/6, tel.: (992 37) 232 50 03*

This article considers the historical significance of national unity and its role in consolidating state independence. Time has shown that in the process of globalization, the issue of national unity, as a historical-political phenomenon defines the future of the nation.

***Keywords****: independence, national unity, durable development, the regular process, creative transformation, the fate of the nation.*

Санаи 27 июни соли 1997 дар таърихи давлатдориву давлатсозии ҷадиди тоҷикон бо азму иродаи қавӣ ва аз баракати хиради азалии миллати бостонии тоҷик рӯйдоди бузурге арзи вуҷуд кард, ки он дар тақдири мардум гардиши куллӣ ва таҳаввули бунёдӣ гардид.

Раванди муттасили музокироти миёни тоҷикон ба мақсади сулҳи пойдор дар кишвар, хотима бахшидан ба амалиёти ҷангӣ дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, ҳалли мушкилоти гурезаҳо ва таъмини ризоияти миллӣ бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оғоз шуд. Маҳз бо иқдоми ватандӯстонаи ӯ аз 5 то 19 апрели соли 1994 бо миёнаравии Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Москва вохӯрии нахустини ҳайати ҳукуматӣ бо намояндагони мухолифин доир гардид” [1, 208-210].

Дар давраи аввали музокирот масъалаҳои марбут ба хотима додани амалиёти ҷангӣ, андешидани тадбирҳо доир ба барқарорсозӣ ва таҳкими ҳусни тафоҳум, бозгашти бемамоният ва бехатарии гурезаҳо ба Ватан таҳти баррасӣ қарор гирифтанд. Дар анҷоми даври аввал комиссияи муштарак оид ба гурезаҳо таъсис дода шуд.

Даври дуюми музокироти байни тоҷикон аз 18 то 29 июни соли 1994 дар шаҳри Теҳрон баргузор гардид. Дар ҷараёни гуфтушунидҳои басо мураккаб ҷонибҳо муваффақ шуданд, ки консепсияи оташбас ва қатъи дигар амалиёти душманонаро омода созанд. Сарфи назар аз ин, тарафайн бори дигар эътимоди худро ба музокироти сиёсӣ ҳамчун василаи ягонаи расидан ба оштии миллӣ изҳор доштанд.

Дар ин раванд аз 12 то 17 сентябри соли 1994 дар шаҳри Теҳрон таҳти сарпарастии СММ машварати миёни тоҷикон дар сатҳи олӣ доир гардид. Санаи 17 сентябри соли 1994 натиҷаи машваратҳои миёни тоҷикон оид ба ризоияти миллӣ дар шакли камюникеи муштарак қабул гардид ва дар бораи оташбас ва қатъи дигар амалиёти душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дохили кишвар созишнома ба имзо расид.

Аз 20 октябр то 1 ноябри соли 1994 дар шаҳри Исломобод даври сеюми музокироти байни тоҷикон доир шуд. Ба тарафҳои муяссар гардид, ки муҳлати амали созишномаро ба муддати се моҳ дароз кунанд, ҳамчунон Протоколро дар бораи Комиссияи муштараки назорат аз болои татбиқи Созишномаи оташбас аз 17 сентябри соли 1994 ба имзо расонанд. Тарафҳо ба зарурати таъмини кафолатҳои иловагӣ дар мавриди амнияти аҳолии осоиштаи маскуни водии Қаротегин бо роҳи ба ин минтақа фиристодани нозирони ҳарбии СММ ва пурсамар сохтани фаъолияти созмонҳои байналхалқии ҳифзи ҳуқуқ таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Даври дуюми музокирот, ки ба таърихи гуфтушуниди миёни тоҷикон бо номи даври бетанаффус ворид шудааст, дар шаҳри Ашқобод доир гардид: марҳилаи аввали он аз 30 ноябр то 22 декабри соли 1995, марҳилаи дуюм аз 26 январ то 19 феврал ва марҳилаи сеюм аз 8 то 21 июли соли 1996 идома ёфт [2, 217-227].

Аз ҳама муҳим ин буд, ки дар марҳилаи аввали даври бетанаффус тарафҳо ғайр аз тавофиқнома дар мавриди қисмҳои асосии музокироти дарпешистода, ки якчанд маҷмӯи масъалаҳоро дар бар мегирифтанд, табодули назар намуда, Протоколро дар бораи омилҳои асосии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расонданд.

Мутобиқи Протокол дар бораи омилҳои асосии барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди Мухолифони тоҷик Саид Абдуллоҳи Нурӣ 17 августи соли 1995 ба имзо расида буд, маҷмӯи пешниҳодот манзур гардид.

Қобили зикр аст, ки Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди Мухолифони тоҷик Саид Абдуллоҳи Нурӣ 23 декабри соли 1996 дар шаҳри Москва созишномаеро ба имзо расониданд, ки ҳадаф аз он қатъи ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар буд. Тибқи созишнома ҷонибҳо уҳдадор шуданд, ки ҳама гуна музокиротро то 1 июли соли 1997 ба анҷом расонанд. Ҳамзамон Протокол дар бораи вазифаҳо ва ваколатҳои асосии Комиссияи оштии миллӣ, ки қисми асосии Созишнома ба ҳисоб мерафт, ба тасвиб расид. Сана 8 марти соли 1997 ҷонибҳо дар шаҳри Москва ба Протоколи масъалаҳои низомӣ ва изҳороти муштараки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Мухолифони тоҷик имзо гузоштанд. Протоколи баимзорасида ба масоили низомӣ, ки аз ҷониби СММ дар асоси лоиҳаҳои ҳарду ҳайат мураттаб гардиданд, аз 14 банд иборат буд. Ҳар як банди он дастаҳои мусаллаҳи мухолифин аз реинтегратсияи онҳоро ба сохторҳои низомии ҳукуматӣ пешбинӣ менамуд.

Вобаста ба ин аз 16 то 18 майи соли 1997 дар шаҳри Бишкек вохӯрии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди Мухолифони тоҷик Саид Абдуллоҳи Нурӣ доир гардид, ки дар раванди музокироти миёни тоҷикон дар шаҳри Бишкек як қадами ҷиддӣ пеш гузошта шуд. Дар натиҷаи сӯҳбатҳои роҳбарон ва фаъолияти пуршиддати гурӯҳҳои корӣ ду санади муҳим имзо карда шуд: Протокол оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва меморандуми Бишкек.

Ба имзо расидани ҳуҷҷатҳои Бишкекро, - зикр намуд Эмомалӣ Раҳмон, - мо ҳамчун иқдоми қатъӣ дар марҳилаи муҳимтарини музокироти миёни тоҷикон қаламдод мекунем. Мо аз ҳадафи олии худ хеле наздик омадем. Баҳри оромии кишвар боз як кӯшиши дигар зарур аст, - таъкид сохт Президенти кишвар.

Санаи 25 май баъд аз чанд рӯзи бо муваффақияти музокирот ҷонибҳо дар бобати матн ба хулосаи ягона омаданд. Ҳамин тавр Протоколро дар бораи кафилони татбиқи Созишномаи умумии барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расониданд. Маросими расмии имзои Протокол 28 майи соли 1997 дар шаҳри Теҳрон баргузор гардид.

Ҳамчунин тамоми кишварҳо ва созмонҳое, ки дар музокироти миёни тоҷикон ба ҳайси нозир ширкат доштанд, ба ин ҳуҷҷат имзо гузоштанд.

Бо ҳамин раванди музокироти миёни тоҷикон, ки дар рафти он оид ба ҳамаи масоили дар Протокол омилҳои асосии барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон аз 17 августи соли 1995 зикр гардида буд, ҳамдигарфаҳмӣ ҳосил шуд.

Санаи 27 июни соли 1997 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Роҳбари Иттиҳоди Мухолифини тоҷик Саид Абдуллоҳи Нурӣ ва намояндаи махсуси Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид Гард Меррем дар шаҳри Москва Созишномаи умумӣ дар бораи барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистонро ба имзо расониданд [3, 22].

Бо имзои ин созишнома ба моҷарои мусаллаҳона дар кишвар, ки соли 1992 боиси ҷанги хунини шаҳрвандон гардида буд, расман хотима гузошта шуд ва яке аз саҳифаҳои фоҷиавии таърихи кишвар пӯшида шуд. Халқи Тоҷикистон Созишномаи умумӣ ва дурнамои онро дар мавриди истиқрори воқеии сулҳ ва ризоияти миллӣ самимона бо хушнудӣ пазируфт.

Таҷрибаи таърихии ҳодисаҳои солҳои охири асри ХХ дар Тоҷикистон нишон дод, ки ҳар гуна зӯроварӣ натиҷаи хуб намедиҳад. Имзо гардидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон»

дорои аҳамияти байналхалқӣ буда, пеш аз ҳама барои таъмини соҳибистиқлолии кишвар, вахдати миллӣ ва ба минтақаи сулҳ табдил ёфтани Осиёи Марказӣ таъсири мусбӣ расонд.

Мусаллам аст, ки ин роҳи сулҳ дар Тоҷикистон аз ҷониби ҳамаи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, Россия ва мамлакатҳои ҷаҳон дастгирӣ ёфт.

Ҳамин тавр, сулҳи тоҷикон дорои хусусиятҳои хос мебошад. Вай дар шароите имзо гардид, ки дар ҷумҳурӣ мазмуни демократия такмил ёфта, сохтори бисёрҳизбӣ ва плюрализми идеологӣ дар партави Конституцсияи нав инкишоф ёфт. Бо туфайли ҳамкориҳо, хусусан бо Россия, Эрон, инчунин бо дигар мамлакатҳо ва созмонҳои байналхалқӣ қазияи тоҷикон дар роҳи барқароршавии сулҳ ба даст омад.

Аҳамият ва сабақҳои сулҳи тоҷикон чунинанд:

- бо туфайли сулҳ хатари барҳам хӯрдани Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон аз байн рафт;

- оштии миллӣ нишон дод, ки халқи тоҷик тамаддуни бой ва фарҳанги қадима дошта, мардуми сулҳдӯст буд ва мемонад;

- сулҳ ягонагии тоҷикону тоҷикистониҳоро таъмин карда, миллат сарзамини хешро ҳамчун муқаддасот нигоҳ дошта тавонист;

- ҳизбу созмонҳо ва дигар ҷабҳаҳои сиёсӣ сарфи назар аз ақида ва роҳҳои гуногуни созандагӣ метавонанд аҳл шуда, барои миллат, Ватани худ хизмати босазо намоянд;

- барои хотимаи ҷанг ва тантанаи сулҳ қуввахои муқобилистодаи мамлакат ба роҳи осоишта гуфтугӯ намуда, ба созмонҳои байналмилалӣ низ такя карда, метавонанд муамморо бо роҳи одилона ҳал намоянд;

- роҳбарони ҳарду ҷониб дарк намуданд, ки бояд фавран пеши роҳи муаммоҳои ҷиддие, ки мамлакатро ба ҷанг тела медиҳанд, гирифта шавад. Фориғболӣ, беэътиноӣ, қасдгирӣ ва бо роҳи зӯрӣ ҳал кардани проблемаҳо, хусусан проблемаҳои сиёсӣ дар асри XXI - асри прогрессии техникӣ хафв ва хатари калон дорад;

- дар рафти ҷанги шаҳрвандӣ шаклу усулҳои корие (мулоқотҳои сардори давлат бо роҳбари мухолифин, «Комиссияи оштии миллӣ») созмон дода шуд ва ҳуҷҷатҳое қабул гардиданд, ки раванди хотимаи ҷангро вусъат бахшиданд;

- таҳлили таърихи ҷанг ва сабақи сулҳи тоҷикон нишон дод, ки хусусан ба масъалаи тарбияи насли наврас аҳамияти аввалиндараҷа додан зарур аст ва пеш аз ҳама, ҷавононро бояд дар рӯҳияи вахдат, дӯстии халқҳо ва меҳандӯстӣ тарбия кард.

Мардуми Тоҷикистон таҳти сарварии Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар як фосилаи кӯтоҳи таърих тавонист ба ҷаҳониён исбот намояд, ки халқи тоҷик дорои фарҳанги бои қадима мебошад. Дар мамлакат на танҳо оташи ҷанг хомӯш ва бӯҳрони калони умумӣ паси сар шуд, балки Тоҷикистони азиз рӯ ба эҳё ва рушд ниҳода, эътирофи кулли кишварҳои ҷаҳон гардид [4,17]. Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистонро 150 мамлакатҳои ҷаҳон ба расмият шинохта ва зиёда аз 100 давлатҳои хориҷӣ бо кишвари мо муносибатҳои дипломатӣ доранд.

Имрӯз вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ аз он иборат аст, ки саҳми худро дар раванди таҳкими сулҳ ва таъмини вахдати миллӣ гузорад, зеро танҳо сулҳу субот метавонад рушди Тоҷикистони соҳибистиқлолро таъмин созад.

**Адабиёт:**

1. Набиева, Р., Зикриёев Ф., Зикриёева М. Тоҷикистон дар асри XX ва ибтидои асри XXI [Матн]. – Душанбе: Матбуот, 2008.- 310 с.

2. Диплопатияи Тоҷикистон дирӯз ва имрӯз [Матн]. – Душанбе:Ирфон, 2009.- 304 с.

3. Созишномаи умумӣ дар бораи барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон [Матн].- Душанбе, 1997.- 40 с.

4. Набиев, В., Сулҳ, Ризоят, Ваҳдат [Матн]. - Хуҷанд: Хуросон, 2007.- 145 с.

5. Эмомалӣ Раҳмонов. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди сеюм. – Душанбе: Ирфон, 2001. – 704 с.

6. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди аввал. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 425 с.

7. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди аввал. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 511 с.

8. Эмомалӣ Рахмон. Бист қадами созанда. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 376 с.

## НАҚШИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ИНКИШОФИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР БОРАИ ЗАМИН

***Наҷмуддинов Шоҳиддин*** *– ҳуқуқшиноси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, 734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6, телефон: 938 97 96 44, E-mail: Shohiddin.n@mail.ru*

Дар мақолаи мазкур муаллиф нақши Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар рушди қонунгузорӣ дар бораи замин мавриди баррасӣ қарор дода, мавзӯъро бештар бо истифода аз санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар замони соҳибистиқлолӣ қабул гардидаанд, таҳлил намудааст.

***Калидвожаҳо:*** *Конституцсия, қонун, қонуни конституцсионӣ, конунҳои соҳавӣ, кодекс, кодекси замин, санадҳои зерқонунӣ, санадҳои байналмилалӣ.*

## РОЛЬ КОНСТИТУЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В РАЗВИТИИ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА О ЗЕМЛЕ

***Наджмуддинов Шохиддин*** *– юрист Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, 734019, город Душанбе, улица Мухаммадиева 17/6, телефон: 938 97 96 44, E-mail: Shohiddin.n@mail.ru*

В статье автор, анализируя роль Конституции Республики Таджикистан в развитии законодательства о земле, опирается основном на нормативно правовые акты периода независимости.

***Ключевые слова:*** *Конституция, закон, конституционный закон, отраслевые законы, кодекс, земельный кодекс, подзаконные акты, международные акты.*

## THE ROLE OF THE CONSTITUTION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN THE DEVELOPMENT OF THE LEGISLATION ON THE GROUND

***Najmuddinov Shohiddin*** *- lawyer of Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: 938 97 96 44, E-mail: Shohiddin.n@mail.ru*

In the article the author consides the role of the Constitution of the Republic of Tajikistan in the development of the land legislation, analysis of the topic, mainly relies on normative legal acts of the independence period.

***Keywords:*** *Constitution, law, constitutional law, sectoral laws, the code, the land code, regulations, international acts.*

Баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал 6 ноябри соли 1994 ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуда, ки он ифодакунандаи рушди низоми ҳуқуқии кишвар ба ҳисоб меравад. Қабули ин санад дар таърихи навини кишварамон рӯйдоди воқеан ҳам бузург ва тақдирсоз мебошад. Зеро Конституцсия Истиқлолияти давлатии тоҷиконро ба расмият дароварда, асосҳои сиёсиву ҳуқуқӣ ва самтҳои асосии таҳкиму пешрафти ояндаи онро мутобиқи меъёрҳои эътирофшудаи муосир муайян намуд.

Санади мазкур масъалаҳои бунёдии ҷамъият ва давлат, аз ҷумла, эътироф ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии давлат, асосҳои ташкилии мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, салоҳият ва муносибатҳои мутақобилаи онҳо, рамзҳои давлатӣ, забон, пойтахти давлатӣ, шаклҳои гуногуни моликиятро пурра инъикос намудааст.

Дар моддаи 16-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муқаррар шудааст, ки: «Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, асосҳои сохтори конституцсионӣ, ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, тартиби ташкил ва таҷзияи ҳокимияти давлатиро муайян мекунад» [15].

Таҳқиқи мавқеъ ва нақши Конституцсияро дар низоми ҳуқуқӣ олимон ба чандин омилҳо алоқаманд медонанд. Академик Ф. Тоиров қайд намудааст, ки «Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои конституцсионии сохти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-сиёсиро муқаррар намуда, дар қуллаи аҳроми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қарор гирифтааст» [12,306].

Ба ақидаи С.С. Аликсеев «аз муқарароти Конституцсия тақдири низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлат вобастагӣ дорад» [14, 64].

Аз муқарароти моддаи 10-и Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки Конституцсия хусусияти муҳимтарини ҳуқуқӣ - эътибори олии ҳуқуқӣ нисбати ҳамаи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва амали мустақимро доро мебошад. Баъд аз қабули Конституцсия дар низоми ҳуқуқии қонунгузорӣ ва давлатдории миллӣ як қатор дигаргуниҳо ба амал омад. Ин дигаргуниҳо дар соҳаи қонунгузорӣ дар бораи замин низ ба назар мерасанд.

Қонуни асосии мамлакат - Конституцсия на танҳо соҳибихтиёрӣ, ташкил ва фаъолияти мақомоти давлатиро мустаҳкам намуд, инчунин манбаи бевоситаи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ҳамчун сарчашмаи асосии рушди қонунгузорӣ дар бораи замин маҳсуб меёбад.

Тибқи моддаи 1 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи замин ба Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Кодекси мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

Конституцсия дар моддаи 13 муқаррар намудааст, ки «замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад». [11,5] Маҳз ҳамин меъёр дар инкишоф ва таҳкими қонунгузорӣ дар бораи замин замина гузошт.

Дар баробари ин, дар моддаи 12 Конституцсия муқаррар шудааст, ки давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқи ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад.

Дар заминаи Конституцсия зиёда аз даҳҳо қонунҳои конституцсионӣ қабул карда шудаанд, ки дар асоси онҳо муносибатҳои гуногуни соҳаҳои ҳаёти кишвар ба танзим дароварда мешаванд.

Қобили зикр аст, ки қабули Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [1, №3, мод.177] асосҳои ҳуқуқӣ ва принсипҳои тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурӣ, салоҳият ва ваколати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳотро дар ҳалли масъалаҳои таъсису

барҳам додани воҳидҳои марзиву маъмурӣ, маҳалҳои аҳолинишин, муқаррар намудану тағйир додани сарҳади онҳо, номгузорию номивазкунии воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва маҳалҳои аҳолинишин, баҳисобгирию бақайдгирии онҳо, ҳамчунин масъалаҳои дигари вобаста ба сохти марзиву маъмуриро муайян менамояд.

Конституцсия ба қабули як қатор кодексҳо замина гузошт, ки тавассути онҳо соҳаи муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ пурра, бевосита ва мунтазам ба танзим дароварда мешавад.

Санаи 13 декабри 1996 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, солҳои 1997, 1999, 2001, 2004, 2008, 2011 ва соли 2012 ба матни Кодекси замин тағйирот ва иловаҳо ворид карда шуданд [2, №23, мод. 351].

Кодекси мазкур аз 18 боб ва 105 модда иборат буда, муносибатҳои заминистифодабариро танзим намуда, барои истифода ва ҳифзи замин, ҳосилхез кардани он, ҳифз ва беҳтар намудани муҳити табиат ва инкишофи баробарии ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ шароити мусоид фароҳам овард.

Бояд қайд намуд, ки муносибатҳои вобаста ба замин инчунин аз ҷониби дигар қонунҳои соҳавӣ низ ба монанди, қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузориҳои андоз, об, ҷангал, ва ғ. ба танзим дароварда мешавад.

Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди қабули қонунҳои муқаррарӣ низ нақш гузошт. Дар соҳаи инкишофи қонунгузорӣ дар бораи замин як қатор қонунҳо низ қабул гардидаанд, ки муносибатҳои вобаста ба заминро ба танзим медароранд. Аз ҷумла:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» [3, №12, мод. 675]. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии ташкил ва пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсиро аз тарафи шаҳрвандон ва ҳамчунин чораҳои аз ҷониби мақомоти дахлдори маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дастгирӣ кардани онҳоро муайян карда, ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ташкил кардани хоҷагии ёрирасони шахсӣ, мустақилияти хоҷагӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонеро, ки дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ мебошанд, кафолат медиҳад;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» [4, №5, мод. 333], асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)-ро муайян мекунад;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи заминсозӣ» [5, №1, мод. 21]. Қонуни мазкур маҷмӯи муносибатҳои бо асосҳои ҳуқуқии фаъолият дар соҳаи заминсозӣ алоқаманд, тартиби амалигардонии чорабиниҳои заминсозӣ, инчунин муносибатҳоро дар раванди фаъолияти заминсозӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба заминсозӣ, заминистифодабарандагон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба гузаронидани корҳои заминсозӣ манфиат доранд, танзим менамояд;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин» [6, №4, мод. 185], ки асосҳои ҳуқуқии баҳои заминро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда, гузаронидани маҷмӯи баҳои заминро муайян мекунад;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» [7, №22, мод. 259], ки асосҳои ҳуқуқии омӯзиш, ҳифз ва истифодабарии сарватҳои зеризаминиро муқаррар намуда, муносибатҳоро дар ин соҳа ба танзим медарорад;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» [8, №3, мод. 194]. Санади мазкур асосҳои

ҳуқуқӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул, ҳуқуқҳо ва маҳдудиятҳои (гароиҳои) ҳуқуқӣ ба онро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади эътироф ва ҳимояи давлатии тибқи Қонуни мазкур бақайдгирифтаи ҳуқуқҳо ва маҳдудиятҳои (гароиҳои) ҳуқуқӣ ба молу мулки ғайриманқулро муқаррар менамояд;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи хок» [9, №9-10, мод. 548]. Ин Қонун принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ, асосҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро бо мақсади оқилона ва эҳтиёткорона истифода бурдани хок, нигоҳ доштани сифат, ҳосилхезӣ ва ҳифзи онро аз падидаҳои манфӣ муайян карда, маҷмӯи муносибатҳои бо ҳифзи хок алоқамандро танзим менамояд;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавобгарӣ барои поймол намудани киштзор, зарар расонидан ба зироатҳои кишоварзӣ, тутзор ва дигар дарахту буттазор» [10, №3, мод. 173], асосҳои ҳуқуқии ҷавобгарии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро барои поймол намудани киштзор, зарар расонидан ба зироатҳои кишоварзӣ, тутзор ва дигар дарахту буттазори Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд.

Санадҳои зерқонунӣ дар қатори дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мақому мартабаи хоси худро доранд ва онҳо низ идомабахши инкишофи қонунгузорӣ дар бораи замин мебошанд.

Мутобиқи моддаи 70 Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Президент дар доираи салоҳияти худ фармон мебарорад ва амр медиҳад» [11, 23.] Дар ҳамин замина як қатор фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти истифодабарии замин ба тасвиб расидаанд, ки «Дар бораи ба амал баровардани ҳуқуқи истифодаи замин» аз 22 июни соли 1998, №1021, «Дар бораи ҳифз ва самараноку оқилона истифода намудани заминҳои корами обӣ» аз 25 июли соли 2000, № 335, «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба азнавташкилдиҳӣ ва ислоҳоти ташкилотҳои кишоварзӣ» аз 30 июни соли 2006, № 1775, «Дар бораи истифодаи мақсадноки қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ» аз 3 октябри соли 2011, № 1147 аз ҷумлаи онҳост.

Мутобиқи моддаи 74 Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, «Ҳукумат мувофиқи Конституцсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ қарор мебарорад ва фармоиш медиҳад, ки иҷрои онҳо дар қаламрави Тоҷикистон ҳатмист» [11, 25]. Нақши қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар инкишофи муносибатҳои заминистифодабарӣ назаррас аст, ба монандӣ: «Дар бораи тасдиқ кардани қоидаҳои амалӣ кардани кадастри давлатии замин» аз 3 октябри соли 2006, №447; «Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои тартиби аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар гузаронидани заминҳо» аз 30 ноябри соли 2007, №570, «Дар бораи тасдиқи Консепсияи истифодаи заминҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 31 августи соли 2004, № 349, «Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои ҷудо кардани қитъаҳои замин барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз 1 сентябри соли 2005, №342, «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» аз 3 майи соли 2006, №197, «Дар бораи Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 - 2020» аз 31 августи соли 2012, №450 ва ғайра.

Қонунгузорӣ дар бораи замин инкишофи худро дар санадҳои вобаста ба салоҳияташон қабулнамудаи мақомот, вазоратҳо, комитаҳо ва идораҳои давлатӣ низ гузоштааст, ки Дастурамал «Оид ба муайян намудани андозаи зарари заминҳои корам ҳангоми аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вайрон карда

шудани қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 майи соли 2003, №88 намунаи он мебошад.

Қисми 3 моддаи 10 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки «Санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд» [11, 4].

Ҷумҳурии Тоҷикистон узви созишномаҳои бисёртарафаи байналмилалӣ мебошад, ки дар сатҳи байналмилалӣ ба имзо расонидааст. Инчунин бо давлатҳои алоҳида дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ҳалли масъалаҳои дуҷонибаву бисёрҷониба, созишномаву шартномаҳо ва ёддоштҳои тафоҳум, аз ҷумла, дар соҳаи истифодабарӣ ва ҷудо намудани қитъаи замин бастааст. Масалан, қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 июни соли 2007, №641 «Дар хусуси тасдиқи Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи ҷудо намудани қитъаи замин аз ҳарду ҷониб» [13, 359]. Бинобар ин, тибқи Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 105 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати меъёрҳои Кодекси замин ба меъёрҳои шартномаҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, барҳӯрд кунанд, меъёрҳои шартномаҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, амал мекунанд.

Ҳамин тавр, Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои инкишофи қонунгузорӣ дар бораи замин тавассути қабул гардидани қонунҳои конституционӣ, ки бевосита дар Конституция пешбинӣ шудаанд, қабул намудани қонунҳои соҳавӣ (кодексҳо), қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ, тасдиқи низомномаҳо, дастурамалҳо, консепсияҳо, барномаҳо аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳо, мақомот, идораҳои давлатӣ ва тавассути ба тасвиб расидани санадҳои байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, фазои мусоиди ҳуқуқиро фароҳам овард.

**Адабиёт:**


1. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –2013.- №3. мод. 177.
2. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –1996.- №23. мод. 351.
3. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.– 2003. - №12. мод.675.
4. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.– 2009.- №5. мод. 333.
5. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.– 2001.- №4. - мод. 185.
6. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.– 1995. - №22. мод.259.
7. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.– 2008.- №3. мод.194.
8. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.– 2007.- №3. мод.173.
9. Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн].- Душанбе, 2016.- 64 с.
10. Конституцияҳои Тоҷикистон: пайдоиш ва инкишоф. - Душанбе, 2014. – 837 с.
11. Раҳимзода, М.З., Каримов А.Қ., Фархудинов Ҷ.И. Тафсири Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн].- Душанбе: Андалеб-Р, 2015. –360 с.
12. Соҳибов, М.М. Ҳуқуқи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн].- Душанбе: Андалеб_Р, 2015. – 396 с.
13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» [Манбаи электронӣ]: Реҷаи дастрасӣ: www.mmk.tj

## БОЗОРИ ТУРИЗМИ МУОСИР ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН

***Миракзода Фаридун Юсуфӣ*** *– унвонҷӯйи кафедраи таърих ва назарияи иқтисоди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992) 93-413-73-33, E-mail: Mastchoh94@mail.ru*

Дар мақола масъалаҳои нақши туризм дар рушди иқтисодиёти ҷаҳон ва бозори туризми муосир дар рушди туризм мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Муаллиф дар заминаи таҳлили адабиёти мавҷуда оид ба динамикаи рушди сайёҳии муосир, кишварҳои мутараққӣ дар соҳаи туризм, вазъи бозори сайёҳии байналмилалӣ, эҳтиёҷот нисбат ба маҳсулот ва хадамоти сайёҳӣ маълумот дода, зарурияти рушди туризмро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи илмӣ асоснок намудааст.

***Калидвожаҳо****: бозори хадамоти сайёҳӣ, захираҳои бозори сайёҳӣ, эҳтиёҷот, соҳибкор, сегменти бозор, рушди бозори сайёҳӣ, саноати туристӣ, ширкатҳои сайёҳӣ, туризми байналмилалӣ, кишварҳои мутараққии сайёҳӣ.*

## РЫНОК СОВРЕМЕННОГО ТУРИЗМА И ПЕРСПЕКТИВЫ ЕГО РАЗВИТИЯ

***Миракзода Фаридун Юсуфи*** *- соискатель кафедры истории и теории экономики ТГИЯ имени Сотим Улугзода, г. Душанбе ул. Мухаммадиева 17/6, тел.: (+992) 93-413-73-33, E-mail: Mastchoh94@mail.ru*

В статье рассматривается роль туризма в развитии экономики мира и рынок современного туризма.

Автор на основе анализа существующей литературы научно обосновывает динамику развития современного туризма развитых стран в области туризма, состояние международного туризма, потребность в туристической продукции и услуг, а также необходимость развития туризма в Республике Таджикистан.

***Ключевые слова:*** *сервис рынка туризма, ресурсы туристического рынка, потребность, предприниматель, сегменты рынка, развитие туристического рынка, туристическая промышленность, туристические фирмы, международный туризм, развитые туристические страны.*

## MODERN TOURISM MARKET AND ITS DEVELOPMENT PROSPECTS

***Mirakzoda Faridun Yusufi*** *– researcher of chair of History and Theory of Econimics of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: (+992) 93-413-73-33, E-mail: Mastchoh94@mail.ru*

In the article discusses the role of tourism in economic development of the world and the market of modern tourism.

The author on the basis of an analysis of the existing scientific literature substantiates the dynamics of modern tourism, developed countries in the field of tourism, the State of international tourism, the demand for tourism products and

services, as well as the need for the development of tourism in the Republic of Tajikistan.

***Keywords***: *service tourism market, resources, tourism market demand, entrepreneur, market segments, the development of the tourist market, tourist industry, travel, international tourism, developed tourist country.*

Дар замони муосир туризм ба яке аз омилҳои муҳиму тавонои рушди иқтисодиёт ва воситаи муассири таҳкими равобити байни кишварҳои олам табдил ёфтааст. Маҳз аз ҳамин сабаб Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Асосогузори сулҳу вахдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи туризмро яке аз соҳаҳои афзалятноки рушди иқтисодиёт арзёбӣ намудааст**.**

Пешвои миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22.12.2016) ба рушди ин соҳаи барои иқтисодиёти мамлакат фоидаовар таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, аз ҷумла қайд намуд, ки *«Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи сайёҳӣ диққати ҳамаҷониба дода, барои рушди минбаъдаи он заминаҳои заруриро фароҳам меорад…*

*Вобаста ба ин, зарур аст, ки бо мақсади боз ҳам тавсеа бахшидани соҳаи сайёҳӣ, истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда дар ин самт, инкишофи инфрасохтори сайёҳӣ, беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ, густариши раванди танзими давлатӣ ва дастгирии сайёҳии дохиливу хориҷӣ, ҷалби ҳарчи бештари сармоя дар ин самт ва омода кардани кадрҳои болаёқат соли 2017 дар назди Ҳукумати Тоҷикистон сохтори алоҳида оид ба соҳаи сайёҳӣ таъсис дода шавад»* [1, 17-18].

Дар замони муосир барои рушди туризм асосноксозии назариявӣ-методологии он ногузир аст, зеро бе далелҳои боэътимоди илмӣ ташаккул ва рушди бозору хадамоти туристӣ имконнопазир аст. Бозори хадамоти туристӣ бояд асосан дар ҳамбастагии зич бо самти сайёҳӣ ташаккул ёбад, зеро фаъолияти он дар шароити бозор, махсусан дар фаъолияти берунии иқтисодӣ ҳамеша бо рақобат, бо таваккалии молиявӣ дучор мегардад. Масалан, солҳои 1995-2000-ум ширкатҳои туристии Россия бинобар роҳ додан ба камбудиҳо дар фаъолияти хеш ба бозмонии молиявӣ рӯ ба рӯ гардиданд. Аз ин рӯ, ширкатҳои туристӣ бояд масъалаи таваккалии соҳибкориро дар маркази диққат қарор диҳанд. Вале ҳама гуна таваккал кардан бояд дар заминаи таҳлили пешакии бозори хадамоти туристӣ ифода ёбад. Яъне идоракунии хавфҳо (риск-менеҷмент) низ бояд аз мадди назар дур намонад. Паст намудани сатҳи хавфи нокомиҳо аз таваккал кардан танҳо бо роҳи истифодаи консепсияи дақиқи бозори хадамоти туристӣ имконпазир мегардад.

Бозори хадамоти туристӣ - ин низоми идоракунии фаъолияти савдои истеҳсолии ширкати сайёҳӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ аст [2,5]. Агар соҳибкор аз сармоягузорӣ фоида ба даст орад ва фоидаи онро аз нав дар истеҳсолот равона насозад, талабот ва хоҳиши муштариёни худро дар сатҳу сифати зарурӣ қаноатманд карда натавонад, он гоҳ истифодабарандаи хизматрасониҳои туристиро ба ҳайси мизоҷи доимӣ нигоҳ дошта наметавонад.

Бо ибораи дигар, бозори хадамоти туристӣ – ин таъсири якмаротибагӣ ё маҳдудшавӣ дар ягон чорчӯбаи функционалӣ ё муваққатӣ нест. Бозори хадамоти туристии ҳозиразамон тамоми самтҳои фаъолияти ширкати сайёҳӣ, сохтори ташкилӣ ва функционалиро фаро гирифта, амали фаъол ва ҳамарӯзаи коллективи ширкати сайёҳӣ мегардад.

Дар раванди таҳлили консепсияи бозори хадамоти туристӣ мафҳумҳои «вазъи бозори хадамоти туристӣ», «раванди бозори хадамоти туристӣ» ва «технологияи бозори хадамоти туристӣ» бештар ба назар мерасанд.

Вазъи бозори хадамоти туристӣ дар шароити бозор ва рақобат талабот ва пешниҳодотро муайян менамояд. Аз ин ҷо бармеояд, ки муваффақияти соҳибкорӣ аз қобилияти пешниҳоди молу хизматрасонии сайёҳӣ, аз миқдор, сифат, нарх, мавзеъ, талаботи воқеӣ вобаста аст.

Ҳамин тавр, вазъи ибтидоии бозори хадамоти сайёҳӣ ба мавҷудияти бозори муайян ва талабот нисбат ба молу хизматрасонии сайёҳӣ робитаи мустақим дорад. Талабот ба хизматрасонии сайёҳӣ бошад, аз он вобаста аст, ки оё ширкати сайёҳӣ қодир аст фаъолона стратегия ва нақшаи бозори хадамоти туристиро тарҳрезӣ ва татбиқ намуда, дар мавриди мавҷуд набудани талабот онро дар ҷойи дигар ҷустуҷӯ намояд.

Ҷараёни бозори хадамоти сайёҳӣ – ин чорабиниҳои бо ҳам алоқамандест, ки бо муайянкунии бозор ва талабот оғоз ёфта, банақшагирӣ, коркард, истеҳсолот, тақсимот, фурӯши молҳо ва хизматрасонии истеъмолкунандагонро фаро мегирад.

Технологияи бозори хадамоти сайёҳӣ – ин усули (методи) идоракуниест, ки соҳибкор дар раванди муайянкунӣ ва омӯзиши талабот, банақшагирӣ, истеҳсолот, фурӯши хизматрасонии сайёҳӣ ва молҳо истифода мебарад.

Бо ибораи дигар, бозори хадамоти сайёҳӣ – ин низоми усулҳои бо ҳам алоқаманд ва тадбирҳоест, ки ба ширкати сайёҳӣ имконияти дар бозори туристӣ ноил гардидан ба натиҷаҳои мусбатро медиҳад.

Мавриди зикр аст, ки соҳаи туризм ва дурнамои рушди он аз бозори хадамоти сайёҳӣ вобаста буда, аз татбирҳои зерин иборат аст:

- аз таҳлили комплексии бозор;
- истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ;
- таҳлили низоми нархҳо ва роҳҳои тақсимоти маҳсулот ва хадамоти сайёҳӣ;
- рекламаи маҳсулот.

Бо дарназардошти мавҷудияти омилҳои дорои хусусияти демографӣ, тарзи зиндагӣ ва рағбати аҳолидошта рушди муносибатҳои байналмилалӣ ба афзоиши сегменти бозори саёҳат ва туризм оварда мерасонад.

Айни замон дар Осиё, Аврупо, Шарқи Наздик ва дигар минтақаҳо раванди афзоиши дохилии минтақавии сегменти сайёҳӣ, аз ҷумла навъҳои муосири туризм, саёҳат ба масофаи дур, туризми ҷозибанок, истироҳати кӯтоҳ, ки бо истифодаи воситаҳои дамгирии берун аз хона ташкил карда мешаванд, ба назар мерасад.

Захираҳои бозор: Шароитҳое, ки бевосита ва ба таври самаранок ба туризм таъсир расонида, бо ташаккулёбии эҳтиёҷот, талабот ва таклифот ба маҳсулот ва хизматҳои туристӣ алоқаманд мебошанд, шартан захираҳои бозор номидан мумкин аст. Унсурҳои он аз ҷараёни эҳтиёҷот, талабот ва таклифот, сегментҳои бозор, сектори туристии хусусӣ ва захираҳои инсонӣ иборатанд.

Эҳтиёҷот, талабот ва таклифот: Эҳтиёҷот нисбат ба туризми дискретсионӣ (яъне, туризм аз рӯи интихоби худ). Ин тамоилҳо ба афзоиши эҳтиёҷот нисбат ба маҳсулот ва хизматрасонии туристии наву ҷозибанок ва гуногунранг оварда мерасонанд. Номгӯи зиёди маҳсулот ва хизматрасонии туристӣ, аз ҷумла, истироҳат дар соҳил, сайру гашт дар шаҳр ба сифати интихоби асосӣ дар бозорҳои туристӣ бо баландшавии нархҳо вобастагӣ доранд.

Тараққиёти низоми талабот - эҳтиёҷот, ки барои солҳои 90-ум ва оянда хос буд, бо мафҳуми сегменти бозор аниқ муайян карда мешавад. Сегменти бозор

ҷараёнеро дар назар дорад, ки ҳангоми он фурӯшандаи хатсайри туристӣ, ё ҷойҳо дар самолёт ба меҳмонхона харидоронеро ҷалб менамоянд, ки аз тарафи фурӯшанда пешниҳод шудаанд.

Оғози оммавишавии туризм ба интернатсионализатсияи ҳамаи соҳаҳои зиндагии ҷамъият ва баландшавии сатҳи зиндагӣ, зиёдшавии вақти холӣ, тағйирёбии сатҳи хизматрасонии нақлиёт ва алоқа вобаста мебошад. Дар 20 соли охир шумораи сайёҳони хориҷӣ дар ҷаҳон якчанд маротиба афзуд. Қариб 65 фоизи ҳамаи сафарҳои туризми байналхалқӣ ба Аврупо, 20 фоиз ба Амрико ва 15 фоиз ба минтақаҳои боқимонда рост меоянд.

Аз рӯи маълумотҳои Созмони Умумиҷаҳонии Туристӣ суръати афзоиши туризми байналхалқӣ дар як сол 4,5 фоизро ташкил медиҳад, ки он аз таъсири омилҳои асосӣ ба тараққиёти туризм вобаста мебошад. Онҳоро ба омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ҷудо кардан мумкин аст. Ба яке аз омилҳои субъективии тараққиёти туризми байналхалқӣ фаъолияти мақомоти давлатӣ дохил мешавад, ки тартиби будубош (воридшавӣ ва содиршавӣ) аз давлат ва ба ҳудуди он даромадани шаҳрвандони хориҷиро танзим мекунад.

Кишварҳои олам туризми байналхалқиро ҳамчун яке аз воситаҳои рушди иқтисодӣ арзёбӣ менамоянд, ки хусусусиятҳои он аз инҳо иборатанд:

- аз ҷониби давлатҳо ба туристон пешниҳод намудани мол ва хизматрасонӣ;
- оқилона истифода бурдани захираҳои табиии кишвар дар низоми тақсимоти байналхалқии меҳнат;
- сайёҳони байналхалқӣ сарчашмаи самараноки воридшавии асъори хориҷӣ, аз ҷумла, аз ҳисоби «содироти дохила»;
- ба сайёҳон фурӯхтани молҳои маҳаллӣ.

Масалан, дар Италия воридшавии асъори хориҷӣ аз туризм барои кам кардани масъалаҳои қарзҳои беруна равона мешавад.

Даромад аз туризми байналхалқӣ ин пардохт барои мол ва хизматрасонӣ ба ғайр аз меҳнати илова, пардохти нақлиёти байналхалқӣ мебошад. Ба хароҷоти сайёҳии байналхалқӣ дохил мешавад: пардохти мол ва хизмат, ки сокинони ҳамин давлат дар хориҷа истеҳсол мекунанд.

Таносуби байни даромад ва хароҷот аз туризми байналхалқӣ дар давлатҳо ва минтақаҳо аз ҳамдигар фарқ мекунад. Савдои бештари манфиро Испания (+14399 млн. дол.), Фаронса, Австралия, Италия ва савдои бештари мусбиро Япония, Германия доро мебошанд.

Илова бар ин, дар натиҷаи хароҷоти сайёҳони хориҷӣ ба давлат:

- якум: даромади ширкатҳои сайёҳӣ меафзояд;
- дуюм: таъминкунандагони мол ва хизмат афзуда, даромади ҳамаи соҳаҳо низ, зиёд мегардад;
- сеюм: даромади худи аҳолӣ, ки ба тиҷорати сайёҳӣ вобаста аст, меафзояд.

Даромади арзӣ аз туризм суръати сармоягузориро на фақат дар соҳаи туризм, балки дар дигар соҳаҳои минтақавӣ ва иқтисодии миллӣ вусъат мебахшад, ки он дар навбати худ ба тараққиёти соҳаҳои боқимонда имконияти мусоид фароҳам меорад.

Тараққиёти туризм ба зиёд гардидани ҷойҳои нави корӣ низ мусоидат менамояд ва ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти миллӣ (МММ) меафзояд.

Туризми байналхалқӣ ба зиёд гардидани маҳсулот ва хизматрасонӣ, васеъ намудани навъҳои гуногун ва иҷро кардани тағирёбии сохт дар истеҳсолоти мол ва хизматрасонии миллӣ мусоидат менамояд.

Аксарияти давлатҳо кӯшиш менамоянд, ки ба воситаи туризми байналхалқӣ масъалаи баланси пардохтро ҳал намояд.

Аз рӯи маълумоти Созмони Умумиҷаҳонии Туристӣ (СУТ) дар ҷаҳон 15 давлат ба хизматрасонии туризм махсусгардонидашуда мебошанд, ки даромади онҳо дар ин соҳа якчанд маротиба аз содирот зиёдтар мебошад. Ба онҳо давлатҳои Аврупои Ғарбӣ дохил мешаванд ва дар 45 давлат даромади туризм аз ҳаҷми содирот 1,4 ҳисса зиёдтар мебошад. Ин асосан барои давлатҳои дар ҳоли рушд, ки афзоиши сусти иқтисодӣ доранд, хос мебошад.

Туризм ба афзоиши шуғл мусоидат мекунад. Қисми зиёди захираҳои меҳнатӣ дар туризм ба соҳаи меҳмонхона, тарабхона, хизматҳои туристӣ, инчунин соҳаҳои омехта - хӯрокворӣ (хароҷот ба захираи меҳнатӣ 8-10 фоизи ҳаҷми умумии даромадҳоро ташкил медиҳад), сохтмон рост меояд. Тараққиёти давлатҳо аз ҷиҳати қабули сайёҳон афзалият дошта, онҳо кӯшиш мекунанд, ки на фақат воридоти арзи хориҷиро зиёд кунанд, балки ҷойҳои кории навро ташкил намоянд.

Аз рӯи маълумоти Шӯрои умумиҷаҳонӣ оид ба туризм соли 1993 ба туризм 10,1 фоиз маҷмӯи маҳсулоти дохила (ММД) ва 10,5 фоизи ҷои корӣ рост меомад. Соли 1993 ҳаҷми умумии шуғл дар туризми байналхалқии давлатҳои ЕС 8,5 млн. одамонро, ки ба ҳисоби миёна 6 фоизи аҳолӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол мебошад, ташкил медод. Дар Испания ва Португалия бошад, ин нишондиҳанда 10 фоиз, Юнон ва Фаронса 8 фоиз, Италия 75 фоиз, Олмон 6 фоиз, Британияи Кабир 5 фоизро ташкил медиҳад.

Рушди туризм ба ғайр аз ҷиҳатҳои мусбӣ оқибаҳои манфӣ низ дорад. Аз ҷумла:

*Оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ*: Онҳо пеш аз ҳама бо беқурбшавии оқибатҳои воридотӣ алоқаманд мебошанд. Зиёдшавии туризми хориҷӣ ба баландшавии нарх дар кишвар ва вобаста аз афзудани талабот ба молҳои сайёҳӣ, васеъшавии қобилияти харидории аҳолии ҳамин давлат, ки дар соҳаи туризм кор мекунанд ва аз ҳисоби зиёдшавии даромади онҳо, ки оқибат ба дигар соҳаҳо низ паҳн мешавад, алоқманд мебошад. Ҳамин гуна оқибатҳо на танҳо ба кишварҳои дар ҳоли рушд, балки барои кишварҳои мутараққӣ низ хос мебошад.

Нетто - содиркунандагони хизматрасонии анъанавӣ Австралия, Шветсария, Испания, Италия, Фаронса, Туркия, Португалия мебошанд. Дар давлатҳои дигар хароҷоти онҳо назар ба даромад зиёдтар буда, ҳамчун Нетто-воридкунанда баромад мекунанд. Масалан, даромад ва хароҷот аз туризм дар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо чунин аст:

| Давлатҳо | 1992 | | 1997 | | 2000 | | 2005 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Даро-мад | Хароҷот | Даро-мад | Хароҷот | Даро-мад | Хароҷот | Даро-мад | Хароҷот |
| Австралия | 0.56 | 0.14 | 11.8 | 6.3 | 13.8 | 12.1 | 14.7 | 13.0 |
| Бр.Кабир | 0.54 | 0.81 | 16.0 | 19.8 | 20.0 | 25.0 | 20.8 | 56.5 |
| Италия | 1.3 | 0.3 | 16.4 | 10.1 | 28.2 | 12.7 | 30.0 | 15.0 |
| Испания | 1.16 | 0.07 | 14.5 | 4.3 | 25.9 | 14.6 | 27.4 | 5.1 |
| Фаранса | 0.91 | 0.94 | 21.3 | 13.5 | 28.2 | 17.5 | 30.4 | 17.8 |
| Олмон | 0.7 | 1.5 | 11.0 | 30.1 | 15.8 | 49.6 | 16.6 | 50.9 |
| Швейтсария | 0.54 | 0.81 | 6.9 | 6.0 | 8.7 | 7.8 | 9.0 | 8.2 |

*Сарчашма:* бойгонии ҷории Кумитаи ҷавонон варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [6]

Мувофиқи пешгӯиҳои тахминии Созмони Умумиҷаҳонии Туристӣ (СУТ) дурнамои рушди туризми умумиҷаҳонӣ то соли 2007-ум ва давраи пасоянд муайян шудааст, ки ҳангоми пастшавӣ дар бозори сайёҳии аввали солҳои 90-ум якҷоя бо сармоягузориҳои калон, ки барои ташкили базаи ҷойгиркунии ҷараёнӣ 2,5 маротиба афзоишёбанда мебошад, гумон аст, ки нишондиҳандаи миёнаи солона дар тӯли тамоми даҳсола аз 6-7 фоиз зиёд шавад. Танҳо баъзе давлатҳо метавонанд, ки ба дараҷаи баланди пешгӯиҳои худ ноил шаванд.

Масалан, динамикаи ташрифоти сайёҳон дар ҷаҳон аз рӯи минтақаҳо дар солҳои 1995-2020 чунин аст: (ба ҳисоби млн. нафар)

| Минтақа | Солҳо | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 1995 | 2000 | 2010 | 2020 |
| Аврупо | 335 | 390 | 527 | 717 |
| Уқёнуси Ором | 80 | 116 | 231 | 438 |
| Амрико | 111 | 134 | 195 | 285 |
| Африко | 20 | 27 | 46 | 75 |
| Минтақа | Солҳо | | | |
| | 1995 | 2000 | 2010 | 2020 |
| Шарқи Миёна | 14 | 19 | 37 | 69 |
| Осиёи Ҷанубӣ | 4 | 6 | 11 | 19 |
| Ҳамагӣ: | 564 | 692 | 1047 | 1602 |

*Сарчашма:* бойгонии ҷории Кумитаи ҷавонон варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [6]

*Тараққиёти тиҷорат.* Дар солҳои 90-ум шароитҳои тиҷорати байналхалқӣ боз ҳам либериализатсия шуда, вале дар натиҷаи гуфтушунидҳои СУТС (Созишномаи умумӣ (генералӣ) оид ба тарифҳо ва савдо), *ГСТТ (Генеральное соглашение по тарифам и торговле)* дар Уругвай омилҳои боздоранда низ ба назар мерасанд.

Азбаски иштирокчиёни эминмонда ба таваккалиятҳои муайян рӯ ба рӯ мешаванд, як қатор роҳу усулҳое мавҷуданд, ки сатҳи хавфро барои сайёҳон паст мекунанд. Баҳри ноил гардидан ба он, пеш аз ҳама бояд тамоми самтҳои бехатарии сайёҳӣ якҷоя ҳаллу фасл гарданд.

Корхонаҳои сайёҳӣ фаъолияти худро дар вазъияти душвори бозорӣ пеш бурда, ба саволҳои киро ва чӣ тавр бояд таъмин ва пешвоз гирифтан таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоянд. Яъне ҳама гуна бозор аз нуқтаи назари бозоршиносӣ аз истеъмолкунандагон, ки аз якдигар аз рӯи хоҳиши интихоби хизматрасониҳои сайёҳӣ фарқ мекунад, иборат мебошад. Аз ин рӯ, фаъолияти самарабахши бозоршиносии муосиру пешрафта, яъне омӯхтани талаботи категорияҳои истеъмолкунандагони гуногун зарур аст, ки он дар навбати худ рукни асосӣ - сегменти бозорро дар назар дорад.

Тавассути сегменти бозор шумораи умумии истеъмолкунандагони потенсиалӣ, гурӯҳҳои муайян ҷудо карда мешаванд (сегментҳои қисмҳои бозор), ки каму беш нисбати маҳсулотҳои сайёҳӣ талаботҳои якхела доранд.

Сегментатсияи бозори ҷаҳонии сайёҳӣ ҳамчун самти фаъолият истеъмолкунандагони потенсиалиро дар мувофиқат бо хусусиятҳои сифатӣ ва ҳаҷмии талаботи онҳо тасниф ва муайян менамояд.

Аз ин рӯ, ширкат ва корхонаҳо ҳангоми бозорро ба қисмҳо ҷудо намудан истеъмолкунандагонро низ ба гурӯҳҳо ҷудо менамоянд, ки барои ҳар яки онҳо хизматҳои якхела ва гуногуни сайёҳӣ расонида мешавад. Мақсади асосии ба қисмҳо ҷудо намудани бозор ин таъмин намудани истеъмолкунандагон бо молу маҳсулоти зарурӣ мебошад.

Таҷрибаи бозоршиносӣ дар туризм аз он шаҳодат медиҳад, ки сегменти бозорӣ ин:

1. Воситаи интихобӣ;
2. Имконияти ҳарчи бештар баҳри қонеъ гардонидани талаботи мизоҷони гуногун;
3. Ёрӣ расонидан дар интихоби стратегияи муносиби маркетингӣ;
4. Мусоидат барои ноил гардидан ба мақсадҳо;
5. Имконияти баланд бардоштани сатҳи қарорҳои кабулкардашуда;
6. Имконияти паст намудани сатҳи муборизаи рақобатӣ бо роҳи аз худ кардани сегменте, ки онро то ҳол истифода набурдаанд, мебошад.

Ниҳоят дар маҷмӯъ, имконияти баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳои ширкат.

Ҳангоми гузаронидани сегментатсия бояд аввал омилҳои сегментатсияи бозор ба назар гирифта шаванд. Аз ин лиҳоз, бояд байни омилҳои сегментатсионӣ, молҳои истеъмолӣ (харидшаванда), хизматрасониҳо, молҳои истеъмолӣ тақсимоти алоҳидаи махсус вуҷуд дошта бошад.

Сегментатсияи бозор ба омилҳои зерин тақсим мешавад:

1. ҷуғрофӣ;
2. демографӣ;
3. иҷтимоӣ-иқтисодӣ;
4. психологӣ-рӯҳӣ;
5. тибқи рафтор**;**

Ба омилҳои ҷуғрофӣ дохил мешаванд:

1. бузургии минтақа;
2. зичӣ ва шумораи аҳолӣ;
3. шароити иқлимӣ;
4. тақсимоти маъмурӣ (шаҳр, ноҳия, деҳот);
5. мавқеъи ҷойгиршавии ширкат аз шаҳри истеҳсолкунанда.

Сегментатсия аз рӯи омилҳои демографӣ: Ин яке аз омилҳои асосӣ барои муайян кардани истеъмолкунандаи хизматрасониҳои худ, яъне туристон мебошанд, ки ба онҳо дохил мешавад**:**

1. ҷинси сайёҳон;
2. синну соли сайёҳон;
3. вазъи оилавии сайёҳон;
4. сатҳи даромаднокии онҳо;
5. маълумотнокии сайёҳон;
6. мазҳаб ва миллати сайёҳон.

Омилҳои номбаршуда барои муайян кардани ба кадом намуди туризм шавқ доштани турист ва мутобиқати он лозим мебошад.

Омили иҷтимоӣ - иқтисодӣ. Ин омил аксаран барои омӯзиши манфиати туризм, барои ривоҷи иқтисодиёт зарур аст, ки ба инҳо сатҳи даромади сайёҳон, сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти сайёҳӣ, ба меъёрҳо мутобиқ будани маҳсулоти туристӣ ва ғайраҳо дохил мешавад.

Омилҳои психологӣ - рӯҳӣ. Ин омил барои муайян гардидани ниёзу эҳтиёҷи сайёҳон нисбат ба маҳсулоти сайёҳӣ зарур аст.

Омили навбатӣ, ин омили рафтор мебошад, ки он ба омили психологӣ - рӯҳӣ монанд аст.

Саноати туристӣ яке аз шаклҳои ба таври динамикӣ рушдёфта дар хизматрасониҳои байналмилалии савдо аст. Туризм дар ҷаҳон доимо дар ҳоли рушд буда, таъсири он ба иқтисоди ҳар як кишвар алоқаманд аст.

Туризми байналмиллалӣ дар иқтисоди давлатҳо функсияҳои муҳимро иҷро мекунад, аз ҷумла:

1. Туризми байналмиллалӣ сарчашмаи даромади арзӣ барои мамлакатҳо ва воситаи таъмини ҷои корӣ аст.
2. Туризми байналмиллалӣ барои диверсификатсияи иқтисодиёт, ташкили соҳаҳо ва хизматрасониҳои соҳаи туризм мусоидат менамояд.
3. Бо ташкили ҷои корӣ дар соҳаи туризм даромади аҳолӣ ва сатҳи некӯаҳволии мардум баланд мегардад [3, 34].

Албатта, туризми байналмилалӣ дар ҷаҳон нобаробар тараққӣ кардааст, ки ин, пеш аз ҳама, аз сатҳи рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакатҳо ва минтақаҳо вобаста аст. Рушди туризми байналмиллалӣ дар мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ва Шарқи Наздик беҳтар аст. Зиёда аз 70 фоизи бозори ҷаҳонии туристӣ ва қариб 60 фоизи даромади арзӣ маҳз ба ҳамин минтақаҳо рост меояд. Тақрибан 20 фоизи он ба Америка ва камтар аз 10 фоиз ба Осиё, Африка ва Австралия рост меояд.

Дар рушди муносибатҳои байналмиллалӣ туризм мақоми бузургро ишғол мекунад. Ҳамасола қариб 500 млн. нафар бо мақсади туристӣ ба хорича ташриф меоранд. Туризм на танҳо ҳамчун як намуди истироҳат, балки дар ҷаҳон соҳаи фаъоли рушдкунанда аст.

Ҳамин тариқ, туризми байналмиллалӣ бо назардошти хусусияти хоси худ қисми бузурги тавлиди хизматрасониҳо ва бо хароҷоти минималӣ дар соҳаи иқтисодиёт нақши намоёнро мебозад. Соҳаи сайёҳӣ ба шумораи форвардҳои иқтисодӣ ва арзишҳои бузурги муассиру таъсирбахш дохил мешавад.

Бо дарназардошти он, ки оид ба рушди туризми байналмилалӣ маълумоти аниқ мавҷуд нест ва гурӯҳи туристиро санҷидан то андозае душвор аст, тартиби ягонаи ҳисоботи омории байни мамлакатҳо то имрӯз муайян карда нашудаанд.

Имрӯз мо туризмро ҳамчун падидаи оммавии асри XXI дарк мекунем, ки он воқеан ҳам зиндагӣ, ҳам муҳити зист ва ҳам ландшафти (манзари) ҳаёти моро дигаргун месозад.

Туризм на танҳо истироҳату фароғат, балки яке аз омилҳои муҳими иқтисодӣ ба шумор меравад. Зоҳиршавии мафҳум ва падидаи туризм инсонро ба саёҳат ва муносибату робитаҳои байниҳамдигарӣ раҳнамун месозад.

Рушди босуръати туризм ба ҳаҷми даромади арзӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, ки ба ташкили индустрияи туристӣ мусоидат мекунад, таъсир мерасонад. Имрӯз нуфузи нишондиҳандаҳои индустрияи туризм дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ хеле назаррас аст.

Хусусияти муҳими марҳилаҳои муосири рушди туризм ва тағйири шаклҳои ташкили он дар бозори туристӣ, нақлиёт, савдо, саноат, бонкҳо, суғурта ва ғайраҳо ба назар мерасад [4, 14].

Рушди босуръати робитаҳои байналмилалии сайёҳӣ боиси таъсиси шумораи зиёди ташкилотҳои байналмилалӣ мегардад, ки онҳо дар навбати худ ба муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ мусоидат менамоянд.

Айни ҳол мо дар заминаи таҳлили сарчашмаҳои мавҷудаи назариявӣ, таҷриба ва мушоҳидаҳо хусусиятҳои асосии рушди туризмро дар даҳсолаи оянда ба таври зерин пешбинӣ карда метавонем:

- дурнамои рушди нишондиҳандаҳои фаъолият дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ;

- таъсири доимии омилҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ ба туризм;

- натиҷаи таъсири омилҳои муайяни туризм, ба монанди тағйироти вазъи иҷтимоӣ–демографӣ, иттилооти электронӣ ва системаҳои коммуникатсионӣ;

- муаррифии фаъолияти тураператорҳо ҳамчун фаъолияти глобалӣ, ба монанди соҳибкории хурду миёна.

Яке аз минтақаҳои машҳури туристӣ ин Осиёи Ҷанубӣ ва Ҷанубу Шарқӣ ба шумор меравад. Дар доираи ин ҷараёни пурзур нақши бахшҳои байналмилалии Руссия ҳамчун маркази хизматрасонии транзитӣ аз Аврупои Ғарбӣ ва ҳамчунин сегментҳои туризми берунӣ аз Руссия ба минтақаҳои номбурда хеле назаррас аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дорои мероси бойи таърихию фарҳангӣ ва захираҳои табиӣ буда, барои ҷалби теъдоди зиёди сайёҳони хориҷӣ ба кишвар иқтидори воқеӣ дорад.

Рушди соҳаи туризм баҳри паст кардани сатҳи бекорӣ дар кишвар замина ва имкониятҳои муфидро фароҳам оварда, барои ғанӣ гардонидани буҷети давлат мусоидат менамояд. Зеро имрӯз туризм яке аз соҳаҳои сердаромади иқтисодиёт ба шумор рафта, барои ноилшавӣ бо суръати рушди он соҳаи туризмро ривоҷу равнақ додан зарур аст.

Омилҳои зикршударо ба инобат гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи туризмро самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии кишвар эълон намудааст.

Мутаассифона, иқтидорҳои мавҷудаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ба қадри кофӣ истифода бурда намешаванд. Аз ин рӯ, муҳаққиқони соҳа бояд оид ба омӯзиши имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон пажӯҳишҳои доманадорро анҷом дода, роҳу воситаҳои истифодабарии минтақаҳои сайёҳиро баҳри рушди иқтисодиёти кишвар, муаррифии мероси гаронарзиши фарҳангии халқи тоҷик бо далелҳои илмӣ собит намоянд.

Бо ибораи дигар, барои рушди минбаъдаи туризм дар Тоҷикистон корҳои зиёди илмӣ-таҳқиқотӣ анҷом дода, тадбирҳои таъхирнопазири амалӣ андешидан лозим аст.

**Адабиёт:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн].- Душанбе, 2016.- 39 с.

2. Исмаев, Д.К. Маркетинг иностранного туризма в Российской Федерации [Текст]. – М.: Академиа, - 2004. -188 с.

3. Сенин, В.С. Организация международного туризма [Текст]. – М: Финансы и статистика, 2003.–400 с.

4. Пузакова, Е.П., Честникова В.А. Международний туристический бизнес [Текст].-М.: Экспортное бюро,1997. – 176 с.

5. Жукова, М. А. Менеджмент в туристском бизнесе [Текст]. –М.: Конкурс, 2006. –192 с.

6. Бойгонии ҷории Кумитаи ҷавонон варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн].

# ПАЙДОИШИ ГЕНДЕРШИНОСӢ ҲАМЧУН ИЛМ

***Мухторова Фарахбону Сатторовна*** *- номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои Шарқи Наздики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода, 734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: (+992 37) 232 50 00; 232 50 03.*

Дар шароити имрӯза проблемаи гендер яке аз омилҳои муҳими рушд ва таҳкими оила маҳсуб меёбад. Муаллифи мақола ин проблемаи навро дар таърихи башарият аз нигоҳи илмӣ арзёбӣ намудааст.

***Калидвожаҳо:*** *занон, мардон, гендер, ҷомеа, насл, мафҳум, ген, неофеминизм, фенимизм, таҳқиқот.*

# ВОЗНИКНОВЕНИЕ ГЕНДЕРА КАК НАУКИ

***Мухторова Фарахбону Сатторовна*** *- кандидат филологических наук, доцент кафедры языков Ближнего Востока (ближневосточных языков) Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, 734019, город Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел. (+992 37) 232 50 00; 232 50 03.*

В данный период гендерская проблема является одним из актуальных факторов развития и укрепления семьи. Автор статьи с научной точки зрения дала оценку этой новой проблеме в истории человечества.

***Ключевые слова:*** *женщины, мужчины, гендер, общество, род, понятие, ген, неофеминизм, фенимизм, исследования.*

# THE APPEARANCE OF GENDERIZM AS SCIENCE

***Mukhtarova Farahbonu Sattorovna*** *- candidate of philology, associate professor of chair of Middle East Languages of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone:(+992 37) 232 50 00; 232 50 03.*

In this period the gender issue is one of the important factors in the development and strengthening of the family. The author of the article from a scientific point of view assessed this new problem in the history of mankind.

***Keywords****: women, men, gender, society, gender, intelligible, gene, neofeminizm, feminism, research.*

Дар давоми тамоми таърихи инсоният занон ва мардон на фақат ҳамчун ашхоси фарқкунанда, балки нобаробарҳуқуқ дониста мешуданд. Дар ҳамаи давру замонҳо мардҳо нисбат ба занҳо авлотар маҳсуб мешуданд. Ратсионализм, манфиатталошӣ ва мақомҷӯйӣ, саъю кӯшиши сарватманд шудан, ки хислатҳои хоси аксари мардон аст, назар ба хислатҳои занон, яъне эҳсосият, дилсӯзӣ ва ғамхорӣ, меҳр нисбати фарзандон афзалтар шуморида мешаванд. Дар аксар

мавридҳо мардон нисбат ба занон сарватмандтар, бонуфузтар ва дорои мақоми баландтар буданд ва ҳастанд.

Вазъи ногувори занон дар ҷомеа боиси ба вуҷуд омадани ҷунбишҳои занон барои ноил гардидан ба ҳуқуқҳои шаҳрвандии худ гардид. Натиҷаи он пайдоиши таҳқиқоти гендерӣ дар солҳои 70-80-уми асри XX гардид. Таҳқиқоти гендерӣ соҳаи сертаркиб буда, бо масъалаҳои таърих, забоншиносӣ, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, фалсафа ва ғайра алоқамандӣ дорад. Ба он амалан ҳамаи масъалаҳои фаъолияти якҷояи мардҳо ва занҳо дар сохтори ҷамъиятӣ, оила ва ҳаёти шахсӣ дохил мешавад.

Ташаккули таҳқиқоти гендерӣ маънои ба ҳамаи соҳаҳои ҷамъиятшиносӣ ворид намудани масъалаи «занон»-ро дорад. Он дар солҳои 70-уми асри XX зери фишори ҳаракатҳои фаъолонаи занон ба вуҷуд омадааст, ки аз нав дида баромадани нақши занро дар пешрафти башарият, фарҳанг ва таърихи ҷомеа талаб мекарданд. Дар байни онон олимон низ буданд. Маҳз онҳо ба ақидаҳои анъанавии дар доираи илмӣ ҳукмронбуда доир ба мақоми зан муқобилият карданд. Моҳияти ин талабот иборат аз он буд, ки ҳангоми пешниҳоди ҳар гуна назарияи ҷамъиятӣ ба назар гирифтан лозим аст, ки аҳли ҷомеа одамони беҷинс нестанд. Он аз марду зани тарбияи гуногундошта иборат аст, ки ҳар яки онҳо дорои таҷрибаи гуногуни иҷтимоӣ ҳастанд ва ба ҳодисаҳои ҷамъиятӣ назари гуногун доранд.

Тадқиқоти гендерӣ дар марказҳои илмии Ғарб зуд эътироф ёфт ва муассисаҳои илмӣ таълими курсҳои махсуси гендериро қарзи худ мешумурданд. Демократӣ кардани ҳаёти ҷамъиятӣ дар мамлакат ба эҳёи ҳаракатҳои мустақилонаи занон мусоидат мекард. Аз тарафи дигар, дигаргуниҳои иқтисодиву иҷтимоӣ боиси тақвияти номувозинатии гендерӣ - нобаробарии мавқеи иҷтимоӣ ва нақшҳои фарҳангии занону мардон, паст рафтани мақоми зан дар бисёр соҳаҳои ҳаёт гардиданд.

Ҳамин тариқ, таҳлили умумият ва фарқият дар идроки ҳақиқат ва рафтори иҷтимоии мардҳо ва занҳо мавзӯи асосии гендершиносӣ интихоб гардид. «Ин умумият ва фарқият минбаъд на бо хусусиятҳои физиологии мардону занон, балки бо вижагиҳои тарбия ва таълими онҳо бо тасаввуроти дар ҳар тамаддуни мушаххас паҳнгардида дар бораи он ки мардон ва занон чӣ гуна бояд рафтор кунанд, марбут дониста шуд» (3,5).

Мафҳуми «гендер» чиро ифода мекунад? Ҷомеашиноси англис Энтони Гидденс шарҳ медиҳад, ки гендер, қабл аз ҳама, «рафтори пешбинигардидаи иҷтимоие мебошад, ки барои мардону занон мувофиқ дониста шудааст». Анна Кирилина бошад, чунин шарҳ медиҳад, ки «истилоҳи «гендер» на сабаби табиӣ, балки сабаби иҷтимоию фарҳангии тафовутҳои байниҷинсиро бояд таъкид кунад» (4,6-7).

Масъалаи муҳаққиқ аз он иборат буд, ки байни мафҳумҳои «ҷинс» ва «гендер» фарқи аниқ гузорад. Гендер - на тафовути ҷисмонии байни зану мард, балки хусусиятҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ташаккулёфтаи байни мардӣ ва занист, рафтори пешбинигардидаи иҷтимоие мебошад, ки барои мардону занон мувофиқ дониста шудааст.

Ҷинс бошад, дар навбати аввал, тафовутҳои ҷисмонӣ, физиологӣ ва биологии байни марду занро ифода мекунад. Ин хулосаи зоҳиран оддӣ бо душворӣ аз худ карда мешавад. Аз қадим чунин мешумориданд, ки рафтори одатии зану мардро «генҳо» ва «хромосомаҳо» муайян мекунанд, ки онҳо гуногун мебошанд. Яъне, дар занҳо ҳарду ин унсури ҷуфт якхела мебошанд: XX-

хромосомма, аммо аз они мардон бо аломати XY-хромосомма ишора карда мешавад.

Ақидаи аз ҷиҳати биологӣ муқаррар кардани қисмати зану мард тӯли ҳазорсолаҳо ягона ақидаи дуруст ба шумор мерафт. Тарафдорони баробарии гендерӣ исбот мекунанд, ки чун анъана ба «мардона» ва «занона» ҷудо кардани нақшҳо аз рӯйи қобилиятҳои зотию табиӣ натиҷаи муносибатҳои сиёсӣ, равишҳои муайяни иҷтимоикунонӣ, тарбия ва таълим аст.

Ҳамин тариқ, вақте сухан дар бораи тадқиқоти гендерӣ меравад, бояд дар назар дошт, ки ин мафҳум ба ҳамон маънои маъмулии «gender», яъне «ҷинс» ба маънои грамматикӣ ва биологию физиологӣ нест. Дар натиҷаи инкишофи маъноӣ он ба мафҳуми васеи илмӣ табдил ёфтааст, ки ба таври умум доир ба муносибатҳои марду зан дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон, аз ҷумла, сиёсат, иқтисод, ҷомеа, оила ва илму фарҳанг баҳс мекунад.

Яке аз машҳуртарин ҷунбишҳои занон барои ноил шудан ба баробарҳуқуқӣ бо мардон бо номи ҳаракати феминистӣ ёд мешавад, ки чун ҳаракати ҷавобӣ ба падарсолории чандинасра ба миён омада, дар охири асри XIX шакли ҳаракати гендериро гирифт. Истилоҳи «феминизм» аввалин бор аз ҷониби муаллифи романи «Хонуми комелиядор» - А. Дюма - писар истифода шудааст, ки аз калимаи лотинии «фемина» - зан мебошад.

Муаррихону муҳаққикони феминизм ҳамсари президенти Амрико Ҷон Адамс – Эбигай Адамсро, ки соли 1776 дар номаи худ аз шавҳараш беҳтар намудани аҳволи занонро талаб намуда буд, аввалин муборизи роҳи озодии занон мешуморанд. Вале нахустин Манафести феминизм, бе шубҳа, «Эъломияи ҳуқуқи зан ва гражданка» мебошад, ки онро соли 1791 адибаи на ба ҳама маълум – Олимпия де Гуж навиштааст. Дар моддаи якуми Эъломия гуфта шудааст: «Зан таваллуд мешавад ва дар назди қонун озод аст ва бо мардҳо баробарҳуқуқ мебошад». Моддаи шашум ин фикрро идома медиҳад: «Ҳамаи гражданкаҳо ва гражданинҳо барои соҳиб шудан ба тамоми мартабаю мансабҳои ҷамъиятӣ, ба тамоми вазифаҳо бояд ҳуқуқи баробар дошта бошанд ва ғайр аз қобилияту истеъдоди шахсиашон ба ин чизе набояд монеъ шавад». Дар хотима Олимпия де Гуж паямбарона изҳор карда буд: «Агар зан ҳуқуқи ба пойи дор баромадан дошта бошад, пас барои ба минбар баромадан ҳам бояд ҳуқуқ пайдо кунад» (4,19).

Чунин изҳороти беэҳтиётона сари адибаро ба бод дод: ӯро чун одаме, ки ба тартиботи ҷамъиятӣ нафрат дорад, сар аз тан ҷудо карданд, вале ин изҳорот ба ӯ умри ҷовидон бахшид.

Бо вуҷуди ин, масъалаи таъмини баробарҳуқуқии мардону занон то дер ҳал нашуда монд. Гузашта аз ин, дар баъзе кишварҳо қонунҳое ба тасвиб расид, ки ошкоро барои нигоҳ доштани вазъи нобаробари зан нисбат ба мард ва мутеияти ӯ ба мард равона шуда буд. Аз ҷумла, Кодекси граждание, ки Бонапарт Наполеон соли 1804 интишор дод ва он асоси юрисдиксияи буржуазӣ ҳисоб мешуд, тасдиқ намуд, ки занҳо ҳуқуқи шаҳрвандӣ надошта, зери васояти падар ё шавҳари худ қарор доранд. Дар пайравӣ аз ин кодекс тамоми қонунҳои нави буржуазӣ тақсимоти анъанавии нақшҳои марду занро дар ҷомеа қотеона муқаррар намуданд. Ба мардҳо, мисли пештара, олами беруна ва сарварӣ дар хона, ба занҳо бошад, олами хона, тарбияи кӯдак ва тобеият ба шавҳар тааллуқ доштанд. Ин тартибот қуллаи баландтарини падарсолорист. Мард сарвари хона, хӯҷаини комилҳуқуқи зани худ мегардад. Дар ин ҷо вай имкон пайдо мекунад, ки пурра қомат рост намуда, ба шахси ҳукмрон табдил ёбад. Вай малакаи ҳукмрониро аз ҳисоби пахш кардани шахси дигар меомӯзад. Ин «шахси дигар»

зани ӯст, ки аз рӯйи қонун вазифадор аст, ки обрӯйи шавҳарро дар оила баланд бардорад, ба ӯ сари таъзим фуруд орад ва зулми ӯро мутеона таҳаммул намояд.

Танҳо дар нимаи дуюми асри XIX дар Англия ҷунбишҳои занон аз нав вусъат ёфт. Соли 1960 ба парламенти кишвар петитсия (хитобнома), ки ба он 1500 нафар занон бо талаби ҳуқуқҳои пурраи интихоботӣ имзо карда буданд, супурда шуд. Ин талаб беҷавоб монд ва боиси намоишҳои эътирозии занон гардид, ки он ба таърих бо номи «роҳпаймоии суфражистӣ» дохил гардидааст (1,6).

Бо вуҷуди ин, ҳаракатҳои занон доир ба даст овардани ҳуқуқи интихобот охири асри XIX аввалин маротиба дар Зеландияи Нав ва Австралия ба комёбӣ ноил гардид. Таҳти фишори созмонҳои гуногуни занон дар муҳимтарин кишварҳои ҷаҳон солҳои гуногун занон ба ҳуқуқи интихобшавӣ ноил гардиданд:

| № | Номи кишвар | Сол | № | Номи кишвар | Сол |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Зеландияи нав | 1893 | 7 | Голландия | 1919 |
| 2 | Австралия | 1896 | 8 | ИМА | 1920 |
| 3 | Дания | 1915 | 9 | Исландия | 1920 |
| 4 | Россия | 1917 | 10 | Британияи Кабир | 1928 |
| 5 | Австрия | 1918 | 11 | Фаронса | 1944 |
| 6 | Олмон | 1919 | 12 | Италия | 1945 |

Аммо тавре ки баъдтар маълум гардид, ба даст овардани ҳуқуқи шаҳрвандӣ ҳанӯз ними кор будааст. Муҳимтар аз он омӯхтани истифодаи ин ҳуқуқҳо аз ҷониби занон буд. Барои ин, табиист, ки вақт ва саъю кӯшиши беандозаи созмонҳои бонувон лозим гардид. Бинобар ин, дар ибтидо нақш ва саҳми занон дар интихобот ва сиёсати кишварҳо ноаён боқӣ монд. Танҳо дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар заминаи дастгирии давлатии ҳуқуқи занон намояндагони арзандаи онҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва фарҳангӣ кор ва фаъолият мекарданд.

Дар охири солҳои 60-ум ва ибтидои солҳои 70-уми асри XX фаъолияти сиёсии занон дар арсаи байналмилалӣ ба куллӣ тағйир ёфт. Дигаргуниҳои солҳои 80-ум дар фаъолияти занон ҷомеашиносонро маҷбур сохт, ки «инқилоби оромонаи занҳо»-ро чун инқилобе дар асри XX арзёбӣ намоянд. Тавре ки муҳаққикон қайд кардаанд, заминаҳо ва сабабҳои асосии ин дигаргуниҳо чунин буданд:

- *Ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ бештар ҷалб шудани занон;*
- *Ба таври умумӣ баланд шудани ихтисоси меҳнатии онҳо;*
- *Болоравии таҳсилоти занон;*
- *Баррасии аҳамияти фаъолияти меҳнатии зан дар ҷомеа;*
- *Аз зарурати маҷбурӣ ба сарвати махсус табдил додани меҳнати зан.*

Ҳаёти зан ба шарофати меҳнати касбӣ сифатан нав шуд, яъне пурмазмунтар ва эҷодкоронатар гардид.

Ҳаракати нави занон ***неофеминизм*** ном гирифт. Шиорҳои он ба бартараф намудани тасаввуроти анъанавӣ дар бораи он ки вазифаи асосии зан давом додани насл аст, мақсади асосии ҳаёти онҳо иҷрои вазифаҳои наслофарӣ буда, таваллуд кардани фарзанд кори умдатарини онҳост, равона шудааст. Неофеминисткаҳо исрор мекунанд, ки модариро аз категорияи «вазифа» ба категорияи «ҳуқуқ»-и зан гузаронидан лозим аст. Онҳо талаб менамоянд, ки ҳуқуқи зан барои пешгирии ҳамл ва имконияти қатъи он эътироф шавад.

Неофеминисткаҳо ҳамчунин дар бораи «модарии бошуурона» ва «банақшагирии оила» масъала ба миён мегузоранд ва бо овози баланд шиор мепартоянд: «Батни мо ба мо тааллуқ дорад!» «Батни худ», бадани худро соҳиб шудани зан дар ин маврид маънои ба тақдири худ соҳиб шуданро дорад.

Ҳамин тариқ, дар асри ХХ ҳаракати занон хусусияти байналмилалӣ пайдо намуд. Як қатор конфронсҳои байналмилалӣ баргузор гардида, ҳуҷҷатҳои муҳим оид ба вазъу ҳуқуқҳои занон қабул шуданд. Махсусан, чор конфронси умумиҷаҳонӣ, ки аз ҷониби СММ доир ба вазъияти занон тайи солҳои 1975-1995 даъват шуда буданд, нақши басо муҳим бозиданд. Ба шарофати ин конфронсҳо мушкилоти занон дар маркази таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифт. Тадричан бисёр кишварҳои ҷаҳон ин ҳуҷҷатҳоро ба тасвиб расонда, ба ин тариқ ба ҳалли мушкилоти занон дар кишварҳои худ мароқ зоҳир намуданд. Дар баробари ҳимояи манфиатҳои занон мутахассисони соҳаи гендершиносӣ ба мушкилоти мардон низ рӯ оварданд. Муҳаққиқони ҳаракати феминистӣ ба хулосае омаданд, ки масъалаҳои занонро дар танҳоӣ, бе дарку фаҳмиш ва иштироки фаъолонаи мардон ҳал кардан имконнопазир аст. Ҳамин тариқ, феминизм дар арсаи байналмилалӣ ба ҳаракати гендерӣ табдил ёфта, дар олами мутамаддин вусъати бештаре пайдо кард ва дар айни замон ҷузъи таркибии сиёсати дохилии бисёр кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла, Тоҷикистон мебошад.

Бояд ёдовар шуд, ки таҳқиқоти гендерӣ аслан идомаи мантиқии ҳаракат ва пажӯҳишҳои феминистӣ буда, дар заминаи он ба вуҷуд омадааст. Аммо мафҳумҳом феминизм ва гендершиносиро як шуморидан дуруст нест, зеро гендер илмест, ки на танҳо соҳаҳои ҳаёт ва инкишофи занонро, балки мардонро низ дар якҷоягӣ бо тамоми масъалаҳои иҷтимоӣ аз нигоҳи илмҳои соҳаҳои мухталиф мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Мақсади асосии истифодаи муносибатҳои нав ба таълим ва тадрис инкишоф додани тафаккури интиқодии шогирдон ва баланд бардоштани маърифатнокии онҳо мебошад. Пеш аз он ки дар бораи технологияи муосири педагогӣ сухан ронем, мо бояд мафҳуми «технология», «технологияи педагогӣ», «технологияи таълим»-ро шарҳ диҳем. Маънои мафҳуми «технология», «санъат», «маҳорат», яъне «илм дар бораи санъат, маҳорат» мебошад, ки он шаклҳои нави таълиму омӯзиш ва истифодаи технологияҳои нави педагогиро талаб мекунад.

Технологияҳои нави педагогӣ тақозо менамояд, ки дар ҷараёни таълим на танҳо муаллим, балки хонанда низ фаъол бошад, дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда бо роҳбарии омӯзгор ҳисса гузорад, ҷараёни ҳалли масъалаи гузошташударо назорат карда тавонад ва натиҷаи онро арзёбӣ намояд. Бо ин васила донишу малакаи худро такмил диҳад ва маҳорат пайдо кунад. Яъне, фаъолияти хонанда дар ҷараёни таълим ҷои асосиро ишғол мекунад.

Технологияи таълим аз методи таълим фарқ мекунад. Дар китобҳои дарсии педагогика муаллифон методҳои таълимро чунин таъриф додаанд:

С. П. Баранов: «Методи таълим роҳи идроки назариявӣ, фаъолияти амалии муаллим ва талабагон аст, ки ба иҷрои вазифаҳои таҳсил нигардонида шудааст».

А. К. Громсева: «Методҳои таълим - ин тарзҳои фаъолияти якҷояи муаллиму талабагон мебошанд, ки барои ҳалли вазифаҳои таълим равона карда шудаанд».

Дар зери мафҳуми “методҳои таълим” роҳ, тарз ва воситаҳои самарабахши фаъолияти омӯзгору хонандагон нисбати инкишофи қобилияти фардии хонандагон ва дар онҳо ҳосил кунонидани дониш, малака ва маҳорат фаҳмида мешавад. Дар методи таълим омӯзгор мақсадҳои таълимро тавассути фаъолияти

худ пешниҳод менамояд, яъне мақсади вай «омӯзонидани хонандагон» ва ё «омӯхтани мавод» мебошад.

Мафҳуми “методҳои таълим” аз “усулҳои таълим” фарқ дорад. Усулҳои таълим дар дохили методи таълим фаъолият мекунад. Усулҳои таълим амалиётҳои алоҳидаи тафаккур, лаҳзаҳои таркибии раванди азхудкунии донишҳо, ташаккул додани маҳорату малакаҳоро дар худ инъикос менамояд. Ҳарчанд усул вазифаи мустақили таълимӣ надорад, вале барои амалӣ намудани мақсади таълим кӯмак мерасонад. Масалан, методи кор бо матни бадеӣ, ки асосан вазифаи ташаккул додани маҳорату малакаҳоро дорад, чунин усулҳоро дар бар мегирад: усули кори муаллим бо матн, дар асоси ин усули муаллим мустақилона кор кардани шогирдон бо матн, ба хонандагони фаъол додани супоришҳои иловагӣ (масалан, кор бо луғат), муносибати фардии муаллим бо хонандагони сустхон, натиҷагирӣ аз мазмуну мундариҷаи матн ва ғайра. Ҳамин тариқ, як метод метавонад якчанд усулро дар бар гирад.

Технологияи педагогӣ бошад, бо як тартиби муайян мақсади гузошташударо ташхис мекунад ва натиҷаи мушаххас ба даст меорад. Яъне маводи таълимӣ аз тарафи омӯзгор коркард мешавад, технологияи истифодабарии онро пешбинӣ менамояд, ки инро кори эҷодии омӯзгор гуфта метавонем. Яъне, технологияи педагогӣ ин усули системаноки таҳия, истифода ва муайян намудани тамоми раванди таълим ва азхудкунии донишҳо мебошад, ки ба мақсади самаранок гардонидани шаклҳои таҳсил равона карда шудааст.

Технологияи муосири педагогӣ ин ҳамкории муаллиму шогирд дар дарс, истифодаи методҳои гуногуни муосир дар таълим, истифодаи самараноки технологияи муосир дар дарс, истифодаи маводи интернет ва ғайра мебошад.

Дар сарчашмаҳо дар бораи мафҳуми технологияи педагогӣ маълумотҳои гуногун дода шудааст. Масалан, В. П. Беспалко технологияи педагогиро техникаи мундариҷавии татбиқи раванди таълим номидааст. И. П. Волков технологияи педагогиро тасвири раванди ноил гаштан ба натиҷаҳои чашмдошти таълим ва В. М. Шепел бошад, технологияро санъат, маҳорат, қобилият, маҷмӯи методҳои коркард ва тағйири ҳолат меномад. Технологияи педагогӣ ин усули системаноки таҳия, истифода ва муайян намудани тамоми раванди таълим ва азхудкунии донишҳо бо назардошти захираҳои техникиву инсонӣ, ки ба мақсади самаранок гардонидани шаклҳои таҳсилот алоқаманд карда мешаванд, мебошад.

Дар таълими анъанавӣ ба шогирдон донишҳои асоси илмидошта омӯзонида мешуд. Яъне, хотираи онҳо бо маълумотҳои асосноккардашуда, ахбор, далелҳо ва мафҳумҳои гуногун пур карда мешуд. Сатҳи дониши воқеии онҳо хеле баланд буд. Дар олимпиадаҳои ҷаҳонӣ ширкат варзида, дониши хуби воқеъӣ нишон медоданд. Онҳо дар ҳалли саволу супоришҳои донишу малакаҳои фаннӣ хеле муваффақ мегардиданд. Аммо дар ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ, шарҳу таҳлили маълумот, хулосабарорӣ ва муҳокимаи натиҷаҳои ин ё он тағйирот душворӣ мекашиданд.

Дар замони муосир сифати таҳсилот ҳамчун сатҳи малакаҳои мушаххаси умумитаълимӣ, ки ба худмуайянкунӣ ва худфаъолиятии шахс вобаста аст, фаҳмида мешавад. Дар ин ҳолат дониш на “барои захира”, балки барои фаъолияти минбаъда дар вазъиятҳои гуногуни ҳаётӣ бояд аз худ карда шавад.

Ҳамин тариқ, бояд муносибатро нисбат ба таълим тағйир диҳем ва аз азхудкунии маълумот, яъне натиҷа – дониш ба ташаккули натиҷа – қобилият гузарем. Яъне муносибати худро нисбат ба раванди таълим ва тарзи фаъолияти хонандагон дигаргун созем. Барои ба ин амал ноил гардидан зарурати татбиқи

технолонияи таълими **фаъол** (бисёркоркунанда, коркун, пуркор) ва **фаъолият (**кӯшиш, серҳаракатӣ ва ҷиддият дар иҷрои коре, ғайрат ва ҷидду ҷаҳд дар кор) ба миён меояд.

**Технологияи таълими фаъол** – тарзи ташкили раванди таълимест, ки маҳаки асосии онро фаъолияти ҳаматарафа, фаъолгардонӣ ва иҷрои мустақилонаи амалҳои маърифатии хонанда ташкил медиҳад.

Хусусияти асосии технологияи таълими фаъол дар он аст, ки хонандагон ба таври мустақилона донишҳои навро тавассути фаъолияти таҳқиқотӣ «кашф» мекунанд. Ин имконият медиҳад, ки дониш ва малакаҳои таълимӣ барои хонандагон аҳамияти шахсӣ пайдо кунад.

Технологияи таълими фаъол воситаи универсалӣ буда, ба омӯзгор имконият медиҳад, ки дарсҳоро мувофиқи талаботи стандарти муосири таълим ба роҳ монад. Яке аз талаботи технологияи таълими фаъол кор дар гурӯҳҳо мебошад. Ташкил намудани кор дар гуруҳҳо имкон медиҳад, ки ҷараёни таълим ба таври самаранок ташкил карда шавад. Яке аз навъи кори гурӯҳӣ ин кори дунафарӣ мебошад. Дар лаҳзаи мустаҳкамкунии мавзӯи нав, масалан, аз хонанда хоҳиш карда мешавад, ки барои ҳамнишасташ барои мустаҳкамкунии мавзӯи нав супорише омода намояд. Хонандагони дигар ба ҷавоб ва тарзи иҷрои супориш диққат медиҳанд. Дар ҳолати ҷавоб ё иҷрои супориш нодуруст будан, ба дигар хонандагон имконият дода мешавад, ки супоришро иҷро кунанд. Барои иҷрои чунин вазифа вақти мушаххас дода мешавад, масалан, панҷ дақиқа омӯзгор ҷавоби хонандагонро интихобан гӯш мекунад ва натиҷаи корашонро арзёбӣ мекунад. Дар ин марҳала асосан арзёбии ташаккулдиҳанда истифода мешавад. Вазифаи омӯзгор ва хонандагон муайян кардани ғалатҳо ва роҳҳои ислоҳи онҳо мебошад. Яке аз хусусиятҳои хуби кори дунафарӣ дар як вақт машғул шудани тамоми синф аст: хонандагон масъаларо муҳокима мекунанд, ғалатҳоро муайян ва ислоҳ мекунанд ва ба ин васила донишҳои худро мустаҳкам менамоянд.

Дар усули анъанавӣ бошад, аксари хонандагон вақти зиёди дарсро ба мушоҳидаи фаъолияти дигарон сарф мекунанд. Аз ҷумла, нақли омӯзгор, ҷавоби ҳамсинфашонро гӯш мекунанд, кори хонандаи алоҳидаро дар тахтаи синф мушоҳида мекунанд ва ғайра.

Ҳамин тариқ, кори дунафарӣ ё гурӯҳӣ ба шогирдон имкон медиҳад, ки бо шарикони худ сӯҳбат кунанд, мавод ва мафҳумҳои азхудкардаашонро гӯянд, малакаи дарккунии худро такмил диҳанд.

Хулоса, дар амал татбиқ намудани технологияи таълими фаъол дар раванди таълим барои ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас мусоидат мекунад. Яъне, хонандагон малакаҳои асосии умумитаълимро аз худ мекунанд. Истифодаи технологияи мазкур имконият медиҳад, ки раванди таълим мақсаднок ва босамар ба роҳ монда шавад. Чунки вазифаи омӯзгор “додани” дониш набуда, балки бедор кардани шавқи хонанда ба таълим, кушодани имкониятҳо ва ташкил кардани фаъолияти маърифативу эҷодии ҳар як хонанда мебошад.

**Адабиёт:**

1. Ашӯрова, Б., Ҷабборова М. Усули ташкил ва гузаронидани бозиҳои грамматикӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ [Матн] // Маорифи Тоҷикистон.- 2016.- №5.- 13-19.

2. Восиев, Қ. Дарси мунозиравии адабиёт [Матн]. - Душанбе: Маориф, 1992

3. Гадоев, К.Х., Дилафрӯзи Н. Методҳои ташкил ва гузаронидани корҳои мустақилонаи донишҷӯён аз фанни забони англисӣ дар ихтисосҳои ғайризабонӣ [Матн] // Паёми донишкадаи забонҳо.- 2016.- №1(21).-

4. Дастури таълимии «Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол» [Матн].- Душанбе, 2007.- 78 с.

5. Лутфуллоев, М. Дарс [Матн]. – Душанбе, 1995.- 56 с.

6. Сангинов, Н. Татбики низоми кредитии таҳсилот бо дар назардошти хусусиятҳои миллӣ [Матн] // Масъалаҳои маориф.- 2008.- №5.- 8-13.

7. Султонҳайдаров, Н.Х. Методика использования интерактивной доске в учебном процессе вуза [Текст] //Паёми донишкадаи забонҳо.- 2016.- №1(21).- С. 17-22.

8. Сафиаллоева Л.С., Бердов Д.Б. Игры на уроке немецкого языка в процессе начальной этапа обучения [Матн]// Паёми донишкадаи забонҳо.- 2016.- №1(21) .- С. 14-21.

9. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 [Матн]. - Душанбе, 2012.

10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ [Матн]. Ҷилди I. - Душанбе. 2008.- 360 с.

11. Хуторской, А. В. Современная дидактика: Учеб. пособие [Текст] /А. В. Хуторской. – М. :Высшая школа, 2007.- 103 с.

12. Шобеков М. Рушди фаъолияти илмӣ-методӣ дар шароити таълими кредитӣ [Матн] // Масъалаҳои маориф.- 2009.- №5-6.- С. 17-23.

## ОБУЧЕНИЕ РУССКОМУ ЯЗЫКУ В УСЛОВИЯХ БИЛИНГВИЗМА

***Игамбердиева Сайёра Негматуллаевна*** *- ассистент кафедры русского языка и литературы Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода, 734019, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел.: 919227944.*

***Рахмонова Махина Эмомовна*** *- студентка 4-го курса Таджикского государственного педагогического университета имени Садридина Айни, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121, тел.: 938575754.*

В данной статье рассмотрены вопросы изучения билингвизма в сфере общения, раскрыты исторические предпосылки возникновения билингвизма и политлингвизма в России, а также основы их развития.

***Ключевые слова:*** *билингвизм, полилингвизм, полиглот, координационный и субординационный билингвизм, корректные соответствия, интерференция, монолингвы.*

## ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ РУСӢ ДАР ШАРОИТИ БИЛИНГВИСТӢ

***Игамбердиева Сайёра Негматуллаевна*** *- ассистенти кафедраи забон ва адабиёти руси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6, тел.: 919227944.*

***Рахмонова Махина Эмомовна*** *– донишҷӯйи курси 4-уми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121, тел.: 938575754.*

Дар мақола масъалаҳои марбут ба таълим дар шароити билингвистӣ (дузабонӣ), заминаҳои таърихии пайдоиши билингвизм дар Россия ва сабабҳои пайдоиши билингвизм ва полилигвизм мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

***Калидвожаҳо:*** *билингвизм, полилингвизм, полиглот, билингвизми мутобиқатӣ ва мартабатӣ, мутобиқатҳои дуруст, таъсирпазирии забонӣ, якзабонӣ.*

## TEACHING OF RUSSIAN LANGUAGE IN BILINGUAL CONDITION

***Igamberdieva Sayyora Negmatullaevna*** *- assistant of chair of Russian language of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., phone: 919227944.*

***Rahmonov Mahina Emomovna*** *- the student of 4th course of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni, Dushanbe, 121 Rudaki, phone: 938575754.*

The article examines the issues of studying bilingualism in the sphere of communication, the historical preconditions for the emergence of bilingualism in Russia are revealed, the reasons for the emergence of bilingualism and polyilinguism.

***Keywords****: bilingualism, polyilinguism, polyglot, coordination and subordination bilingualism, correct matches, interference, monolingian.*

Проблемы билингвизма выходят далеко за рамки теории речевой деятельности: это сравнительная типология языков, проблемы происхождения разных языков, их развития, языковые универсалии и многое другое.

До сих пор предметом рассмотрения была родная речь, язык родителей, точнее — язык окружающей среды. Но по мере развития международных контактов все большее количество людей во всех странах мира не ограничиваются родным языком, они читают, разговаривают, слушают радиопередачи, пишут хотя бы в малой степени на втором, третьем. Так начинается билингвизм (все чаше употребляются слова полилингвизм и даже мультилингвизм). Людей, владеющих многими языками, называют полиглотами; некоторые из них знают по нескольку десятков языков. Интересно как же языки не смешиваются в их памяти.

Напомним, что фонетический код ближе всех остальных к коду внутренней речи. Его влияние на иноязычную фонетику преодолевается особенно трудно. Возможно, у полиглотов интерференция слабее проявляет себя, системы разных языков менее влияют на новые языки.

Об интерференции подробнее будет сказано далее в аспекте проблем обучения неродным языкам.

Кого же можно считать билингвом? Можно встретить и такое, наименее строгое определение: билингвом считается тот, кто может на втором языке совершить коммуникативный акт, добиться взаимного понимания. По такому критерию билингвом можно считать очень многих, хотя бы на основании школьного изучения английского, немецкого, французского.

По самому строгому критерию, билингвом считается тот человек, который с одинаковой легкостью говорит и мыслит как на родном, так и на втором языке. Согласно этому критерию человек, который в процессе речи вынужден мысленно формировать предстояшее высказывание на родном языке (хотя бы частично) и тут же переводить на второй язык, не может считаться билингвом.

Только полный набор «шагов» речевого акта на втором языке — речевая интенция, подготовка содержания, выбор слов, грамматическое маркирование, кодовый переход на акустическую или графическую формы речи — дает право называться билингвом. Такому строгому критерию отвечают сравнительно немногие: из числа представителей народов, России получившие образование на русском языке, татары, якуты, евреи, немцы, осетины и многие другие; старшее поколение русской диаспоры во Франции, США, немало русских в странах ближнего зарубежья.

По определению Е.М. Верещагина [1] человек, способный употреблять в ситуациях общения две различные языковые системы, — билингв, а совокупность соответствующих умений-билингвизм. Человек, способный пользоваться только одной языковой системой, только родным языком, может быть назван монолингвом.

В России, в среде образованного дворянства со второй половины XVIII в. распространился французский как язык дипломатии, культурного, даже бытового общения. Изучался также немецкий язык: он использовался в науке, военном деле, в технике, итальянский — в музыке; английский, ставший в конце XX в. наиболее притягательным из всех иностранных языков не только в России, но и в большинстве развитых стран, теперь занимает первое место в мире по количеству литературы, изданной на нем, особенно научной.

В теории билингвизма рассматриваются причины возникновения би- и полилингвизма, т.е. социальные его источники. Так, в Москве проживают, кроме

русских, армяне, евреи, татары, украинцы, грузины, немцы и др. Все они билингвы, если, конечно, не забыли своего родного языка. Наблюдается также повышенный процент билингвов на сопредельных территориях, вблизи границ: испано-французской, польско-литовской и пр.
Знание языков обогащает человека духовно, развивает его интеллект, раскрывает перед ним возможности образования, позволяет читать в подлиннике иностранную литературу, научные труды, ездить по миру, без переводчика общаться с людьми.

За последние два столетия сложилась теория и методика обучения неродным языкам, подготовлены и научные силы, и практические преподаватели. Проблематика названной науки: сравнительное, сопоставительное изучение преподаваемого и родного языков в областях фонологии, грамматики, лексики и словообразования и пр.; исследование интерференции родного языка при изучении иностранного и поиск путей преодоления интерференции; описание изучаемого языка в учебных целях и отбор теоретического и практического материала для изучения, включения в учебники и пр.; обоснование методов изучения неродных языков, их проверка, сравнительное изучение эффективности того или иного метода; разработка практических методик и так называемых технологий обучения; исследование психолингвистических основ усвоения второго, третьего языков, исследование механизмов их взаимодействия, в частности перевода с языка на другой язык; исследование путей формирования, так называемого раннего детского билингвизма.

В России проблемами преподавания иностранных языков и русского языка как иностранного занимаются А.А. Миролюбов, И.Л. Бим, В.Г. Костомаров, О.Д. Митрофанова, В.Г. Гак, А.А. Леонтьев, Е.И. Пассов и многие другие.

Дальнейшее обсуждение проблемы требует типологии билингвизма. Различают следующие типы билингвизма: координационный и субординационный билингвизм, то есть — полный или неполный.

Первый предполагает координацию родного и неродного языков; при втором типе речь на неродном языке подчинена родному языку.

Субординационный так называется потому, что говорящий мыслит и проходит подготовительные ступени речи на родном языке, а переход на акустический или графический код у него осложняется переводом лексики и грамматики с родного языка на иностранный. При этом он не всегда удачно находит во втором языке корректные соответствия; могут резко усилиться интерференционные явления не только в фонетике, но и в лексике, синтаксисе.

При координационном типе билингвизма все подготовительные, внутренние, мысленные операции протекают на втором языке; в затруднительных случаях добавляется функция самоконтроля говорящего или пишущего, но при полном знании второго языка контрольная функция отпадает.

Искусственный билингвизм формируется в процессе обучения. Не следует забывать, однако, что в процесс обучения, в соответствии с методиками обучения, вводятся ситуации, имитирующие естественную жизнь: это различного рода ролевые игры, театрализованные занятия, «полное погружение» в атмосферу изучаемого языка, исключающее перевод с родного. Методы, ограничивающие перевод и даже полностью исключающие его, постепенно развивают внутреннюю речь на изучаемом языке.

В последние десятилетия стали использоваться интенсивные методы изучения, исключающие всякие отвлекающие факторы, раскрывающие скрытые

резервы сознания и бессознательного. Такова суггестопедия, использующая силу внушения (в России эту методику описала Г.И. Китайгородская).

По близости, по родству языков различают близкородственный и неблизкородственный типы билингвизма. На первый взгляд, первый тип проще: трудно ли русскому заговорить по-польски, по-болгарски, ведь языки так близки!?

Но эта легкость действительно имеет место лишь на ранних ступенях усвоения второго языка, а в дальнейшем, на продвинутых этапах обучения, начинаются трудности: различия между языками оказываются едва уловимыми и почти непреодолимыми. Крайне трудно избавиться от акцента в произношении, не допустить ошибки в сочетаемости слов, перейти с разноместного русского ударения, например на польскую систему ударения на предпоследнем слоге, не ошибиться в интонации, в паралингвистических средствах (например, русские кивают головой вверх-вниз в знак согласия, а болгары покачивают из стороны в сторону).

Обратимся, наконец, к труднейшему вопросу — к физиологическим основам билингвизма, к гипотезам и спорам в этой области.

В сущности, все этапы порождения высказывания: и речевая интенция, и определение плана содержания, и языковое структурирование, и механизм кодовых переходов, и ступени восприятия высказывания — универсальны для всех языков, которыми владеет индивид (при координационном типе билингвизма). Различны лишь те блоки речевого действия, в которых формируются ассоциации, и складывается само высказывание. Логично предположить, что каждый из языков, которыми владеет билингв, должен иметь собственную базу. При полном, координационном билингвизме, при так называемом «полном погружении» в неродной язык эти две базы должны работать независимо друг от друга; лишь при волевом усилии говорящего происходит взаимодействие систем и говоряший может перейти на другой язык. Известны случаи, когда ученый полиглот, начав свою речь, скажем, по-французски, вскоре с легкостью переходит на латынь, затем — вновь на французский... Или на английский. Следовательно, даже полное погружение во второй язык не бесконтрольно, оно управляемо.

При координационном билингвизме органы порождения речи выполняют дополнительное действие, которого нет в процессе родной речи: это перевод с языка на язык, поиск слов второго языка для перевода. По-видимому, физиологическая основа би- и полилингвизма так же сложна и избыточна, как сложен и обеспечен резервами весь мир речи и языка у человека.

Но возникали и сомнения: не мешает ли второй язык первому, родному?

К этой дискуссионной проблеме в 1928 г. обратился крупнейший авторитет в вопросах психологии речи — Л.С. Выготский. В статье «К вопросу о многоязычии в детском возрасте» [2, 329] он вступил в полемику с Эпштейном, проводившим в 1915 г. в Швейцарии исследование раннего детского билингвизма. Эпштейн утверждал, что между языковыми системами, из которых каждая связана с мыслью ассоциативными связями, возникает антагонизм, который в итоге приводит к обеднению родного языка и даже к общей умственной отсталости.

Л.С. Выготский, опираясь на собственные исследования, а также на публикации французского лингвиста Ронжа, утверждает обратное: по его мнению, взаимодействие различных языковых систем не только не ведет к торможению психического развития, но и способствует именно развитию [2, 331].

Особенно высоко Л.С. Выготский ценит тот факт, что две или даже три языковые системы развиваются независимо одна от другой, т.е. перевод не требуется. Добавим к этому, что в затруднительных случаях ребенок, как и взрослый, может обратиться к родному языку.

Сколько же языков может вместить мозг человека? Согласно Книге рекордов Гиннеса — 70. Трудно представить себе такое количество языковых систем, независимых одна от другой, в блоках речевой системы человека. Поистине неисчерпаемы резервы нашей психики. Что же касается десяти языков, то таких полиглотов в России, по-видимому, насчитываются сотни и тысячи.

**Литература:**


1. Верещагин, Е.М. Психологические и методические характеристики двуязычия (билингвизма) [Текст]. - М., 1969.- 230 с.
2. Выготский, Л.С.. К вопросу о многоязычии в детском возрасте [Текст]. Собр. соч.: В 6 т. — М., 1983. — Т. 3. — С. 329
3. Выготский Л.С. Собр. соч. в 6 т. — Т. 3. [Текст]. — М., 1983. — С. 331
4. Львов, М.Р., Основы теории речи: Учеб.пособие [Текст]. — М.: Академия, 2000. - 248 с.
5. Бодуэн де Куртене, И.А. Вспомогательный международный язык [Текст] // Бодуэн де Куртенэ И.А. Языковедение и языковые исследования, замечания, программа лекций [Текст]. – М.: УРСС, 2010.– С. 157–173.
6. Вайнрайх, У.Одноязычие и многоязычие [Текст] // Новое в лингвистике.– Вып. 6: Языковые контакты.– М.: иностранная литература, 1972.– С. 25–61.
7. Верещагин, Е.М. Психологическая и методическая характеристика типологии двуязычия (билингвизма) [Текст].– М.: МГУ, 1969. -136 с.
8. Гавранек, Б.К проблематике смешения языков [Текст] // Новое в лингвистике. Вып. 6: Языковые контакты. - М.: Изд-во иностранной литературы, 1972.- С. 91–112.
9. Залевская, А.А. Вопросы теории овладения вторым языком в психолингвистическом аспекте [Текст].– Тверь: ТВГУ, 1996.- 89 с.
10. Мартине, А. Распространение языка и структурная лингвистика [Текст] // Новое в лингвистике.– Вып. 6: Языковые контакты [Текст] .– М.: Иностранная литература, 1972.– С. 81–93.

## ТАЪЛИМИ ИННОВАТСИОНИИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

***Ҷонов Сафарбек*** *- унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ, 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 45, тел.: (+992) 985 07 24 46, E-mail: Jsrkh1990@mail.ru,*

Дар мақола яке аз масъалаҳои мушкилтарини методикаи таълими забони хориҷӣ - рукнҳои фаъолияти муоширатӣ, яъне шунида фаҳмидан мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ба андешаи муаллиф малакаи шунида фаҳмидан дар тақвияти дигар воситаҳои омӯзишии забони хориҷӣ ва хусусан дар ёдгирии он нақши асосӣ мебозад. Аз ҳамин нуқтаи назар, таълими тафаҳҳум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд дар ҳамбастагӣ бо дигар усулҳои самаранок дар мадди аввал гузошта шавад.

***Калидвожаҳо:*** *шунида фаҳмидан, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, фаъолияти муоширатӣ, усули инноватсионӣ, забони хориҷӣ, хонандагон.*

## ИННОВАЦИОННОЕ ОБУЧЕНИЕ ИНОСТРАННОМУ ЯЗЫКУ В СРЕДНИХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ

***Джонов Сафарбек*** *– соискатель Научно-исследовательского института развития образования имени А. Джами АОТ, 734024, г. Душанбе, ул. Айни 45, тел.: (+992) 985 07 24 46, E-mail: Jsrkh1990@mail.ru,*

В статье исследуется один из сложных методов преподавания и обучения речевого общения - аудирование. Автор рассматривает умения аудирования при изучении иностранного языка, усиливает другие формы обучения иностранного языка, что играет в этом главную роль. Поэтому аудирование в процессе обучения иностранному языку в средних общеобразовательных учебных заведениях наряду с другими эффективными методами должно быть основополагающим методом.

***Ключевые слова:*** *аудирование, средние общеобразовательные учебные заведения, речевое общение, инновационный метод, иностранный язык, учащиеся.*

## INNOVATIVE TEACHING OF FOREIGN LANGUAGE IN SECONDARY SCHOOLS

***Jonov Safarbek*** *– post-graduate of the Research institute of educational development named after A. Jomi, 734024, Dushanbe, 45 Ayni str., phone: (+992) 985 07 24 46, E-mail: Jsrkh1990@mail.ru,*

You can come to the conclusion that the listening training is a fundamental and labor practices in teaching speech communication. Listening skills when learning a foreign language increases other forms of learning a foreign language and that this plays a major role. Listening therefore in the process of learning a foreign language in secondary schools should be at the heart of this training together with other effective methods.

***Keywords:*** *listening, secondary schools, speech communication, innovative methods, foreign language, pupils.*

Ба тасвиб расидани «Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ барои солҳои 2015-2020» мутахассисони соҳаро водор месозад, ки нисбат ба истифодаи тарзу усулҳои муосири омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ ҳарчи бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоянд. Дар сатҳи сифатан ва самаранок ба роҳ мондани таълими забони хориҷӣ дар мактаби миёна вобастагӣ аз усули санҷидашуда ва замонавӣ буда, барои пешрафт ва густариши забони хориҷӣ мусоидат мекунад.

Олимон ва мутахассисони соҳаи методология чаҳор маҳоратро дар омӯхтани забони хориҷӣ муҳим арзёбӣ кардаанд, ки онҳо дар тамоми сарчашмаҳои методӣ чунин тартибгузорӣ шудаанд:

1. Маҳорати тафаҳҳум ё шунида фаҳмидан (Listening)
2. Маҳорати сухан кардан (Speaking)
3. Маҳорати хондан (Reading)
4. Маҳорати навиштан (Writing)

Ин маҳоратҳо тамоми ҷанбаҳои омӯзишӣ ва таълимии забони хориҷиро фаро мегиранд ва ҳар яки инҳо дар омӯзиши забони хориҷӣ ҷойгоҳи худро доранд. Дар ин мақола манзури асосӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додани маҳорати тафаҳҳум ё шунида фаҳмидан мебошад, ки аз рӯзи аввали забономӯзӣ дар тамоми зинаҳои таълим чашмрас аст.

Тафаҳҳум мисли дигар амалиётҳои фикрӣ яке аз рукнҳои фаъолияти муоширатӣ маҳсуб мешавад. Муошират бе малакаи тафаҳҳум имконнопазир аст [2,149]. Аз ҳамин лиҳоз, маҳорати тафаҳҳум зарур шумурда шуда, барои густариши дигар маҳоратҳо пояи асосӣ ба ҳисоб меравад. Оид ба ин масъала З. А. Кочкина менависад, ки азбаркунии забони хориҷӣ ва такомули малакаи ҳарфзанӣ тавассути амалиёти тафаҳҳум таъмин карда мешавад [1,48]. Методисти дигар Г. В. Рогова атрофи ин масъала чунин овардааст, ки маҳорати тафаҳҳум дар ҳамбастагӣ бо маҳорати сухан кардан ба шахс имкон медиҳад, ки бо забони хориҷӣ муошират кунад [3,104]. Аз фикру мулоҳизаҳои коршиносони соҳа оид ба маҳорати тафаҳҳум бармеояд, ки шахс ҳангоми омӯхтани забони хориҷӣ мисли кӯдакест, ки ба забони модарии худ суханвар мегардад.

Татбиқи маҳорати шунида фаҳмидан дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ меъёри шунавоии худро дорад, яъне ба хонандагон аз рӯи синну сол мавзӯъҳои мувофиқ шунавонида мешаванд. Тибқи талаботи барномаи таълими забони англисӣ хонанда бояд нутқеро, ки 2% вожаҳои ношинос дошта, бо суръати миёна садо медиҳад, шунида фаҳмад. Аммо дар китобҳои дарсии забони хориҷӣ, ки аз рӯи он фанни забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ татбиқ карда мешавад, мутаассифона, машғулиятҳои шунидорӣ ба инобат гирифта нашудаанд, ҳарчанд ин аз лиҳози таълими инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ малакаи шунида фаҳмидани нутқ ҳам мақсад ва ҳам воситаи азбаркунии забони хориҷӣ мебошад.

Дар адабиёти илмӣ - методӣ зикр шудааст, ки тафаҳҳум дар ҷараёни таълими забони англисӣ чун воситаи азхудкунии маводи фонетикӣ, лексикӣ, грамматикӣ ва билохир инкишофи малакаи нутқи шифоҳӣ васеъ истифода мешавад [2,158]. Аз рӯи сарчашмаҳои методӣ анҷоми фаъолиятҳои зерин дар робита бо китоби дарсӣ метавонад ба инкишофи маҳорати шунидорӣ кӯмак кунад:

1. Шунидан ва такрор кардан (listen and repeat)

2. Шунидан ва ишора кардан ё шунидан ва мувофиқ кардан (listen and point or listen and match)

3. Шунидан ва хондан (listen and read)

4. Шунидан ва анҷом додан (listen and do)

Ба андешаи ин ҷониб инҳо машғулиятҳое мебошанд, ки омӯзгор метавонад дар тамоми дарсҳо иҷрои онҳоро ба роҳ монад. Зеро барои таҳвияти маҳорати тафаҳҳум иҷрои машқҳои пайдарпай лозим аст.

Дар таълими инноватсионӣ ғайр аз машқҳое, ки дар китоби дарсӣ мавҷуданд, дигар воситаҳо низ ҳастанд, ки дар мустаҳкамкунии маҳорати шунидорӣ ёрии калон мерасонанд. Ба ин гурӯҳ метавон синфхонаҳои лингафонӣ, тамошои шабакаҳои телевизонӣ, тамошои филмҳо, шунидани ахбор, радио, нутқи муаллим ва хонандагон, барномаҳои таълимии электронӣ тавассути компютер ва шунидани нутқи аслии соҳибзабононро метавон дохил кард.

Чуноне ки зикр намудем, татбиқи маҳорати шунида фаҳмидан аз давраи аввали таълим оғоз шуда, якчанд марҳилаҳоро тай фаро мегирад. Профессор Г. В. Рогова се марҳилаи ташаккули малакаи шунида фаҳмиданро нишон додааст:

1. Марҳилаи ташаккули малакаи шунида фаҳмидан.
2. Малакаи мустаҳкамкунии малакаи шунида фаҳмидан.
3. Марҳилаи такомулӣ малакаи шунида фаҳмидан [3,188].

Дар марҳилаи аввал омӯзгор хонандагонеро, ки дар соли якум ва дуюми таҳсил қарор доранд, бештар ба иҷрои машқҳои сохторӣ бо мақсади дуруст дарк кардани овозҳо ва маънои калимаҳо, ибораҳо, шаклҳои грамматикӣ, инчунин фарқ карда тавонистани вазифаи морфемаҳо ва маънои вожаҳои омонимию синонимӣ ва ғайраҳо ҷалб менамояд [2,153 ].

Дар марҳилаи дуюм ва сеюм таълими забони хориҷӣ малакаи шунида фаҳмидан тавассути машқҳои маъноӣ ва коммуникативӣ сайқал дода мешавад.

Ба ҳамин тартиб омӯзгор малакаи тафаҳҳуми хонандагонро густариш дода, зина ба зина маҳорати шунида фаҳмидани хонандагон ташаккул дода мешавад. Ҳамчунин дар дигар синфҳои баъдӣ ба хонандагон чизҳои мураккабтар шунавонида мешавад ва дар натиҷа истеъдоди шунида фаҳмидани хонандагон вусъат меёбад.

Дар малакаи шунида фаҳмидани хонандагон мушкилиҳо ба назар мерасанд, ки боиси нофаҳмии лаҳни забони хориҷӣ мегардад. Ин мушкилот гуногунанд, масалан, дар методикаи забони англисӣ чунин душвориҳои лингвистӣ оварда шудааст: а) мушкилоти фонетикӣ, б) мушкилоти лексикӣ, в) мушкилоти грамматикӣ, г) мушкилоти услубӣ [2,151].

Чуноне ки дар муҳити забономӯзии хонандагон мушоҳида мекунем, омилҳои дигар низ ҳастанд, ки дар маҳорати тафаҳҳум душвориҳо ба бор меоранд. Масалан, ҳангоми шунидани нутқи англисзабонон маълум мегардад, ки онҳо дар байни калимаҳо ва ҷумлаҳо аз шеваҳои umhmmuh истифода мекунанд ва ё калимоте ҳамчун that дар ҷумлаҳо ҳазф мекунанд. Ё ин ки ҳангоми шунидани матни англисӣ аз берун ягон садои ғайр ворид мешавад. Ҳамчунин дер омадани хонанда ба дарс.

Дар навбати дуюм хонандагон калимаҳои азхудкардаи худро дар шакли ҷумла мешунаванд ва дар ин ҳолат калимаҳо ба навъе муттасил шуда, талаффуз мешаванд, ки ба маҳорати шунавоии онҳо мушкилӣ эҷод мекунад.

Дар ҳолатҳое, ки матн ва ё мавзӯъҳо дар забони хориҷӣ барои хонанда ошно нест, ӯ барои фаҳмидани мавқеиятҳо мушкилӣ пайдо карда, оҷиз мемонад.

Инчунин ҳодисаҳои фонетикӣ, яъне овозҳои бо ҳам монанд ва баъзе ҳолатҳои грамматикӣ барои дарки шунида фаҳмидан душворӣ ба бор меоранд.

Барои густариш ва ҳавасмандсозии хонандагон, инчунин бартараф кардани мушкилоти шунида фаҳмидан ин вобастагӣ аз роҳу усули самаранок ба роҳ мондани маҳорати тафаҳҳум мебошад. Дар ин маврид чунин таъкид шудааст: Воқеан интихоби дурусти мавзӯи шунавоӣ барои хонандагони синфҳои поёнӣ матнҳои шавқовар, аз қабили афсонаҳо, ҳикояҳо, ҳайвонот ва мавзӯъҳое, ки мазмуни сода доранд, барои хонандагони синфҳои болоӣ бошад, дар мавзӯи сиёсат, техника, технология, дӯстӣ, ҳамкориҳои кишварҳои бо ҳам дӯст, обу ҳаво ва ғайраҳо, инчунин мавзӯъҳо доир ба интихоби касб писанд меоянд [3,105], қобили қабул аст.

Беҳтарин роҳ барои беҳбуд ва тақвияти маҳорати шунида фаҳмидани забони омӯхташаванда зиёд гӯш кардан аст. Имрӯз барои хонандагон лавозимоти шунидорӣ ба таври фаровон дастрас ҳастанд ва онҳо метавонанд, дар ҳолати заиф будани малакаи фаҳмиш, аз филмҳои дорои зернавис истифода намоянд.

Ҳолати дигари тақвияти тафаҳҳум мазмун ва калимоти матни шунидорӣ ба китоби дарсӣ алоқаманд бошад. Ҳамчунин баъди шунидани сабт аз ҷониби хонандагон мавриди муколама қарор дода шавад.

Дар малакаи тафаҳҳум ба як манбаъ, мавзӯъ ё сабки хос барои гӯш кардан ва тамрин кардан ба мақсад мувофиқ нест. Яъне танҳо ба ахбор гӯш кардан ба манфиати кор нест. Инчунин бояд ҳам овози ҷинси мардона ва ҷинси занона гӯш карда шавад.

Аз натиҷаҳои таҳлили шунида фаҳмидан маълум мегардад, ки он яке аз рукнҳои фаъолияти муоширатӣ дар таълими забони хориҷӣ ба шумор рафта, ду вазифаро иҷро мекунанд:

1) он мақсад ва воситаи таълими забони хориҷӣ мебошад.

2) омӯзгор бояд роҳу усули инноватсионии маҳорати тафаҳҳумро донад ва барои рафъи мушкилоти психологӣ ва лингвистии шунидорӣ кӯшиш ба харҷ диҳад.

**Адабиёт:**

1. Кочкина, З. А. Что должен слышать и слушать студент при овладении иностранным языком [Текст] //Иностранныие языки в высшей школе. -1955.- №1.- С. 14-22.

2. Усмонов, К., Бойматов А. Методикаи таълими забони англисӣ [Матн].- Хуҷанд.-2014.-220 с.

3. Рогова, Г. В. и др. Методика обучения иностранным языкам в средней школе/ Г. В. Рогова, Ф. М. Рабинович, Т. Е. Сахарова [Текст].— М.: Просвещение,1991.— 287 с.

4. Соловьева, Е. Н. Методика обучения иностранным языкам: базовый курс лекций: Пособие для студентов и учителей / Е. Н. Соловова.- 4-е изд. [Текст].-М.: Просвещение, 2006.-239 с.

**5.** Гольскова, Н.Д Современная методика обучения иностранным языкам: Пособие для учителя. — 2- е изд., перераб. и доп. [Текст]. - М.: АРКТИ, 2003. - 192 с.

# ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК ИНСТИТУТА ЯЗЫКОВ»

Все научные статьи, поступившие в редакцию журнала, подлежат обязательному рецензированию.

Заведующий редакцией определяет соответствие статьи требованиям к оформлению и направляет статью на рассмотрение главному редактору или его заместителю. Далее, с приложенной справкой о прохождении программы «Антиплагиат», - на рецензирование двум членам редакционной коллегии или двум внешним рецензентам - специалистам, докторам или кандидатам наук, имеющим наиболее близкую к теме статьи научную специализацию.

Заведующий редакцией, главный редактор или его заместитель имеют право единолично отклонить статью, если ее материал не соответствует тематике издания, его направленности и политике, а также требованиям к оформлению статей.

Рецензенты уведомляются о том, что, присланные им рукописи, являются собственностью авторов и содержат сведения, не подлежащие разглашению. Рецензирование проводится конфиденциально.

Сроки рецензирования определяются в каждом отдельном случае заведующим редакцией с учетом создания условий для максимально оперативной публикации статьи.

Рецензирование проводится конфиденциально для авторов статьи, носит закрытый характер. Рецензия предоставляется автору по его письменному запросу, без подписи и указания фамилии, должности, места работы рецензента. Рецензия с указанием автора рецензии может быть предоставлена по запросу экспертных советов в ВАК.

В рецензии освещаются вопросы, приведенные в приложении.

В заключительной части рецензии на основе анализа статьи должны быть даны четкие выводы рецензента о возможности публикации статьи в представленном виде, или о необходимости переработки (доработки) статьи по замечаниям рецензента.

Если рецензия содержит рекомендации по исправлению и доработке статьи, редакция направляет автору замечания рецензента с предложением учесть их при доработке статьи, или аргументировано их опровергнуть. Переработанная автором статья повторно направляется на рецензирование.

Если статья не рекомендована рецензентом к публикации, то текст отрицательного заключения направляется автору. В случае аргументированного несогласия автора с мнением рецензента, автор статьи может обратиться в редакцию с просьбой о направлении его статьи на дополнительное рецензирование. В этом случае редакционная коллегия журнала либо направляет статью на повторное (дополнительное) рецензирование, либо предоставляет автору мотивированный отказ в публикации. Окончательное решение по этому вопросу принимает главный редактор или его заместитель, который вправе опубликовать статью в качестве дискуссионной.

Наличие положительной рецензии не является достаточным основанием для публикации статьи. Окончательное решение о целесообразности и сроках публикации после рецензирования принимается главным редактором или его заместителем, а при необходимости - редакционной коллегией журнала.

Редакция журнала не хранит статьи, не принятые к печати. Все статьи, полученные редакцией, автору не возвращаются.

Оригиналы рецензий хранятся в редакции журнала в течении трех лет.

Редакция строго придерживается норм и правил международной публикационной этики.

## К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Вестник института языков» (серия филологических, педагогических, исторических и философских наук) печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований по филологическим, педагогическим, историческим и философским наукам.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

Размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках. В конце аннотаций приводятся ключевые слова (до 10 слов).

Статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия статьи. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере
(гарнитура Times New Roman Tj 14, формат А4, интервал одинарный, поля: верхнее - 3см, нижнее – 2,5см, левое – 3см, правое – 2см; ), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, далее через строку следует основной текст.

Ссылки на цитируемую литературу даются в квадратных скобках, например [1]. Список литературы приводится общим списком после ключевых слов (под заголовком «литература») в порядке упоминания в тексте.

Научные статьи, представленные в редакцию журнала, должны иметь направление учреждения, экспертное заключение и отзыв специалистов о возможности опубликования.

Плата за опубликование рукописей аспирантов не взимается.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи. Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

**ПАЁМИ ДОНИШКАДАИ ЗАБОНҲО**
**(*силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих ва фалсафӣ*)**

**ВЕСТНИК ИНСТИТУТА ЯЗЫКОВ**
**(*серия филологических, педагогических, исторических и философских наук*)**

Котиби масъул: **Носиров М.**
Муҳаррири матни тоҷикӣ: **Шосаидзода С., Миракзода Ф.**
Муҳаррири матни русӣ: **Оганесова Э.Г.**
Ороиши компютерӣ ва тарроҳӣ: **Саидов А.С.**

Ответственный секретарь: **Носиров М.**
Редактор таджикского текста: **Шосаидзода С., Миракзода Ф.**
Редактор русского текста: **Оганесова Э.Г**.
Компьютерное оформление и дизайн: **Саидов А.С.**

---

**Нишонӣ:** 734019, ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев 17/6
**Телефон:** (00 992 37) 2325003; 2325005
**Почтаи электронӣ:** payom@ddzt.tj
**Сомона:** www.ddzt.tj

**Адрес:** 734019, г.Душанбе, ул.Мухаммадиева 17/6
**Телефон:** (00992 37) 2325000; 2325003
**Электронная почта:** payom@ddzt.tj
**Сайт:** www.ddzt.tj

Ба матбаа супурда шуд: 30.03.2017.
Ба чоп имзо шуд: 10.04.2017.
Адади нашр 100 нусха.
Чопи офсетӣ. Андозаи 60x84 1/8.
Матбааи «Лингвопарк» Парки технологӣ
ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6.
Сдано в печать: 30.03.2017.
Подписано к печати 10.14.2017.
Тираж 100 экз.
Печать офсетная. Размер 60x84 1/8
Типография «Лингвопарк»
г.Душанбе, ул.Мухаммадиева 17/6.